ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 811.111+811.21/.22 (575.3)

ББК: 81

С - 54

СОБИРОВА УҒУЛБӢ САДУЛОЕВНА

НАҚШ ВА МАВҚЕИ ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

(дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ

Мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессор Мамадназаров А.

Душанбе – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……...……4
БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМОНИМИЯ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ……...…15
1.1. Муайян кардани мафҳуми омонимия дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ……...…15
1.2. Омилҳои асосии пайдоиш ва ташаккули калимаҳои омонимӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....24
1.3. Таҳлили этимологии омонимҳо дар забони англисӣ.....35
1.4. Таносуби омонимҳо ва полисемия (сермаъноӣ) дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....42
Омилҳои пайдоиши омонимҳои байнизабонӣ…….....……50
Хулосаи боби якум…….....57
БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ОМОНИМИЯ ДАР ОСОРИ ЛУҒАТНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ (дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ).....59
2.1. Инъикоси омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ.....59
2.2. Омонимҳои нопурра (омофон, омограф, омоформа) ва роҳҳои ташаккули онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....81
2.3. Роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар фарҳангҳои тафсирии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....101
2.4. Роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ.....111
2.5. Роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои тоҷикӣ-англисӣ.....119
Хулосаи боби 2…….....125
ХУЛОСА…….....…..128
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....132
ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ…….....134
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....152
ЗАМИМА…….....…...155

Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шарт

англисӣ

adj. – adjective

adv. – adverb

anat. – anatomy

bot. – botanic

cj – conjunction

colloq. – colloqual

e.g. – for example

etc. – et cetra

ex. – exercise

IDM. – Idiom

intej. – interjection

LAAD – Longman Advanced American Dictionary

ME – Middle English

med. – medical

NAmE – New American English

OALD – Oxford Advanced Learner's Dictionary

OE– Old English

pl. – plural

Pres.stem. – Present stem

polit. – political

pp. – past perfect

pt. – past tense

prp. – preposition

techn. – technical

v. – verb

тоҷикӣ

амер. – америкоӣ

гуфт. – гуфтугӯӣ

грам. – грамматикӣ

ғ. – ғайра

ДНТ – Дӯстони назарфиреби тарҷумон

Зарб. – Зарбулмасал

комп. – компютерӣ

лаҳ. – лаҳҷавӣ

маҷ. – маънои маҷозӣ

мус. – мусиқӣ

n. – noun

сиф. – сифат

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФАТ – Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ

ФТА – Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ

ҷуғр. – ҷуғрофӣ

МУҚАДДИМА

Калима муҳимтари воҳиди забони маҳсуб ёфта, яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами омӯзиши он маъно ва муайянкунии он мебошад. Паҳлуҳои семантикии сохти забон барои муайян намудани хусусият, меъёр ва аломатҳои маъноҳои калима ва роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, алоқа ва тобишҳои маъної ва тафовути маъноҳои калимаҳо мусоидат менамояд. Маънои луғавии калима ва мафҳуми ифодакунандаи он аз муҳимтарин масоили омӯзиши илми лексикологияи муосир ба ҳисоб меравад. Вожаҳои забонро, маъмулан, аз ҷиҳати мафҳум ва ифодаи маъно ба гуруҳҳои семантикӣ, аз ҷумла синонимҳо (калимаҳои ҳаммаъно), антонимҳо (калимаҳои зидмаъно), омонимҳо ва калимаҳои сермаъно ҷудо мекунанд.

Омонимҳо зуҳуроти забоние мебошанд, ки дар ҳама забонҳо вуҷуд доранд. Дар баробаи ин масъалаи омонимия яке аз масоили баҳсталаби илми лексикологияи муосир маҳсуб мегардад. Омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта дар ифодаи маъно гуногунанд.

Забоншиносони ватанию хориҷӣ омонимҳоро аз ҷиҳати сохт ба омонимҳои пурра ва нопурра ҷудо кардаанд. Омонимҳои пурра аз ҷиҳати навишт ва овозӣ ҳамгун буда дар маъно аз ҳам фарқ мекунанд ва ба як ҳиссаи нутқ марбутанд. Омонимҳои нопурра дар навбати худ ба омофон ва омограф ҷудо мешаванд. Омофонҳо танҳо аз ҷиҳати талаффуз ҳамгун буда, навишт ва маъноҳои гуногун доранд. Омографҳо аз ҷиҳати навишт ҳамгун, вале шакли овозӣ ва маъноҳои гуногун доранд.

Омонимияро баъзе муҳаққиқони тоҷик дар таҳқиқотҳои худ ҳамчун «вожаҳои ҳамгун», «муташобеҳ» истифода бурдаанд [4, 22, 73, 30]. Мо дар корамон калимаи «омоним»-ро истифода мебарем, ки мавриди истифодаи умум аст.

Дар байни забонҳои решаашон гуногун баъзан калимаҳоеро вомехурем, ки талаффузи монанд доранд, аммо бо маъноҳои гуногун мавриди истифодаанд, ки онҳоро омонимҳои байнизабонӣ меноманд. Муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки омонимҳои байнизабонӣ миёни

забонҳои хеш ва наздик сурат мегирад, аммо таҳлилҳо собит сохтанд, ки миёни забони англисӣ ва тоҷикӣ, ки сохти гуногун доранд, омонимҳои байнизабонӣ вуҷуд доранд.

Тадқиқоти мазкур ба ҳодисаи омонимия анҷомёфта дар заминаи лексикологияи забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ сурат гирифтааст. Аз ҷумла, доир ба ин масъала аз ҷониби забоншиносони рус ва тоҷик пажуҳишҳои амиқу арзанда анҷом ёфтаанд.

Яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммал доир ба масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ аз ҷониби забоншиноси рус В.В. Виноградов анҷом ёфтааст. В.В. Виноградов тавонистааст, ки самтҳо ва масъалаҳои муҳимми воҳидҳои луғавии забонро дар ҷанбаҳои илмӣ ва назариявӣ таҳрезӣ намояд. Ҳамчунин В.В. Виноградов аввалин бор мавзуи омонимия ва роҳҳои ташаккули онро дар забони русӣ таҳқиқ карда, изҳор доштааст, ки «масъалаи омонимия бояд яке аз муҳимтарин масоили матраҳшаванда ва аз назар дуррафтаи назарияи умумии луғатнигорӣ ва семиасиология бошад» [41, 289].

Дар забоншиносии тоҷик аввалин таҳқиқоти нисбатан мукаммал, ки доир ба омонимия анҷом ёфтааст, мақолаи А. Мӯъминов «Полисемия ва омонимия» мебошад. Муҳаққиқ дар ин мақола аз сермаъноии воҳидҳои луғавӣ, тағйири маънои калима ва дар заминаи он ба вуҷуд омадани маънои омонимии вожаҳоро нишон додааст. А. Мӯъминов дар баробари муайян намудани тафовути полисемия ва омонимия барои ин ду категорияи лексикӣ меъёрҳои семантикӣ ва грамматикиро пешниҳод кардааст [127, 267].

Аз таҳқиқотҳои солҳои охир метавон кори муҳаққиқ М. Ахмедова дар мавзуи омонимияро хотиррасон кард. Кори мавсуф «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ» ном дошта дар хусуси омонимия, намудҳои он аз рӯйи сохт ва роҳҳои ташаккули он андешаҳои ҷолиб иброз доштаанд.

Роҷеъ ба масъалаи омонимия дар баъзе таҳқиқотҳои ба таҳлили матнҳои қадимӣ бахшидашуда низ маводи қобили назар пайдо кардан

мумкин аст. Дар ин замина таҳқиқоти зиёд ба анҷом расидаанд, ки дар ҳалли масоили мубрами таркиби луғавии забони англисӣ-тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, дар робита ба масъалаи «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавон тадқиқоти Г.Н. Сидиқоваро зикр кард. Номбурда дар баробари баррасии масоили хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии омонимҳо, инчунин ба қазияи гурӯҳбандии омонимҳо, омонимҳои морфологӣ ва лексикӣ, омонимҳои фразеологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ чанд нуктаи арзишманд баён кардааст [157, 74].

Дар тадқиқоти Ч.А. Давлятова, ки ба омӯзиши омонимия ҳамчун категорияи сохт дар асоси маъводи забони тоҷикӣ бахшида шудааст, омонимия ва паронимия, омонимҳои байнизабонӣ, омонимҳои фонетикӣ ва графикӣ, омоформаҳо, омоморфемаҳо дар забони тоҷикӣ баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ, инчунин перомуни омонимия дар бозии забонӣ, духелагии морфемаҳои забони тоҷикӣ андешаҳои ҷолиб баён кардаанд [55, 110].

Бо амиқтар омӯхтани омонимия ва тасвиру инъикоси он дар луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ, фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ, муҳаққиқони забоншиносро водор сохт, ки ин зуҳурот бо тамоми хусусиятҳояш ба таври бояду шояд омӯхта шаванд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мавзуи “Нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт” (дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ) аз назари муқоисавӣ-типологӣ то имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Падидаи мазкур дар ташаккул ва рушди лексикаи забонҳои муқоисашаванда ва тарҷумаи хаттӣ ва шифоҳӣ аҳамияти муҳим дорад, аз ин рӯ таҳқиқ ва баррасии ин мавзуъ актуалӣ ва замонавӣ буда, барои муайян кардани мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт дар асоси фарҳангҳои тафсирии англисӣ, тоҷикӣ ва фарҳангҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ аҳаммияти назарӣ ва ҳам амалӣ

дорад. Натиҷаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур метавонад, ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои назарии омонимҳои пурра ва нопурра, аз ҷумла омографҳо, омофонҳо, омоформаҳо ва омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ ва таҳияи фарҳангҳои омонимии англисӣ-тоҷикӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҳамчунин метавонад, барои ба низоми муайян даровардани истилоҳоти забоншиносӣ, амалияи тарҷума аз забони англисӣ ба тоҷикӣ, типологияи муқоисавӣ ва таҳияи дастурҳои таълимию амалӣ мусоидат намояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Роҷеъ ба омӯзиши падидаи омонимия ва масоили марбут ба он таҳқиқотҳо ҳанӯз дар асри XIX оғоз ёфта буд ва таҳқиқотҳои зиёде аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла: О. Есперсен [1958], Л.А. Булаховский [1953, 1978, 2005], С. Улман [1970], А.И. Смирнитский [1948, 1953, 1954, 1998], И.В. Арнолд [2012], Ш. Балли [2001], О.С. Ахманова [2009], А.Я. Шайкевич [1959, 1962], В.В. Виноградов [1960, 1968, 1975, 1977], Г.Б. Антрушина [2004], Ю. С. Маслов [1963, 1987], А.А. Потебня [1968, 1993], И.С. Тишлер [1966, 1967, 1975, 1988], Р.А. Будагов [1971, 1976, 2003], А.А. Реформатский [1996, 2006], Л.В. Малаховский [1989, 1973, 1977, 1978, 2009], Н.П. Колесников [1978], Ш. Рустамов [1971, 1983], М. Норматов [1995, 2006], Ҳ. Маҷидов [1997, 2007], О. Давлатов [1981, 1984, 1985, 1988, 1999], М.Н. Ахмедова [2009, 2010], М.Т. Каримова [2009, 2012, 2013], С.С. Ҷоматов [2013, 2015], Г.Н. Сидиқова [2021], Ш. Кабиров [1991], М. Алламурадова [1992] ва дигарон. Қобили қайд аст, ки дар шакли рисолаҳои илмӣ дар ин муддат якчанд масъалаҳои вобаста ба табиат ва моҳияти омонимҳо, аз ҷумла мафҳуми омонимия, хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ рӯи чоп омадаанд. Масалан, “Пути образования омонимов и их классификация в таджикском языке” (Каримова, 2013), “Классификация и лексико-семантические особенности омонимов в таджикском и английском языке” (Г.Н. Сидиқова, 2021), “Омонимия как системная категория: на материале таджикского языка” (Ч.А. Давлятова), “Лексико-семантические особенности омонимов персидского языка” (М.Н.

Ахмедова), “Лексико-стилистические особенности поэзии Лоика Шерали (полисемия, омонимия, паронимия) ва ғайра. Мақсади пажуҳишгарон бештар таҳқиқу таҳлили хусусиятҳои асосии омонимҳо буд. Омонимҳои луғавӣ пурратар омӯхта шуда, корбасти услубии онҳо то ҷое аз назари таҳқиқ гузаштанд.

Дар боби омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ, грамматикӣ-лексикӣ ва омонимҳои байнизабонӣ дар забони англисӣ саҳми донишмандон Л. Бауер (Bauer L.) [2018], М. Кесслер (Kessler, M.) [1928], О. Есперсен (Jespersen O.) [1935], С.Т. Улман (Ullmann S.T.) [1970], Е.Р. Уилямз (Williams E.R.) [1944] ва дигарон бағоят бузург аст. Ин рисолатро дар забони тоҷикӣ Р. Ғаффоров [1990], О. Давлатов [1981, 1988], Ҳ. Маҷидов [2007], А. Муминов [1972, 1975], М. Муҳаммадиев [1990], З. Абдулазизова [2008] ва дигарон амалӣ намудаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барнома ва мавзуъҳои илмии даврони муосир алоқаманд буда, дар масири омӯзиши фанҳои забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, луғатнигорӣ, ҳамчунин назария ва амалияи тарҷума кумак менамояд. Инчунин диссертатсия ба сархати 9-уми қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 (“Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”) иртибот дорад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ. Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро масъалаи марбут ба мавзӯи омонимия дар забони англисӣ ва тоҷикӣ, нақш ва мавқеи он дар шарҳу тафсири луғатҳои гуногун фаро гирифтааст. Омографҳо, омофонҳо ва омоформаҳо, ки як шакли омонимҳои нопурра мебошанд, монандӣ ва тафовути онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Инъикоси ин падидаҳо ва инчунин омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикиро дар луғатҳои дузабона ҳадафи таҳқиқ қарор додем.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба мақсади дар диссертатсия гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин тақозо мешаванд:

▪ таҳқиқ ва муайян кардани мафҳуми омонимия дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

▪ омилҳои асосии пайдоиш ва ташаккули калимаҳои омонимӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

▪ муайян кардани таносуби омонимҳо ва полисемия (сермаъноӣ) дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

▪ таҳқиқи омилҳои пайдоиши омонимҳои байнизабонӣ;

▪ таҳқиқи навъҳои гуногуни омонимия ва таснифи он – омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва инъикоси онҳо дар луғатҳои дузабона;

▪ баррасӣ ва таҳқиқи омонимҳои нопурра ва роҳҳои ташаккули онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

Дар асоси мақсадҳои дар пеш гузошта ҳалли вазифаҳои зерин дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар назар аст:

▪ баррасӣ ва муайян кардани нақши омонимҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

▪ таҳқиқи роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ;

▪ таҳқиқи роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ;

▪ таҳқиқи роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои тоҷикӣ-англисӣ.

Объекти таҳқиқ фарогири нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ дар шакли муқоисавӣ мебошад.

Предмети таҳқиқ. Падидаи омонимия дар «Oxford Advanced Learner’s Dictionary»-и А.С. Ҳорнби, «Longman American Advanced Dictionary» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров, «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов, ба ҳайси предмети таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар рафти омӯзиш ва баррасии масъалаҳои марбут ба рисола ба таълифоти забоншиносоне чун В.В. Акуленко, Т.С. Амиреджиби, Л.И. Борисова, Р.А. Будагов, В.В. Дубичинский, О.Ю. Инкова, М.М. Каскулова, В.Н. Комиссаров, Н.В. Коростелева, В.Л. Муравев , Ю. Новиков, М. Разморо, Д.В. Самойлов, Б. Абдулазизова, Ҳ. Маҷидов, А.А. Муминов, М. Алламурадова, С.Ҷоматов ва дигарон такя намудем.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Диссертатсияи мазкур дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, таҳлили сохторӣ, семантикӣ, этимологӣ, луғавӣ, грамматикӣ, тасвирӣ ва амсоли инҳо таълиф гардидааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия усулҳои таҳлили маъноӣ дар асоси фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ ва тарҷумавӣ ба роҳ монда шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ҳангоми таълифи диссертатсия ба «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (иборат аз ду ҷилд), «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров, «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ»-и П. Ҷамшедов; «Луғати тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов, «Oxford Advanced Learner’s Dictionary»-и А.С. Ҳорнби, «Longman American Advanced Dictionary», «Ложные друзья переводчика»-и М. М. Каскулова, «Ложные друзья переводчика»-и В.Н. Комиссаров, «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ»-и Ш. Кабиров ва луғатҳои омонимии интернетӣ такя намуда, ҳамзамон, таҷрибаҳои луғатнигории тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва корҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла: Л.А. Булаховский, С. Улман, А.И. Смирнитский, И.В. Арнолд, М.Н. Ахмедова, С.С. Ҷоматов, М.Т. Каримова, Г.Н. Сидиқова, М. Норматов, Ҳ. Маҷидов, Ш. Кабиров, М. Алламурадова ва дигарон истифода шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқ. Дар рисолаи диссертатсионии мазкур бори нахуст дар илми забоншиносии муосири тоҷик масъалаи нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт дар асоси луғату фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-

тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор гирифтааст. Инъикоси омонимҳо, умумияту фарқиятҳои онҳо дар «Фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов ва А. Мамадназаров ва «Фарҳангҳои тоҷикӣ-англисӣ»-и П. Ҷамшедов ва Ҷ. Маматов мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Аз қабили омофону омограф ва омоформаҳо, ки як шакли омонимҳои нопурра мебошанд, дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар қиёс бо забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмӣ қарор дода шудааст. Хусусияти дигари навгонии кор, ки аз дигар пажуҳишҳо фарқ мекунад, бори аввал тасвири омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифт.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ омонимҳои лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба як ҳиссаи нутқ мансубанд. Хусусияти фарққунанда дар он аст, ки вожаҳо айнан дар навишт ва талаффуз дар забонҳои муқоисашаванда монанд бошанд ҳам, вале дар забони тоҷикӣ метавонад, яке бандаки изофӣ қабул кунад, ки дар забони англисӣ ин вуҷуд надорад;

2. Таҳқиқот нишон дод, ки омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар ду забони муқоисашаванда аз ҳамдигар тафовут доранд. Яке аз вижагиҳои фарққунанда дар он аст, ки омонимҳо дар забони тоҷикӣ ҳангоми дар ҷумлаҳо истифода бурдан метавонанд, бандаки изофии -и, пасванди -ӣ ва ё пасоянди «-ро» қабул кунанд ва шакли яке тағйир ёбад. Дар забони англисӣ ин ба омонимҳо хос нест;

3. Пажуҳиши мазкур аён сохт, ки ҷанбаҳои назарӣ ва таърихи пайдоиши зуҳуроти омонимияро, ки бо марҳилаҳо муайян гардидаанд, аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо кунем: сода ва таркибӣ;

4. Зимни таҳлил собит гардид, ки дар забони англисӣ ҳар гунае, ки дар луғатҳо омонимҳои нопурра, лексикӣ, грамматикӣ дода шудаанд, дар ҷумлаҳо низ бе тағйири шакл меоянд, яъне ҷуфтҳои омонимӣ дар шакли навишту овозӣ ҳамранг буда, танҳо дар маъноҳо гуногунанд.

Сохтани ибора дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҳам фарқ мекунанд, аз ин лиҳоз, ҳангоме ки дар забони тоҷикӣ омоним ибора месозад, шакли худро гум мекунад, дар забони англисӣ он бетағйир мемонад;

5. Мушаххас гардид, ки омонимҳо ва мавқеи онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ фарқияти назаррас доранд ва дар ин росто сермаъноӣ аз омонимия бо хусусияти маъно ва бо алоқамандии маъно ва мафҳум фарқ мекунанд;

6. Таҳлили мазкур нишон дод, ки инъикоси омонимия дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ ва луғатҳои дузабона аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд.

7. Таҳлил собит сохт, ки омографҳо, ки як шакли омонимҳои нопурра буда, танҳо дар навишт мувофиқат мекунанд, собит гардид, ки дар забони англисӣ метавонанд худашон танҳо ҷумла созанд ва дар фарҳангҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ҳамчун омоним инъикоси худро ёфтааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур метавонад, аз ҷиҳати ҷанбаҳои назарӣ барои муқоисаи омонимҳо, аз ҷумла, сарчашмаҳои пайдоиши онҳо дар ду забони муқоисашаванда, умумияту фарқияти инъикоси онҳо дар фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона дар типологияи муқоисавӣ заминаи асосӣ бошад. Хусусиятҳои назарӣ ва амалӣ, ки дар таҳқиқоти мазкур нишон дода шудааст, дар рисолаҳои минбаъда метавонад, барои таҳқиқоти муқоисавию таърихӣ, муқоисавӣ ва типологии ин зуҳурот ба сифати заминаи методологӣ хизмат кунад. Натиҷаҳои бадастоварда метавонанд, барои як қатор масъалаҳои забоншиносӣ, махсусан забоншиносии муқоисавӣ ҳамчун заминаи илмию назарӣ муаррифӣ гардида, баҳри таҳқиқоти минбаъдаи ин зуҳуроти марбут ба забоншиносӣ ҳамчун манбаи илмӣ метавонад мусоидат кунад. Ғайр аз ин, натиҷаҳои кори мазкур имкон медиҳанд, то хусусиятҳои типологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври муфассал таҳқиқу баррасӣ гарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми омода ва хондани лексияҳо оид ба лексикология ва типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муқаддимаи забоншиносӣ ва забоншиносии умумӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур инчунин имкон фароҳам меоваранд, то ҳангоми тартиб додани луғатҳои омонимии англисӣ-тоҷикӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд, ба тарҷумонҳо барои беҳтар кардани сифати кору фаъолияташон мусоидат кунад, зеро дар диссертатсияи мазкур роҳу усулҳои тарҷумаи омонимҳо, намудҳои он омофону омограф ва омоформаҳо ба таври васеъ нишон дода шудааст.

Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ, равияи филологӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад хидмат кунад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсия дар мавзуи “Нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт” (дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ) ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ таҳрезӣ шудаанд. Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ дар заминаи омӯзиши амиқи маводи таҳқиқшаванда бори аввал нақш ва мавқеи омонимҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар асоси фарҳангу луғатҳои тафсирӣ ва дузабона мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода, онҳоро аз рӯйи мавқеъ ва аломатгузорӣ, фарқияту умумият дар фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, фарҳангҳои тоҷикӣ-англисии П.Ҷамшедов ва Ҷ. Маматов, «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» муайян кардааст. Инчунин инъикоси онҳо дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-

тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ низ бори нахуст аз тарафи муҳаққиқ мавриди пажуҳиш ва таҳлилу баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст(суратҷаласаи №4 аз 22. 11. 2022). Ҳамзамон, нукоти муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дигар конференсяҳои донишгоҳӣ ба шакли гузориш баён шудананд.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия дар 13 мақола: 4 мақола дар журналҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва 5 мақола дар маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявӣ, 1 мақола дар маҷаллаи байналхалқии илмӣ-амалии ENDLESS LIGHT in SCIENCE, 1 мақола дар маҷаллаи Паёми Осиё ба чоп расондаи муаллифи рисола инъикос ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи мазкур таҳти унвони “Нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт” (дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ) аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар маҷмуъ 176 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИИ ОМОНИМИЯ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

1.1. Муайян кардани мафҳуми омонимия дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Омӯзиши калимаҳои омонимӣ дар замони муосир вазифаи яке аз шохаҳои луғатшиносӣ ба шумор меравад. Омонимия дар ҳамаи забонҳо мушоҳида мешавад, он ҳодисаи табиии забон буда, бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд меояд.

«Омоним» аз калимаи юнонӣ **homos** – якхела, монандӣ, баробар ва **onyma** – ном (name) гирифта шудааст. Омонимҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки ҳам аз рӯи талаффуз ва ҳам аз рӯи шакли овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд ва ҳатто маънии якеро дар заминаи дигаре муайян кардан ғайриимкон аст [213, 15].

Бори аввал Арасту омонимҳоро ҳамчун «предмете, ки номи умумӣ доранд, вале маъноҳои гуногунро доро ҳастанд, ифода карда буд. Арасту кӯшиш кард, ки ба «номҳои якхелаи чизҳои гуногун» диққат диҳад [18, 236].

Демокрит боисрор собит сохт, ки номҳо аз қонун, на аз шакл аст. Ӯ инро бо чор хулосабарорӣ, аз ҷумла бо ҳамномӣ асоснок кард. «Чизҳои аз ҳамдигар фарққунанда, ки номи якхела доранд, аз асл ё табиӣ мебошанд» [11, 34].

Яке аз аввалин забоншиносони рус, ки дар забоншиносии славянӣ ақидаи худро дар бораи қонунияти омонимҳо иброз кардааст, Л.А. Булаховский буд. Эътирофи ҳаматарафаи омонимия имкон медиҳад, то тасдиқ кунем, ки ба омонимия чун «иллат» ё «нуқс»-и забон, ки ба амал кардани он халал мерасонад, баҳо додан нодуруст аст. Омонимия он қадар хавфнок нест, одатан аз матн аён мегардад, ки калима – омоним истифода шуда кадом маъноро дорост ва ҳодисаи каҷфаҳмӣ дар таҷрибаи забонӣ кам ба амал меояд [37, 157].

Ба андешаи мо низ омонимҳо дар забон бойигарии ин ё он забон мебошанд ва онҳо забонро рангинтар, ҷолибтар мегардонанд.

Истифодаи омонимҳо дар забон, махсусан барои ҳаҷвнигорон, барои болидарӯҳ гардондани мардум кӯмаки калон мерасонад. Масалан, дар забони тоҷикӣ ду шоҳмотбоз пас аз тамом кардани бозӣ мегӯянд: «Ӯ маро бурд» Сеюмӣ мепурсад: «Куҷо?» ё «Ман бой додам». Гуфта наметавонем, ки «Ман камбаҒал додам», яъне «бурд» – *голиб омадан*, «бой додан» – *шикаст хӯрдан* аст. Тавассути омонимҳо фикр ё андешаи худро ба таври мукаммал ифода намудан мумкин аст ва дарки онҳо бечуну чаро аз маънои умумии матн маълум мешавад.

С. И. Ожегов зери мафҳуми омоним «калимаҳои аз рӯйи талаффуз монанд, вале аз рӯйи маъно, инчунин аз рӯи системаи шакл ва реша пурра тафовутдоштаро» ва ё «калимаҳои аз рӯйи талаффуз монанд, аломати умумии семантикӣ ва мувофиқати маъноҳои як калимаро дода наметавонанд», мефаҳмад [137, 69].

Э. Эман чунин менависад: «Ҳар он чизе, ки саҳеҳбаёнӣ ва равшании забонро халалдор мекунад, барои забон монеа мебошад. Бинобар ин омонимия, ки ба бесарусомонӣ ва каҷфаҳмӣ оварда мерасонад, он низ чун монеа фаҳмида мешавад. Бисёре аз муаллифон аз қабили Р. Василева, Р.С. Бричз, Ҷ. Орр, Ҷагер ва Кеннеди низ ҷонибдори ҳамин ақидаанд [184, 117].

Р.А. Османова зикр кардааст, ки ҳама чизро «гуногуншаклии ҳаёт, мақсад»-ро бо овозҳои зиёд баён кардан номумкин аст, аз ин лиҳоз омонимия «ҷараёни табиии забон» аст [138, 54].

Ю.С. Маслов омонимҳоро чунин шарҳ додааст: «Мо зери мафҳуми омонимия ҳар гуна айнияти овозиро дар сатҳи ду калима ва ё дар сатҳи морфема ва ибора морфема, аз дигар тараф ибораи калимагиро мефаҳмем» [117, 198].

В. А. Звегинсев ақида дорад, ки калима дорои якчанд маъно шуда наметавонад [65, 85].

Вобаста ба ақидаи Ф.И. Мюллер С. Т. Улман зикр мекунад, ки дар яке аз лаҳҷаҳои Фаронса барои ифодаи мафҳуми «мурғ» ва «гурба» калимаҳои якхела истифода мешуд, ки дар шароити хоҷагидории

деҳқонӣ хеле ноқулай буд ва ин ба иваз кардани яке аз онҳо бо калимаи нав оварда расонд, ки якеро аз дигаре фарқ мекунонд [174, 250].

«Омонимҳо чун полисемия ҳодисаи табиии забон мебошанд» ва забон аз вуҷуд доштани онҳо ягон норасоӣ ҳис намекунад, «зеро ки барои шунавандаи контекст ва ҳикоя омонимҳо фарқ кунонда мешаванд», шарҳ медиҳад Р.А. Будагов [34, 132].

Л. В. Малаховский ба ин андеша розӣ шуда, қайд мекунад, ки «омонимия хусусияти рамзии забонро гум накарда, дар ҷараёни муносибат халал намерасонад, вале андозаи ин халалрасонӣ дар ҳар забон гуногун аст. Баъдан муҳаққиқ ба андешае меояд, ки шояд ҳадди муайяни сермаъноии забон бо омонимҳо бошад ва аз ин ҳад зиёдаш муносибатро душвор созад» [102, 47].

В.В. Виноградов омонимҳоро калимаҳое номидааст, ки аз рӯйи маъно ва баъзан таркиби морфологии худ гуногун буда, аз ҷиҳати сохтори овозӣ дар ҳамаи шаклҳо монанданд. Ба андешаи В.В.Виноградов омонимия «натиҷаи каму беши раванди дуру дарози таърихии тараққии забон» мебошад. Омонимҳо гуфта, метавон танҳо он воҳидҳои лексикиро номид, ки дар ҳамаи шаклҳо овозҳояшон бо ҳам мувофиқат мекунанд» [41, 290].

Ба ақидаи Ф.И. Мюллер омонимия «барои зичии забон хизмат мекунад ва ин зуҳуроти судманд» аст [128, 136].

Дар робита ба ин масъала А.А. Потебня чунин ақида дорад: «Камтарин тағйироти маъноии калима боиси пайдоиши калимаи дигар мегардад» [144, 15], ки дар ин ҳолат дар байни мафҳуми омонимия ва сермаъноӣ тафовут ба миён намеояд.

Мо дар ин хусус ба ақидаи А.А. Потебня розӣ ҳастем, албатта, камтарин тағйироти маъноии калима боиси пайдоиши калимаи дигар мегардад, вале ба ҳар ҳол тафовут миёни омонимия ва полисемия аз байн намеравад.

Д. Э. Розентал омонимияро чун «мувофиқати овозии ду ё якчанд воҳидҳои овозии аз рӯйи маъно фарққунанда» зикр кардааст 150, 242].

А.И. Головня оид ба омонимҳо чунин ибрози ақида мекунад: «Омонимия умуман вуҷуд надорад, танҳо ҳолати муайяни омонимияи забон мавҷуд аст.» [46, 22].

Муҳаққиқони гурӯҳи дигар, аз ҷумла, А.А. Реформатский, омонимияро беморӣ ё камбағалии забон ҳисобидаанд. Ба ақидаи ӯ, омонимҳо барои аз ҳам ҷудо намудани ашё душворӣ пеш меоранд, аз ин лиҳоз, омонимия камбағалӣ ё нодории забон аст [146, 48].

Р. А. Будагов ба ақидаи Реформатский розӣ нашуда, ақидаи худро чунин иброз мекунад: «Омонимҳо мафҳуми васеъ паҳншудаи луғатшиносӣ мебошанд ва онҳоро «калимаҳои нолозим» шуморидан нодуруст аст. «Омонимҳо танҳо дар ҳолатҳои кам ба якдигар халал мерасонанд. Дар амал, ҳолате, ки омоним ноқулайӣ овардааст, муваққатӣ мебошад, зеро забон пешакӣ аз он ҷабҳа омонимҳоеро, ки ноқулайӣ овардааст, бартараф месозад» [31, 170].

Р. А. Будагов омонимияро ҳодисаи табиии забон шуморида, қайд кардааст, ки «омонимҳо дар бой гардидани таркиби луғавии забон ёрии калон мерасонанд» [31, 53].

Масъалаи омонимия, хусусан дар забоншиносии рус барвақт ба риштаи омӯзишу таҳқиқ кашида шудааст ва то ҷое ба комёбиҳои назаррас ноил шудааст. Дар бораи ин падида, иддае аз олимони рус таърифҳои омонимро пешниҳод кардаанд, ки мо аз байни онҳо таърифи ба омоним додаи Д.Н. Шмелёвро нисбатан пурратар арзёбӣ намуда, ақидаи ӯро ҷонибдорӣ мекунем. Ӯ мегӯяд: «Омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ ба ҳам мувофиқанд, яъне шаклан якхелаанд, вале маъноҳоеро ифода мекунанд, ки дар байни онҳо ягон хел умумият вуҷуд надорад. Омонимҳо калимаҳои ҷудогона, мустақил ва дуҷузъа мебошанд». Ӯ ақидаи худро идома дода, омонимҳоро омилҳои забоние медонад, ки ҳақиқати он ба исбот ниёз надошта, балки таҳқиқу омӯзишро тақозо дорад [181, 87].

Мо ақидаи Д.Н. Шмелёвро тарафдорӣ карда таъкид мекунем, ки омонимҳо дар танҳоӣ вуҷуд дошта наметавонанд, онҳо ҷуфт-ҷуфт

меоянд ва метавонанд сеҷузъа ва аз ин ҳам зиёдтар шуда биёянд, масалан: **bound I** [baund] *n.* хез, ҷастухез. **bound II** [baund] *v.* барҷаста хестан, ҷастухез кардан. **bound III** [baund] *past part*. of to bind). **bound IV** [baund] *adj.* омода, тайёр.

Г.Б. Антрушина омонимҳоро калимаҳое номидааст, ки аз ҷиҳати овозӣ ва талаффуз, ё ақаллан бо яке аз ин хусусиятҳо монанд буда, аз ҷиҳати маъно гуногун мебошанд:

bank, *n.* – **a shore** – *соҳил (дарё, баҳр, кӯл)*

bank, *n.* – **an institution for receiving, lending, exchanging, and safeguarding money** – *банк* [12, 166].

Карол Хоу (Carole Hough) муҳаққиқи англис омонимро чунин таъриф додааст: Омоним ду намунаи як шакли забоншиносӣ мебошад, ки бо ҳам муносибате надоранд, зеро онҳо аз решаҳои гуногун сохта шудаанд, вале дар забони муосир хониш ё шакли талаффуз ё ҳардуро соҳиб мебошанд [188, 26].

Л.В. Шерба зуҳуроти омонимияро умуман эътироф намекунад. Ӯ чунин мешуморад, ки «калима дорои якчанд маъно буда наметавонад» [183, 291].

Р.С. Бричз чунин менависад: «Дар забон ҳар қадаре, ки омонимҳо бисёр бошанд, ҳамон қадар он барои забони илм ва воситаи қулайи нутқ будан, бад аст» [187, 90].

Дар забоншиносии тоҷик низ доир ба моҳият ва нақши омонимҳо дар рушду нумуи таркиби луғавии забони тоҷикӣ фикру андешаҳои гуногун ҷой доранд. Бояд таъкид намуд, ки аввалин бор дар бораи омонимҳои забони тоҷикӣ Т. Зеҳнӣ дар мақолаи худ «Калимаҳои шинос ва шиносшаванда» (1964) ибрози андеша намуда, онҳоро бо истилоҳоти «шинос», калимаҳои «шиносшаванда», «ташнис» ном мебарад [68, 187].

М. Муҳаммадиев ақида дорад, ки «омонимҳо яке аз категорияҳои лексикӣ буда, аз тазоҳуроти сермаъноии калимаҳо мебошанд» [126, 22].

Перомуни масъалаи омонимия дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти яклухт ва бунёдӣ гузаронида нашудааст. Муҳаққиқон, асосан, ба ягон

ҷиҳати ин мавзуъ рӯ оварда, назари худро дар доираи мақолаҳои илмӣ баён кардааанду халос. Вале луғатшинос М. Муҳаммадиев дар кушоиши масъалаҳои шинохти омонимҳо, тафовути онҳо аз вожаҳои сермаъно, манбаъҳои пайдоиш ва таснифоти омонимҳо аз ҷиҳати сохт, шакли зуҳур ва роҳҳои нашъунамо нисбатан ҷиддитар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар забони англисӣ ба мисли забони тоҷикӣ низ калимаҳое мавҷуданд, ки аз ҷиҳати шакл, таркиби овозӣ, навишт ва талаффуз ба ҳам монанд буда, аммо маъноҳои гуногуни луғавӣ доранд ва ин навъи калимаҳо омонимҳо мебошанд.

Аксари омонимҳо дар ҳолати аз ҳам дур шудани баъзе маъноҳои алоҳидаи калимаҳои сермаъно ва ҳамреша ба вуҷуд омадааанд. «Гоҳо омонимҳо аз калимаи сермаъно пайдо мешаванд, вале дар ин маврид ҳам фарқи маъноӣ ба дараҷаест, ки калимаи нав аз заминаи ибтидоӣ хеле дур рафта, ба сифати воҳиди мустақили луғавӣ воқеъ мегардад» [49, 16].

Дар мулоҳизаҳои методии М.А. Алламуродова фикри муҳим ифода ёфтааст. Ӯ зикр менамояд, ки «хонанда ва ё шунавандае, ки табиати хоси забонро медонад, дар истифодаи омоним ҳеҷ гоҳ ғалат намекунад, омӯзиши омонимҳо барои бартараф намудани нуқси сухани ровиёни радио ва телевизион низ кӯмак карда метавонад. Аз нодурустии зада оҳанги нутқ ва ҳатто баъзан вақт маъно зарар мебинад» [9, 49].

Ба андешаи мо низ тарҷумони хуби забони англисӣ, ки забонро аз нуқтаи назари грамматикӣ, фонетикӣ ва луғавӣ, яъне ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани онҳо, маъноҳои зиёди онҳо, транскрипсия ва ҷойи зада дар калимаҳоро медонад, ҳеҷ гоҳ ба хатоӣ роҳ намедиҳад.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар бораи омонимҳо чунин ибрози ақида кардааст: «Дар ҳар як забон, аз ҷумла дар забони тоҷикии мо ҳам баробари калимаҳои аз бобати қиёфаи овозиашон аз ҳам комилан фарққунанда боз як миқдори муайяни калимаҳое низ мавҷуданд, ки бо сохти овозии худ бо ҳам баробаранд ва ё наздикӣ доранд. Ин гуна вожаҳо калимаҳои ҳамовоз ё омонимҳо номида мешаванд» [118, 59].

Ба андешаи М. Аҳмадова «Омоним ва калимаҳои гурӯҳи омонимиро дар истилоҳи имрӯзаи забоншиносии арабӣ калимоти «муташобеҳ», яъне калимаҳои бо ҳам монанду наздик меноманд. Ба гурӯҳи калимаҳои «муташобеҳ» ҳам омонимҳои пурра ва ҳам омонимҳои нопурра: омограф (**object I** ['ɔbʤikt] *n.* чиз, ашё; **object II** [əb'ʤekt] *v.* мухолиф будан); омофон (**profit** ['profit] *n.* суд, манфиат, фоида; **prophet** ['profit] *n.* пайғамбар, паёмбар); омоформа (**rose** [rouz] садбарг ва **rose** [rouz] шакли замони гузаштаи **rise**) ва ҳамчунин калимаҳои паронимӣ (**seize** [si:z] *v.* қапидан; **cease** [si:z] қатъ кардан) мансубанд. (Омоформаҳо – омонимҳое мебошанд, ки аз рӯйи навишт ва шакли овозӣ танҳо дар шакли алоҳида монанданд. Паронимҳо омонимҳое мебошанд, ки аз рӯйи шакл ҳамгун нестанд). Аммо худи М. Аҳмадова ҷонибдори истифодаи истилоҳи омоним аст. Ӯ дар рисолаи худ чунин қайд мекунад: «ба хотири роҳ надодан ба гуногуннависӣ аз вожаи маъмули омоним истифода кардем» [23, 15].

Мо низ ҷонибдори андешаи М. Аҳмадова дар бобати истифода бурдани истилоҳи байналмиллалии «омоним» мебошем, зеро дар забонҳои русӣ ва англисӣ низ истилоҳи «омонимия» (homonym) мавриди истифода қарор мегирад.

Забоншиносони тоҷик М. Муҳаммадиев, Ҳ. Маҷидов, М. Алламуродова, О. Давлатов ва М. Каримова низ хусусиятҳои асосии омонимҳоро дар маҷмӯъ ба таври зер муайян кардаанд:

1. Омонимҳо шакл ва таркиби овозии якхела доранд.
2. Имло ва талаффузи ин унсури луғавию маъноӣ низ якхела мебошад.
3. Дар асл омонимҳо ду ва ё зиёда калимаҳои гуногуне мебошанд, ки бо сабабҳои мухталиф нисбат ба якдигар монандии шаклию овозӣ пайдо кардаанд.
4. Як бахши ин вожаҳо ба таъсири ҳодисаҳои фонетикии забон гирифтор шуда, тағйироти овозиро аз сар гузаронида, тасодуфан бо калимаи дигар ҳамшаклу ҳамовоз шуда мондаанд.

5. Як гурӯҳ калимаҳои иқтибосии ба забонамон воридшуда дар ҳамон шакли аслии худ ба вожаҳои забони тоҷикӣ мушобеҳ гардиданд ва ё дар зери таъсири қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ унсури бегонашакл ва ё мазмуни дигар пайдо карда, бо калимаҳои аслии тоҷикӣ муносибати ҳамшаклӣ пайдо кардаанд.

6. Барои омонимҳо гуногунмаъноӣ мансуб аст, ки ин хеле муҳим мебошад.

Муҳаққиқон дар муайян кардани хусусиятҳои омонимия ва тафовути онҳо аз полисемия дар забони англисӣ ба хулоса омадаанд, ки омонимҳо бо ду хатти параллел баробаранд, ки ин хатҳо ба монанди полисемия ҳеҷ гоҳ якдигарро намебуранд, яъне нуқтаи умумӣ пайдо намекунанд. Чунончи дар забони тоҷикӣ калимаҳои «**бино**» ва «**бино**» ба ҳам омоним мебошанд, ки аз рӯйи маъно аз ҳам фарқ мекунанд. «**бино**» - и якум ба маънои «иморат, сохтмон» ва «**бино**»-и дуюм ба маънои «бинанда» мустаъмал аст [119, 48].

Мо, инчунин, калимаи «дам»-ро, ки маъноҳои зайли ба ҳам алоқамандро ифода карда метавонад, мисол оварда метавонем: 1) нафас; (*ҳар дам ганимат аст*) 2) истироҳат; (*мо дам мегирем*) 3) даҳон; (*даматро гир*) 4) дам ба дам (*тез-тез*): 5) пуф кардан (*пуфакро дам кунед*): 6) пӯшондан (*ошро дам андохтем*): 7) фарбеҳ (*ӯ дам кардаст*) 8) тезӣ (*дами корд*) ва ғ

7. Маъноҳои бо ҳам алоқаманд доранд, ки ин сермаъноии онҳоро нишон медиҳад ё ин ки аз маънои яке маънои дигареро метавон дарк кард.

8. Маъноҳои вожаҳои омонимӣ ба ҳадде аз ҳам дуранд, ки зимни ба онҳо синоним овардан умумияти маъноӣ надоштани чунин воҳидҳои луғавӣ боз ҳам равшантар намоён мешавад: **бод** (шамол), **бод** (номи бемории табобатнашаванда, саратон), **бод** (шакли ихтисоршуда вожа бошад).

9. Сарчашмаи пайдоиши воҳидҳои луғавии сермаъно ҳамон маънои аввалаи калима мебошад, ки такомули маъноиро аз сар гузаронида, дар матни муайян ба маънои нав молик шудааст.

10. Маъноҳои вожаҳои сермаъно нуқтаи умумии пайдоиш доранд ва ду хатеро мемонанд, ки дар ягон нуқта ҳамдигарро мебуранд ё баръакс.

11. Барои ҳодисаи сермаъної робитаи мантиқии ҷузъҳои маъної муҳим бошад, барои зуҳуроти омонимия дар байни маънои ҷузъҳо алоқамандӣ дида намешавад.

12. Синонимҳои калимаҳои сермаъно ба ҳам аз лиҳози семантикӣ иртибот доранд, аммо иртиботи маъної дар силсилаи синонимии вожаҳои омонимӣ ба мушоҳида намерасад, онҳо калимаҳои ҷудогонаанд [Муҳаммадиев, 1990, Ҳ. М. Алламуродова, 1992, О. Давлатов, 1999, Ҳ. Маҷидов, 2007, М. Каримова, 2013].

«Калимаҳое, ки ба гурӯҳи омонимҳо дохил мешаванд, байни ҳамдигар ҳеҷ гуна умумияти маъної надоранд» қайд мекунад М. Каримова [77, 56].

Омонимия дар ҳамаи забонҳо вуҷуд дорад ва ин ҳодисаи забониро аксарияти забоншиносон тарафдорӣ кардаанд.

Хулоса, аз андешаю ақидаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки қисмати зиёди онҳо дар ақидаи онанд, ки омонимия вуҷуд дорад ва онҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати шакл ва овоз ҳамранг буда, маъноҳои гуногун доранд. Қисмати дигари онҳо, аз қабили А.А. Реформатский омонимияро «бемории аср» номидаанд ва А.И. Головня, Л.В. Шерба омонимияро умуман эътироф намекунанд. Э. Эман онро чизе меномад, ки ба равшании забон халал ворид месозад ва ин ақидаи ӯро муҳаққиқони дигар аз қабили Р. Василева, Р.С. Бриҷз, Ҷ. Орр, Ҷегер ва Кеннеди ҷонибдорӣ мекунанд. Муҳаққиқон Л.А. Булаховский, Р.А. Будагов зиди он ақидаанд, ки омонимия нуқси забон аст. Онҳо иброз мекунанд, ки омонимия дар бой гардидани таркиби луғавии забон ёрии калон мерасонад.

Ба андешаи мо низ, забон ба омонимия ниёз дорад ва пайдоишу зиёдшавии он таркиби луғавии забонро ғанӣ мегардонад. Ҳаҷвнигорони хориҷӣ, ки забонашон аз ин зуҳуроти забонӣ бой аст, барои ҷалб

намудани тамошобин бештар аз он истифода мебаранд, ки ба онҳо кумак низ мерасонад.

Ба андешаи муҳаққиқон такя карда мо низ оид ба омонимия таърифи худро пешниҳод мекунем: Ду ё се ҷузъ калимаҳое, ки шакли навишт ва овозии якхела, вале маъноҳои гуногун дошта, ба як ё ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанд, омонимия ном доранд.

1.2. Омилҳои асосии пайдоиш ва ташаккули калимаҳои омонимӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Масъалаи омонимия диққати зиёди забоншиносонро ба худ ҷалб мекунад, маҳз ҳамин масъала ва омӯзиши он имкон медиҳад, ки талаботи назариявии забоншиносии амалӣ на танҳо ба забони модарӣ, балки ба забони хориҷӣ, аз қабили англисӣ низ васеъ карда шавад. Омонимия дар забони англисӣ бо шаклҳои гуногуни худ фарқ мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки омонимия, пеш аз ҳама, шакли фонетикӣ ва баъдан графикӣ дорад.

С.И. Ожегов зери мафҳуми «омоним» калимаҳои аз рӯйи талаффуз монанд, вале аз рӯйи маъно, системаи шакл ва реша пурра тафовут-доштаро ва ё калимаҳои аз рӯйи талаффуз монанди дорои аломати умумии семантикиро, ки мувофиқати маъноҳои як калимаро дода наметавонанд, мефаҳмад [137, 23].

Бархе аз забоншиносон, аз қабили Ф.И. Маулер ва Э. Бюиссанс омонимҳоро дар забон зуҳуроти лозимӣ мешуморанд, зеро мавҷудияти омонимҳо шаклҳои забониро содатар карда, онро кам мекунад.

Муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Э. Эман ва А. Реформатский чунин мешуморанд, ки омонимия ба забон нофаҳмӣ ва духӯрагӣ ворид сохта, таъсири забонро чун роҳи муошират пасттар карда, ба забон халал мерасонад [147, 256].

Ба андешаи мо, омонимия ба забон таъсир расонда, онро зеботар, рангинтар карда, ба шунаванда пас аз дарк кардани маъно ҳаловат ва рӯҳи тоза мебахшад. Ҳар қадар омонимия (омофону, омограф ва омоформа) дар забон зиёд бошад онро ҳамон қадар зебо мегардонад.

Мо дар пажӯҳиши худ оид ба сарчашмаҳо ва сабабҳои пайдоиши омонимҳо бо омӯхтани таҳқиқоти олимон истода мегузарем.

Таҳқиқоти лингвистӣ собит сохтанд, ки ҳар қадар дар забон калимаҳои кӯтоҳ бисёр бошанд, ҳамон қадар омонимҳо зиёдтар мешаванд. Ҳанӯз дар охири давраи қадими забони англисӣ сустшавии умумии овозҳои садонок, ки дар охири калима дар ҳолати безада қарор доштанд, оғоз шуда буд. Дар натиҷаи ин тағйироти фонетикӣ, ки ба сохти фонетикии забон таъсири зиёд расонд, бисёр калимаҳои гуногуни пешин бо ҳам ҳамовоз шуданд.

Дар охири давраи миёнаи англисӣ дифтонгҳои **[ai]**, **[ei]** ба **[ei]** мувофиқ омаданд, ки дар натиҷа калимаҳои «**vail**» – *гузашт кардан* ва «**veil**» – *парда, ҳиҷоб,* «**vain**» – *бефоида, барабас* ва «**vein**» – *шоҳраг,* «**wait**» – *интизор шудан* ва «**weight**» – *вазн,* «**way**» – *роҳ* ва «**weigh**» –*баркашидан* ва ғ. омоним шуданд [70, 204].

Дар натиҷаи мувофиқ омадани овозҳои садоноки дарози давраи миёнаи англисӣ [з]- и пӯшида ва [з]- и кушода дар [i], инчунин ҷуфтҳои омонимии зиёд аз қабили: **weak** (заиф) ва **week** (ҳафта); **beat** (задан) ва **beet** (лаблабу) ва ғайраҳо пайдо шуданд. Е.Р. Вилямз омонимҳои забони англисиро таҳқиқ карда таъсири калони забони фаронсавиро ҳанӯз то истилои нормандиҳо ва давраи пас аз он қайд кардааст. Ин таъсир тавассути табақаи ашрофиён, мақомоти судӣ, динӣ ва алоқаи тиҷоратӣ ба вуқуъ пайвастааст. Калимаҳои нави иқтибосшуда баъзан калимаҳои куҳнаи ҳамон маънодоштаро танг карда, аз истеъмол баровардaнд. Масалан, калимаи фаронсавии **to cover** (пӯшонидан) калимаи **heal** (дар забони қадимаи англисӣ **helan** – *пӯшонидан*)-ро танг карда баровард. Дар забони англисии муосир феъли «heal» бо маънои «табобат кардан» боқӣ монд [203, 122].

Пайдоиши омонимҳоро бо сабабҳои гуногун маънидод мекунанд. Аз рӯйи ақидаи Л.В. Малаховский сабаби асосии пайдоиши омонимҳо мувофиқати шаклии ду ва ё якчанд калимаҳои алоҳида мебошад, ки аз

сарчашмаҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд ва дар ҷараёни тараққиёти таърихии забон дар як шакли овозӣ қарор гирифтаанд [101, 94].

И.В. Арнолд ду сабаби пайдоиши омонимҳоро қайд кардааст:

1. Пайдоиши омонимҳо дар натиҷаи рушди унсурҳои шакли овозӣ, яъне ҳангоми тасодуфан ҳамовоз шудани ду ё се калимаи аслан гуногун. Масалан, *OE* lufu *n.* **lufian** *v* – *ME* **love** *n., v.*;

2. Пайдоиши омонимҳо аз сермаъноии калимаҳо дар натиҷаи такмили нопурраи семантикӣ. Масалан: *OE* **cest** – *ME* **chest I** *(large box),* **chest II** *(part of human body); ME* **waiten** – *ME* **wait** *v., n.* [19, 169].

Аз сермаъноӣ пайдо шудани омонимҳоро дар мисоли калимаи «hand» низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки «hand» дар маънои аввал «даст» ва дар маънои дуюм «ёрдамчӣ» аст.

Таҳқиқи пурраи илмии омонимҳои забони англисӣ зарур аст, ҳарчанд ки дар такя ба андешаҳои забоншиносон дар атрофи таъриф ва моҳияти омонимҳо, таснифоти калимаҳои омонимӣ, вожаҳои гурӯҳи омонимӣ, тафовути зуҳуроти омонимия аз сермаъноӣ, аҳамияти омонимҳо дар нутқ баҳсу мунозираҳои ҷолиб сурат гирифтааст, вале ҳанӯз ҳам дар ин ҷода гиреҳҳои нокушода, гуногунфикрӣ ва баъзе норавшаниҳо ҷой доранд.

Оид ба пайдоиши омонимҳо А. Булаховский ақидаашро чунин иброз кардааст: «Дар байни калимаҳои сермаъно ва омонимҳо сарҳади мутлаке ҷой надорад» [35, 11]. Забоншиносони тоҷик низ оид ба сарҳади калимаҳои сермаъно ва омонимҳо дар ҳамин ақидаанд.

Фикру ақидаҳои Р.А. Будагов ва И.Б. Голуб бошад, то андозае бо ҳам қаробат доранд: «Омонимҳо дар натиҷаи тасодуфан ба ҳам монанд шудани калимаҳо ба амал меоянд, зеро дар аксари забонҳо миқдори овозҳо кам буда, мафҳум ва калимаҳо беохир мебошанд» [31, 46].

Олимон омилҳои асосии пайдоиши омонимҳоро дар забони англисӣ чунин муайян кардаанд:

1. **Тағйироти фонетикӣ**. Калимаҳо дар ҷараёни рушди забон шакли овозиашонро тағйир дода, метавонад ба шакли овозии калимаи дигар якхела шуда омоним шаванд. Дар пайдоиши чунин омонимҳо

тағйироти фонетикӣ омили асосӣ маҳсуб меёбад. Дар забоншиносӣ ҳолати мазкур тағйироти филологӣ-диахронӣ ном дорад [31, 83]. Масалан, **knight** – **night** дар забони англисии давраи қадим омоним набуданд, зеро ҳарфи **k** дар аввали калима талаффуз мешуд.

Тағйироти фонетикӣ дар таркиби калима баъзан бо сабаби иваз шудани ҷойи зада ба вуҷуд меояд: **áddress** [ˈədres] – **to ad´dress**; **home address** *суроғаи хона;* **to address a letter to sb** - *мактубро ба касе фирис-тодан;* **import** [´impɔ:t] *n. воридот;* **import** [im´pɔ:t] *v. ворид шудан* [214, 425].

Аз мисолҳои мазкур бармеояд, ки дар натиҷаи дигар шудани ҷойи зада, яъне шакли талаффузи фонетикӣ на танҳо калимае пайдо мешавад, ки маънои дигар дорад, балки калима ба дигар ҳиссаи нутқ табдил меёбад ва онҳо омоним мешаванд.

Тағйироти фонетикии дар даврaҳои гуногуни таърихи забони англисӣ ба амаломада сабаби пайдоиши вожаҳои зиёди омонимӣ шуда-анд. Чунончи: **sea** *баҳр* – **see** *дидан***, write** *навиштан* – **right** *рост***, whole** *тамоми* – **hole** *сурохӣ,* **knew** *медонист* – **new** *нав,* **dear** *азиз* – **deer** *оҳу***, bear** *хирс* – **bare** *урён.*

The good old priest taught Tom how to read and <u>write</u> [Twain,7]. ~ *Ӯ ба Том хондану <u>навиштанро</u> омӯхта буд* [Твен, 5].

It is his <u>right</u> to sit in the presence of his king. [*Twain*, 96]. ~ *Ин <u>ҳаққи</u> сазовори вай аст* [Твен, 212].

Дар ду ҷумлаи боло калимаҳои **write** [rait] *навиштан* ва **right** [rait] *ҳақ, ҳуқуқ,* бо вуҷуди тағйироти фонетикӣ талаффузи якхела дошта, шаклан гуногунанд. Дар забони англисӣ калимаҳои **wear** [wɛə] *пӯшидан* ва **where** [wɛə] *куҷо, дар куҷо* низ аз зумраи онҳост:

And you will <u>wear</u> a costume that nobody else must <u>wear</u> [Twain, 97]. ~ *Дониста бошед, ки либосе, ки шумо <u>пӯшидаед</u>, ҳеҷ кас ихтиёр надорад, ин хел <u>либос пӯшад</u>* [Твен, 215].

<u>Where</u> is the boy, my boy? [Twain,63]. ~ *<u>Куҷост</u> писараки ман?* [Твен, 143].

Дар мисолҳои зикршуда низ калимаҳои **wear** *пӯшидан* ва **where** *куҷо, дар куҷо*, ки омониманд, чунин сарнавишт доранд.

2. **Калимаҳои иқтибосӣ**. Яке аз сарчашмаҳои дигари пайдоиши омонимҳо иқтибоси калимаҳо мебошад. Иқтибоси калима дар зинаи охири мувофиқшавии фонетикӣ метавонад бо талаффуз ва навишти калимаи асл ё вожаи иқтибосии дигар монанд шавад. Масалан: **write** *(асл)* – **rite** *(лотинӣ* **ritus***),* **fair** *(сифат, асл)* – **fair** *(исм, фаронсавӣ),* **bank** *(соҳил, асл)* – **bank** *(банк)*.

Калимаи аслӣ бо калимаи иқтибосӣ омоним мешавад. Масалан: **arch** [a:ʧ] **arch bridge** – *пули камоншакл;* **arch enemy** – *душмани ашаддӣ;* **matri<u>arch</u>** – *модарсолор,* **patri<u>arch</u>** – *падарсолор.*

Аксари калимаҳое, ки аз забони лотинӣ ва фаронсавӣ ба забони англисӣ иқтибос шудаанд, сохти фонетикиашон бо тағйирот мувофиқи меъёри талаффузи калимаи иқтибосии забон ва қоидаи ду овози якҷояи дар забон вуҷуддошта дигаргун шудаанд. Вожаи тағйирёфта метавонад тасодуфан бо талаффуз ба вожаи дигар мувофиқат кунад, ки ба ин калимаи иқтибосии фаронсавии **ball** – *кура* мисол шуда метавонад: **ball I** [bɔ:l] *n. 1) кура:* **The Earth is a great <u>ball</u>**. ~ *Замин <u>кураи</u> бузургро мемонад* [214, 80]. *2) ҳар чизи гирд: тӯб, гӯй, гулула, сочма, муҳра ва ғ:* **snow ball** *гулулаи барф;* **Let's play <u>ball</u>.** ~ *Биёед, <u>тӯббозӣ</u> мекунем.* [214, 80]. **ball II** [bɔ:l] *n. шаби рақс, балл, меҳмонии расмии рақсӣ:* **Did you enjoy the <u>ball</u>?** ~ *Ба шумо <u>шаби рақс</u> маъқул шуд?* [214, 80].

Қобили қайд аст, ки дар натиҷаи иқтибос дар забони англисӣ омонимҳои зиёде пайдо шудаанд. Тавсифи маъноии омонимҳои иқтибосӣ метавонад тафовути зиёд дошта бошад ва ҳатто омонимҳои иқтибосӣ ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб буда метавонанд. Масалан: **bear** – *ҳайвон (исм),* **bear** – *зоидан (феъл),* **bore** – *одами дилгиркунанда (сифат),* **bore** – *сӯрох кардан (феъл)*.

3. **Калимасозӣ**. Сарчашмаи дигари пайдоиши омонимҳо калимасозӣ мебошад. Махсусан, бо роҳҳои конверсия, кӯтоҳкунӣ, ҳаммонандсозии овоз.

а) **Конверсия**. Дар натиҷаи гузаштани калима аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ вожаҳои нав ба вуҷуд меоянд. Чунончи: **pale** *рангпарида хиратоб* – **to pale** *хиратоб шудан;* **water** *об* – **to water** *об додан;* **comb** *шона* – **to comb** *шона задан, (аз исм ба феъл табдил ёфтан).*

Shirin boiled the **milk** pore in cups brought them. Ширин **ширро** пухта дар косаҳо кашида овард

I **milk** full bucket every day. Ман як сатил-як сатил **шир меҷушидам**. [Карим, 70].

Дар ҷумлаи аввал калимаи **milk** ба вазифаи исм *шир* ва дар ҷумлаи дуюм ба вазифаи феъл *шир ҷушидан* омадааст, ки бо роҳи конверсия бо ҳам омоним шудаанд. Дар забони англисӣ дар ҳар ду вазифа дар як шакл **milk**, вале дар забони тоҷикӣ *шир, шир меҷушидам* омадааст.

Shirin is in bridegroom's house wearing wedding **dress**. Ширин дар хонаи домод дар **либоси** арӯсӣ [Карим, 107].

Dress and we go for a walk… **Либосҳоятро пӯш**, ба сайру гашт меравем…[Карим, 109].

Гарчанде, ки калимаи **dress** дар ҳар ду ин ҷумлаҳо дар як шакли имло ва овозӣ қарор доранд, вале як ҳиссаи нутқ набуда дорои маъноҳои гуногун мебошанд. Дар ҷумлаи якум **dress** *либос – исм* ва дар ҷумлаи дуюм **dress** *либос пӯшидан* **–** феъл мебошад, ки бо роҳи конверсия омоним шудаанд.

Мисолҳои овардашуда омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ мебошанд. Онҳо ба забонҳое хосанд, ки ҳиссаҳои нутқашон пасванд надоранд ва маънои асосӣ аз тартиби калима фаҳмида мешавад.

Up flew his hand and he quickly covered his eyes with the **back** of his hand as he always did when he was surprised or frightened [Twain, 86]. ~ *Ӯ ба зудӣ кафи дасташро <u>чаппа карда,</u> ба он пеши чашмони худро панаҳ намуд, ки мо дар боло сабабашро медонистем, ба иллати як воқеа сар шуд ва ба Том одат шуда монда буд* [Твен, 121].

Officers of the Guard moved forward to take Edward, but Tom Canty shouted to them: "**<u>Back</u>**!" [Twain, 91]. ~ *Сарбозон ба бачаяк ҳуҷум*

оварданд, аммо Том Кент бо як ишораи даст омирона онҳоро боздошта, фарёд кард: «Ақиб *гардед!»* [Твен, 131].

Калимаи **back** дар ҷумлаи аввал чун исм ва дар ҷумлаи дуюм чун феъл дар сиғаи амрӣ омадааст. Агар мутарҷим дар мисоли аввал калимаи **back**- ро ба маънои *пушти даст* тарҷума мекард, беҳтар мешуд.

А.И. Смирнитский муҳаққиқонеро, ки **love** – *ишқ, муҳаббат* ва **to love** – *дӯст доштан*ро, ки гӯё метавонад аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузарад як калима мешуморанд ба зери танқид қарор медиҳад. Ӯ яқинан нишон медиҳад, ки «конверсия дар забони англисӣ истифодаи як худи ҳамон калима дар вазифаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ нест, зеро воҳидҳои ба конверсия тааллуқдошта дар муносибат ба якдигар бо калимаҳои алоҳида гуногун мебошанд» [160, 12].

Аксар олимон истилоҳи омонимияро ба таври васеъ мефаҳманд, афзудани онро аз ҳисоби тағйир ёфтани калима, яъне конверсия мешуморанд. Ин нуқтаи назарро дар забоншиносӣ профессор А.И. Смирнитский пешниҳод кардааст.

Омонимҳо метавонанд аз асоси омонимӣ бо ёрии суффикс сохта шаванд: **rake** *(исм)* – **rakish** *(сифат)*. Исми **rake** (*беҳудагард, занбоз)* + суффикс - **ish =** сифати **rakish** (*бадахлоқ, фосиқ)*.

б) **Ихтисора**. Дар забони англисӣ тамоюл ба ихтисори калима вуҷуд дошта, яке аз сарчашмаҳои дигари пайдоиши омонимҳо мебошад. Масалан, **cab** аз **cabriolet, cabbage, cabin; fan** [fæn] – *1) бодбезак 2)* **fan (atic)** – **fan** *(мухлис),* **van** – *аз* **vanguard** *(пешқадам).*

Ҳолатҳое низ вуҷуд дорад, ки ду калимаи ихтисоршуда омоним мешаванд. Масалан, **spec** *(аз* **speculation***)*, **spec** *(аз* **specification***)*. Қисми хеле ками омонимҳои забони англисӣ дар натиҷаи ихтисоркунӣ ба вуҷуд омаданд.

Ихтисор кардани калима ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар нутқи хаттӣ маъмул аст, бо вуҷуди ин бисёр калимаҳои ихтисоршуда ё мухтасар кардашуда сараввал дар нутқи шифоҳӣ пайдо шудаанд ва баъдан ба нутқи хаттӣ гузаштаанд. Беш аз ҳама онҳоро дар калимаҳои

баромадашон аз забони лотинӣ ва фаронсавӣ вохӯрдан мумкин аст. Дар забони англисии муосир кӯтоҳкунӣ, алалхусус, дар ҳуҷҷатҳои ҳарбӣ (дар ИМА), инчунин дар адабиёти махсуси техникӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Дар адабиёти бадеӣ ихтисоркунӣ дар муқоиса ба дигар услубҳо камтар истифода мешавад, шакли кӯтоҳи феълҳои ёридиҳанда **I'll (shall, will)** ва **'d (had, would, should),** ки бо ҷонишинҳои шахсӣ меоянд, истисно мебошанд.

CAR – **Conotation Association of Radiologists;**

CAT – **Civil Air Transport.**

Бештари чунин омонимҳо бо сабаби ихтисор шудан **(camp - campain, art - artillery)** ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷа ихтисораи **camp** барои **compain** ва комилан пурраи **camp** - *лагер* мувофиқ меоянд.

Гурӯҳи дигари омонимҳо ихтисороти як ҳиҷои калимаро доранд. Ҳангоми ихтисор кардани калимаҳои мураккаби гуногун як ҳиҷои аввали он метавонад барои ташаккули ихтисороти омонимӣ мувофиқат кунанд.

sub – **suboltern, sub** – **subeclitor, sub** – **subject, sub** – **subjunctive, sub** – **sublimation, sub** – **submarine, sub** – **subcription** ва ғайра.

Ҳатто якчанд ихтисороти омонимӣ бо сабаби он ба вуҷуд омадаанд, ки номҳои мухталиф аз якчанд калима бо ҳарфҳо мувофиқ таркиб ёфтаанд. Масалан:

RTC – **Railway Transport Corps**

RTC – **Reserve Training Corps**

RTC – **Recruit Training Corps**

RTC – **Royal Tancs Corps** [162, 160].

в) **Ҳаммонандсозии** овоз: **bang – to bang; mew – to mew**.

4. **Полисемия**. Ҳангоми ба қисмҳо ҷудо шудани сохти семантикии калима ду ва ё зиёда омонимҳо метавонанд аз маъноҳои гуногуни худи як калима пайдо шаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки баъзе забоншиносони машҳур полисемияро (сермаъноӣ) эътироф накарданд ва онро зуҳуроти махсуси диахронӣ ҳисобиданд. Масалан, А.А. Потебня ақида дорад, ки алоқаи маъноии

сохта бо аввала танҳо дар марҳилаи таркиб додани маънои сохта ва баъдан шакли дохилӣ «суст» шуда, маънои сохташуда аз асли худ ҷудо ва мустақил шуда, ба омоним мубаддал мегардад [145, 124]. Чунончи: **spring** *(баҳор)* – **spring** *(чашма, сарчашма)* – **spring** *(ҷаҳиш)*. Ҳамаи ин се исм аз феъли **to spring, to jump** пайдо шудаанд. Калимаи **spring** се маъно дорад, ки бо якдигар дар забони англисӣ алоқаманд нестанд ва як замоне алоқаи наздики маъноӣ доштанд. Маънои омонимҳои якум ва дуюм аз метафора асос ёфтааст. Омоними «frog» низ айнан бо ҳамин роҳ пайдо шудааст. **frog** - *қурбоққа*, **frog** - *чангак, чангча.*

Омонимҳо дар забони англисӣ на танҳо дар натиҷаи полисемия, яъне сермаъноии калима, балки ҳангоми дар шакли берунаи худ ҳамсон шудани ҳиссаҳои гуногуни нутқ низ пайдо мешаванд, ба мисли **care** аз **care** ва **care** аз **careen** [1, 50].

Ба андешаи мо низ омонимия ғайр аз он ки дар натиҷаи сермаъноии калима ба вуҷуд меояд, инчунин дар ҳолати ҳамсон шудани ҳиссаҳои гуногуни нутқ пайдо мешавад: **throw** [θrou] аз **threw** партофтан, партоб кардан; **throw** [θrou] аз **throw** [θrou] партоб, афканиш.

Fire, *n. оташ*

I

Flame *аланга*			
II	**III**	**IV**	**V**
сӯхтор e.g. a forest fire. *сӯхтори ҷангал*	*гулхани маводи сӯзишворӣ дар оташдон, печ*; e.g. There is a fire in the next room. A camp fire. гулхани лагер	*оташкушоии яроқ* e.g. to open (cease) fire. *оташ кушодан*	*ҳиссиёти оташин, ҷидду ҷаҳд;* e.g. a speech lacking fire. *нутқи шуълавар*

[12, 134].

Калимаи **fire**, *n.*, ки *оташ* тарҷума мешавад, бо **flame** *шуъла* синониманд ва вожаи **flame** дар маънои аввал *забонаи оташ*, маънои дуюм *таҷҳизоти гармкунӣ*, сеюм *оташ кушодан аз милтиқ* ва маънои чорум

эҳсоси қавӣ, шӯру ишқ. Вожаи **flame** гарчанде ҳаммаънои **fire** бошад ҳам, бо якчанд маънои дигари худ омоним мебошад, ки шаклан якхела, вале маъноан гуногунанд.

Миқдори овозҳо ва ҳарфҳои ҳар забон маҳдуд аст, аз ин лиҳоз омонимҳо дар забони англисӣ ва тоҷикӣ вомехӯранд ва бо сабабҳои якхела пайдо мешаванд.

Бештари олимон ду сарчашмаи асосии омонимҳоро ҷудо мекунанд: 1) таҷзияи полисемия; 2) мувофиқати шакли овозии пешинаи калима. А.И. Смирнитский ақидаеро пешнҳод кард, ки яке аз сарчашмаҳои омонимия дар забони англисӣ – конверсия мебошад [160, 12].

Бори нахуст дар забоншиносӣ дар заминаи маводи Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ш. Кабиров «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ»-ро (1992) мураттаб сохт. Ш. Кабиров фикри худро дар бораи мавҷудияти мушкилоти зикршуда чунин баён мекунад: «Дар ҷараёни инкишофи забон аз ҷиҳати таркиби овозӣ тасодуфан ё худ дар асари ҳодисаҳои фонетикӣ ҳамшакл гардидани калимаҳои гуногунмаънои аслан тоҷикӣ роҳи дигар ва маъмултари пайдоиши омонимҳо мебошад» [212, 4].

Дар забони тоҷикӣ аксари омонимҳо дар ҳолати аз ҳам дур шудани баъзе маънoҳои алоҳидаи калимаҳои сермаъно ва ҳамреша ба вуҷуд омадаанд, ки М. Ҳошимов ва дигарон оид ба ин нукта чунин овардаанд: «Гоҳо омонимҳо аз калимаи сермаъно пайдо мешаванд, вале дар ин маврид ҳам фарқи маъноӣ ба дараҷаест, ки калимаи нав аз заминаи ибтидоӣ хеле дур рафта, ба сифати воҳиди мустақили луғавӣ воқеъ мегардад» [175, 50].

Омилҳои пайдоиши калимаҳои ҳамовоз дар забони тоҷикӣ гуногунанд. Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки сабаби асосии пайдоиши чунин калимаҳо ба маҳдуд будани системаи овозии забон алоқаманд аст. Тамоми калимаҳои забон дар асоси ҳамнишинии миқдори овозҳои он ба вуҷуд меоянд ва ин боиси он мегардад, ки калимаҳои гуногун гоҳо аз бобати таркиби овозии худ бо ҳам ба пуррагӣ ё қисман монанд шаванд [119, 64].

Омонимҳое, ки ба сабаби маҳдудии системаи овозии забон дар заминаи имкониятҳои дохилии он ба вуҷуд омадаанд, ба гурӯҳҳои зайл ҷудо мешаванд: а) омонимҳое, ки аз ҷиҳати пайдоиш аз ҳам фарқ мекунанд, ҳар яке этимологияи хос доранд; б) омонимҳое, ки дар заминаи калимаҳои кӯтоҳшудаи навпайдо бо калимаҳои мутадовил ба вуҷуд меоянд; в) омонимҳое, ки дар натиҷаи калимасозӣ ба вуҷуд меоянд.

Калимаҳои омонимӣ ҳамчунин дар натиҷаи канда шудани маъноҳо ё тобишҳои ҷудогонаи калимаи сермаъно, бахусус, маъноҳои иловагии дараҷаи дуюм, сеюм ва монанди инҳо, ки бо маънои асосии луғавӣ алоқаи нисбатан суст доранд, ба вуҷуд меоянд. Дар ин сурат маънои аз калимаи сермаъно пайдошуда бо қиёфаи овозии собиқаи худ ба калимаи мустақил табдил меёбад, ки он ба манбаи пайдоишаш муносибати омонимӣ дорад.

Ниҳоят калимаҳои ҳамовоз дар натиҷаи иқтибоси калимаҳои забонҳои дигар низ ба вуҷуд меоянд. Чунончи, калимаҳои сирф арабии *ҳаво* ба маънои «дам, нафас» ва *ҳаво* «орзу, ҳавас», *тоқ* «равоқ, раф» ва *тоқ* «фарди танҳо», *савдо* «тиҷорат» ва савдо «хаёл, ғусса» аз ҷумлаи ҳамин гуна омонимҳо мебошанд. Иқтибоси калимаҳои забонҳои дигар бо калимаҳои худӣ низ силсилаҳои омонимиро ба вуҷуд меоваранд. Чунончи, калимаҳои зайли аз русӣ воридшуда бо вожаҳои тоҷикӣ дар ҳамин гуна муносибатанд: **печ** (русӣ) ба маънои «бухорӣ» ва **печ** «шакли амр аз феъли печидан».

Ба ин тариқ, ҳодисаи омонимияи луғавӣ баръакси ҳодисаи сермаъноӣ бо қиёфаи овозии калимаҳо алоқаманд буда, ифодагари он аст, ки дар шаклҳои овозии якхела ва ё наздик маъноҳои гуногуни луғавӣ сабт шуда метавонанд. Мавҷудияти полисемия ва омонимияи луғавӣ, яъне вуҷуд доштани силсилаи маъноҳои луғавии бо ҳам алоқаманд ва ифодаи ин маъноҳо на фақат дар шаклҳои овозии гуногун, балки дар шаклҳои овозии якхела аз он шаҳодат медиҳад. ки системаи маъноии забон ва қолабҳои овозии ифодаи он мустақиман вуҷуд доранд ва ба қонуниятҳои мустақили инкишоф соҳибанд.

1.3. Таҳлили этимологии омонимҳо дар забони англисӣ

Луғати калони Оксфорд аз зумраи луғатҳои таърихие мебошад, ки дар он тавсифи батафсили этимологии калима, замони қайди аввал ва охир дар осори адабии қадима, инкишофи шакл ва сохти семантикии онҳо дода шудааст.

Аз рӯйи шаҳодати Л.В. Малаховский сабаби асосии пайдоиши омонимҳо ин мувофиқати ду ё зиёда калимаҳои алоҳида аз рӯйи шакл мебошад, ки аз сарчашмаҳои гуногун пайдо шудаанд ва дар ҷараёни тараққиёти таърихии забон ба як шакли якхела мубаддал гаштаанд [105, 168].

Мисоли пайдоиши омонимҳои пурра бо сабаби мазкур метавонад калимаи **sound** бо се маънои худ бошад:

а) **sound**, *adj. (солим, дуруст, бенуқс, беайб).* Баромади ин калима аз забони ирландӣ буда ба калимаи олмонии **gesund** (*солим, дуруст*) мувофиқат мекунад;

б) **sound**, *n. (садо, овоз, савт*). Ин калима аз решаи фаронсавии **son** (*садо, овоз*) – маншаъ гирифта, ба он садоноки решагӣ ҳамроҳ гардидааст;

в) **sound**, *n., v, (зонд, асбоб барои санҷидани чуқурӣ).* Калимаи мазкур дар натиҷаи иқтибосшавӣ аз феъли фаронсавии **sonder** (чен кардани чуқурӣ) – ба вуҷуд омадааст ва шояд байни ин калима ва маънои чоруми калимаи **sound**-и забони олмонӣ (*борик, маҷрои об*) ягон алоқаи таърихӣ вуҷуд дошта бошад [71, 240].

Як ҷуфти калимаҳои ҳамовозро ба мисли **story** – «нақл, ҳикоя» ва **storey** – «ошёна», ки бечуну чаро омониманд, мисол мегирем: ҳардуи ин калимаҳо ба давраи аввали забони англисии миёна **story** тааллуқ доранд. Барои дақиқии ин этимология шарҳи зер гувоҳ аст: калимаи «**story**» «ҳикоя» муддати якчанд садсола дар қатори калимаи **history** «таърих» истифода бурда мешуд, ки ҳардуи ин калимаҳо тобиши маънои якхела доштанд ва танҳо дар навишт (ҳатто ҳозир калимаи *story* маъноҳои

ҳамчун «таърих», «ривоят», «якҷояшавӣ», «афсона», «бофта» ва ғ. дорад.) фарқ доштанд. Дар асри XIII калимаи «**story**» бо маънои «расм» ё «муҷассама», ки воқеаҳои таърихиро таҷассум мекард, истифода бурда мешуд. Ба маънои васеътар, ки ҳатман *муҷассамаро* дар бар мегирифт, ин калима то асри XVIII истифода бурда мешуд.

Чи хеле ки маълум аст, дар асрҳои миёна байни ашрофзодагони англо-нормандӣ расму одати оро додани хона бо саҳнача дар шакли расм ё муҷассама дар сюжетҳои таърихӣ ё достонӣ вуҷуд дошт, дар баробари ин расмҳо қабат-қабат гузошта мешуданд ва бештар ин расмҳо тиреза ё деворҳои дохили хонаро оро медоданд ва ҳайкалчаҳо бошанд қисмати беруни хонаро пурра мекарданд.

Ҷолиби диққат аст, ки ин расмҳои як сюжет метавонистанд ҳатто 8 тирезаро иҳота кунанд, лекин ҳеҷ гоҳ ба қабати боло намебаромаданд. Расмҳои сюжети дигар як қабат боло ҷойгир мешуданд.

Феъли **(to) story** маънои «бо ранг навиштан» ва инчунин «ҳаккокӣ кардан»-ро дошт. Ҷойи тааҷҷуб нест, дар оянда, вақте ки хонаҳои баландошёна зиёд мешаванд, барои «ошёна» калимаи «**story**»-ро мувофиқ донистанд [71, 242].

Таҳқиқи шаклгирии овозии калимаи [stori]-ро ба охир расонда, махсусан бояд қайд кард, дар аввали асри XIX вақте тараққиёти шаҳрсозӣ фосилаи васеъро мегирад, ҳама мушоҳида мекунанд, ки **[stori]** дар маънои «ошёна» **storey** навишта мешавад.

Дар асри XIV боз забони англисӣ ҳукмфармо шуд, аммо бо иловаи калимаҳои фаронсавӣ. Ин забон забони англисии миёна Middle English номида мешавад. Ин забони шоири бузург Ҷ. Чосер (1340-1400) буд, аммо фаҳмидани ин забон барои соҳибони забони англисӣ имруз душвор аст.

Аз сабаби он ки табақаи поёнии англисҳо барои табақаи болоии нормандҳо ошпазӣ мекарданд, барои аксари ҳайвонҳои хонагӣ калимаҳои англисӣ ва барои гушти онҳо калимаҳои фаронсавӣ ба мисли: **beef, mutton, pork, bacon**-ро истифода мебурданд, ки аксари онҳо бо

калимаҳои англисӣ омоним шуданд. Масалан: **beef** *гушти гов* – **beef** *қувва, қудрат;* **pork** *хук* – **pork** *дагал*.

Ҳамин тариқ, дар забони қадимаи англисӣ мо калимаи **tunne**-ро меёбем, ки дар давраи миёнаи англисӣ **tonne** навишта мешавад, аммо алаккай дар асрҳои XVI-XVII дар навишти ин маҷмуи овозӣ дигаргунӣ мушоҳида шуд, бо нишондоди оне ки дар тараққиёти оянда маҷмуи овози [tʌn] инчунин маънои «тонна»-ро соҳиб шуд (маънои куҳна «бочкаи калон»). Дар натиҷа соли 1648 бо [tʌn] дар маънои « бочкаи калон» шакли навишти кӯҳна **tun** ва дар маънои «тонна» шакли навишти **ton** мемонад.

Қонуни мазкур дар ҳодисаи маҷмуи овозии **cannon** [kenen], ки акнун ду калимаҳои гуногун ба он вобастаанд, низ истифода бурда шудааст. 1. қонун. 2. тӯп. Аввалин калимаи куҳнатар буда, шакли навишти ибтидоӣ «canon»-ро нигоҳ доштааст, дуюмин ҳарфи иловагӣ қабул карда «cannon» навишта мешавад. Ин тафовут дар навишт дар аввали асри XIX тасдиқ гардид.

Тафовути навишт дар дигар ҳолатҳо низ истифода шудааст, аз қабили **born** – «тавлидшуда» ва **borne** – сифати феълии замони гузаштаи феъл **(to) bear** – *пӯшидан, гирифта гаштан*, **birth** – *тавлид, таваллуд,* **berth** – *(баҳ.) кат, (хоб);* **coin** – *танга*, **quoin** – *кунҷи бино, санги кунҷӣ*.

Ҷараёни мувофиқати шакли орфографӣ ва овозӣ ғайр аз калимаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забони мазкур метавонад рух диҳад. Масалан, калимаҳои қадимаи англисии **weod** (*алафи бегона*) ва **wozd** (либос) омофон набуданд. Дар асри XVIII бо нишон додани тафовути овози [**e**]-и пӯшидаи англисии миёна ва овози [**e**]-и кушода калимаҳои мазкур омоним шуданд. Вале калимаи **weed** *(либос*) истифодаи васеи худро аз даст дод ва архаизм шуд ва дар забони муосир танҳо калимаи **weed** *(алафи бегона*) вуҷуд дорад. Ба омонимҳои ин намуд метавон **berry** *(буттамева)* ва **bury** *(гӯр кардан)* ва ғайраро дохил кард. Сабаби дигари пайдоиши омонимҳо канда шудани алоқа байни маънои як

калимаи сермаъно дар ҷараёни тараққиёти калима – омоним ба самтҳои гуногун мебошад [103, 81].

Ҳамин тариқ, дар забони англисӣ калимаи **metal** *(металл, филиз, оҳан)* ва **mettle** (*тинат, ҷасорат, ғайрат*) аз тарафи забоншиносони хоричӣ ҳамчун ҳамгунаи худи як калима шуморида мешавад, аммо ба ақидаи онҳо қоидаи навишт омили вайрон кардани алоқаи таърихии байни ин ҳамгунаҳо гаштааст. Барои тасдиқи ин С. Улман аз В. Шекспир, ки хешигарии ин калимаҳоро медонист, мисол меорад: "See, whether their basest **metal** be not moved!" (tragedy "Julius Ceaser"). Эҳтимол В. Шекспир дар ҷумлаи мазкур калимаи **metal**-ро бо маънои *табиат (одат)* истифода бурда бошад, зеро матн нишон медиҳад, ки дар бораи метал, ҳатто сухани маҷозӣ рафтанаш мумкин нест. Тарҷумонҳои русии осори Шекспир инкишофи як маънои калимаро бо калима-омоним, ки дар навишт тафовут доранд, ба инобат нагирифтанд ва аз ин рӯ, дар тарҷума ба иштибоҳ роҳ доданд [201, 250].

Омонимия бештар вақте пайдо мешавад, ки калимаи аз қадим мавҷуд дар таърихи забон маънои навро мегирад ва соҳибони имрӯзаи забон дар бораи мавҷудияти ибтидоӣ заррае тасаввурот надоранд. Масалан, вожаи **odd** ба як чизе мансуб буд, ки ба нуқтаи секунҷа мебаромад. Баъдан он инкишоф ёфта барои ифодаи ким-чизи ғайриоддии маҷозӣ ва акнун барои ифодаи ададе истифода бурда мешавад, ки як воҳидро аз ҷуфташ ҷудо мекунад. Таърихи инкишофи забони англисӣ нишон медиҳад, ки ин забон хеле зиёд ба тағйирот хусусан тағйироти фонетикӣ дучор шудааст [203, 45].

Дар охири асри XVII содакунии ҳарфҳои якҷояи (**wr-**) ба (**r**) ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа ба пайдоиши ҷуфтҳои омонимҳои зиёд оварда расонд: **wrick** [rik] *п. васеъшавии мушак;* **rick** [rik] *1. п. гарам, тӯдаи коҳ ё хас ё хошок; 2. v. гарам кардан, тӯда кардан (коҳ, ва г.);* **write** *(навиштан)* ва **right** *(рост);* **wrap** *(печонидан)* ва **rap** *(зарбаи суст);* **wring** *(тоб додан) ва* **ring** *(занг задан)* [70, 204].

Дар аввали асри XVIII тағйироти овозӣ ва нестшавии овози **[r]** (пеш аз садонокҳо ва дар охири калима) ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа чунин ҷуфти калимаҳо мувофиқ омаданд: **lord** *(лорд)* ва **laud** *(мадҳ, ситоиш);* **roar** *(гунгос задан)* ва **raw** *(хом);* **more** *(бештар)* ва **maw** *(даҳон, даҳан);* **father** *(падар)* ва **farther** *(дуртар)*.

Овози [r]-и дарози давраи англисии миёна дар давраи аввали англисии нав ба дифтонги [ei] табдил ёфт, ки дар натиҷа боиси пайдоиши миқдори зиёди омонимҳо гардид. Масалан, **sale** [seil] 'the exchange of a commodity for money; the action of selling something' - **sail** [seil] 'a piece of material extended on a mast to catch the wind and propel a boat or ship or other vessel' [70, 205].

Дар нимаи дуюми асри XVIII ҳарфҳои якҷояи **wh**-и беҷаранг ба ҳарфи **w** [dʌbljuː] табдил ёфт, ки ба мувофиқати як қатор калимаҳо оварда расонд: **white** *(сафед)* ва **wight** *(мавҷуд, моҳият, асл);* **whine** *(нола, зорӣ, фигон) ва* **wine** *(вино);* **whet** *(тез кардан) ва* **wet** *(тар, нам);* **which** *(кадом) ва* **witch** *(ҷодугар);* **whale** *(кит),* **wale** *(хат) ва* **wail** *(дод, нола)*.

Дар нимаи дуюми асри XVIII ҳарфи **w** дар аввал (пеш аз садонокҳо) талаффузашро аз даст дод ва дар натиҷа як миқдори ками калимаҳои сермаҳсул дар талаффуз бо ҳам омоним шуданд: **hour** *(соат)* ва **our** *(аз мо);* **heir** *(ворис)* ва **air** *(ҳаво, симо)* [70, 206].

Билохира дар миёнаи асри XX тамоюли муайян ба якшавии дифтонгҳои **[oe]** дар **[oː]** муайян гардид, ки аз ин сабаб чунин калимаҳо дар овоз бо ҳам монанд шуданд: **paw** *даст (аз ҳайвон)* – **pour** *рехтан* – **pore** [pɔː] *мавсим, вақт*; **saw** *дид (аз* **see***)* – **soar** [sɔː] *парвоз*; **floor** *фарш, ошёна* – **flaw** [flɔː] *шикоф, тарқиш*; **mour** *мотам гирифтан* – **morn** [mɔː] *субҳ*; **shore** *соҳил* – **shaw** [ʃɔː] *чакалак* ва ғ. Вале дар назар бояд гирифт, ки ин тафовути дарозӣ (ду нуқта) **[ː]** ва кӯтоҳӣ (бе нуқта) **[ ]** дар насли калонсолон дида мешавад, дар ҳоле ки насли ҷавон дар Англия ин тафовутро риоя накарда, **[ɔː]** талаффуз мекунанд [163, 15]. Ин гуна

омонимҳоро дар адабиёти забоншиносӣ омонимҳои этимологӣ меноманд [133, 214].

Дар инкишофи омонимияи забони англисӣ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки нақши калонро иқтибос бевосита аз лотинӣ ва ғайримустақими забони фаронсавӣ низ мебозад.

Иқтибоси луғатҳои лотинӣ ба англисӣ ба се воқеаи таърихи халқи англис алоқаманд аст: ҳукмронии Рим, ҷорӣ кардани дини насронӣ дар Англия ва рушди фарҳанг дар давраи Эҳё.

Дар ҷараёни иқтибос аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ бисёр омонимҳо ворид шуданд **bisque** [bisk] *шурбо аз харчанг, аз гӯшти харчанг* - **bisque** [bisk] *навбати иловагӣ барои бозингари суст дар крокет*.

Этимологияи баъзе калимаҳои англисиро дида мебароем:

- **idiot** [ˈɪdiət] аблаҳ, аҳмақ

Аз аввал ин калима алфози қабеҳ набуд ва ҳамчун истилоҳи тиббӣ низ маънои «камақлӣ, заъф»-и ақлро надошт. Аслан ин вожа аз Юнони Қадим, ки шахсони сиёсатмадор набударо ном мебурданд, ба дигар забонҳо гузашт. Дар Юнони Қадим **idiot-**ҳо (яъне одамони аз сиёсат дур) зиёд буданд.

- **bankrupt** ['bæŋkrʌpt] муфлис, қарздор

Вожаи **bankrupt** аз ибораи немисии **bankrott** манша гирифтааст, ки маънои *қарздори муфлис, бенаво* ва муфлисеро мефаҳмонад, ки имконияти гардонидани қарзро надорад [223, 31].

- **muscles** [ˈmʌsəlz] мушак

Вожаи **muscles** [ˈmʌsəlz] дар Фаронса, ки «муш»-ро меномиданд, ба забони англисӣ ворид шудааст. Дар забони русӣ низ ин истилоҳ аз калимаи «мышь» пайдо шудааст. Мушак бо шакли худ хояндаҳои хурдро ба ёд меорад.

- **turkey** [ˈtɜːrki] мурғи марҷон

Ин паррандаи Амрикои Шимолиро чунин ном бурданд, зеро онро тоҷирон аз Африқои Шимолӣ (он вақт ин сарзаминро империяи Усмонӣ, яъне туркҳо идора мекарданд) оварда буданд. Аҷиб аст, ки дар Фаронса

мурғи марҷонро «dinde» меноманд, ки маънои «аз Ҳинд»-ро дорад. Он давра фикр мекарданд, ки Колумб на қитъаи нав, балки роҳ ба Ҳиндустонро кушодааст, аз ин рӯ, фаронсавиҳо иштибоҳан онро «аз Ҳинд» ном бурданд. Дар Португалия онро «**peru**» ва дар Камбоҷа «мурғи фаронсавӣ» ном мебаранд.

- **sandwich** ['sænwiʤ] сандвич, сендвич

Сендвич ба хотири Джон Монтегю, граф Сэндвич (унвони дворянии пэри Англия) номида шудааст. Сэндвич (Сануич) — шаҳр ва ҷамоати графии Кент. Граф ба бозиҳои пурҷушу хуруш (азартӣ) рағбат дошт. Ӯ намехост, ки барои танаффус ва каме хӯрок хӯрдан аз мизи бозӣ бархезад, аз ин рӯ, ӯ аз хизматгор хоҳиш кард, ки барояш гӯшти гови намакинро дар байни ду пора нон гузошта биёрад.

Аз омӯзишу таҳлилҳои мисолҳои мазкур бармеояд, ки дар забони англисӣ омонимҳо аз куҷо маншаъ гирифтаанд, бархе бо роҳи иқтибосот ва бархе дар натиҷаи тағйироти фонетикӣ ё тағйироти овозӣ. Чуноне ки дар нимаи дуюми асри XVIII ҳарфи **w** дар аввали калима талаффузашро аз даст дод, яъне вокализатсия (тағйироти овозӣ) рух дод, ки дар натиҷа як миқдори ками калимаҳо дар талаффуз бо ҳам омоним шуданд.

Зимни таҳлил собит гардид, ки омонимҳо метавонанд бо калимаҳои забонҳои германӣ, романӣ, келтӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, славянӣ ва дигар гурӯҳи забонҳо ифода ёбанд. Инчунин дар инкишофи омонимияи забони англисӣ нақши калонро иқтибосшавии бевосита аз лотинӣ ва ғайримустақими забони фаронсавӣ низ мебозад. Дар ҷараёни рушди таърихии забон калимаҳо ба як шакли якхела мубаддал гаштаанд.

1.4. Таносуби омонимия ва полисемия (сермаъноӣ) дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Омонимия мафҳумест, ки дар мантиқ, семантикаи мантиқӣ ва семиотика нақши муҳим бозида, хулосаи ягонаи мувофиқ ба мафҳуми забоншиносӣ мебошад.

Забони англисӣ аз чунин калимаҳо бой аст, аз ин лиҳоз, маънои гуфта ё навиштаро пурра бояд дарк кард, зеро худи як калима дар

контексти ҷумла метавонад маъноҳои гуногун дошта бошад, ғайр аз ин бо навишти якхела калимаҳо метавонанд феъл ё ҳамчунон исм бошанд. Омонимия ҳамчун падидаи забонӣ ба полисемия мухолиф аст. Агар полисемия ба вобастагии маъноҳои калима, муносибати семантикии онҳо асос ёфта бошад, пас омонимия ба шикастани онҳо, набаромадани яке аз дигаре асос меёбад [39, 140].

Ҳанӯз файласуфони қадим дар мулоҳизаҳои худ оид ба забон далели «баробарномӣ» (ҳамномӣ), яъне чизҳои гуногуни номи якхела-доштаро қайд карда буданд, аммо муддатҳои тӯлонӣ ба омонимия ҳамчун як ҳодисаи аҷоиб, тасодуфӣ, арзишнадошта муносибат мекарданд [147, 74].

Аз ҳама бештар ақидаи возеҳтарро оид ба омонимия ҳамчун зуҳуроти ба забон ва таҳқиқоти лингвистӣ нолозим В.И. Абаев баён карда буд. Ӯ омонимияро хилофи полисемия гузошта менависад: «Полисемия - зуҳуроти аҷоибтарин дар масъалаи забон ва тафаккур мебошад. Дар пушти полисемия ҳамеша кӯшиши мақсади инсон дар ҷустуҷӯи навоварӣ ва усули нави дарк, ифода ва таъҷилӣ ниҳон аст. Дар пушти омонимия ғайр аз қазову қадар чизе ниҳон нест. Ин аст, ки шавқи дарки полисемия бузург аст, дар ҳоле ки ин шавқ ба омонимия хеле кам аст» [2, 31].

С.И. Ожегов низ андеша дорад, ки омонимия, дар ҳар ҳол, омонимияи этимологӣ «масъалаи таърихии тасодуфӣ» мебошад, ки ин «на масъалаи лингвистӣ, балки коллексионӣ» аст [137, 23].

Ба ақидаи олимони дигар, аз ҷумла, шевашиноси фаронсавӣ Ж. Жилйерон ва муҳаққиқон Л.В. Шерба, В.А Звегинтсев омонимия дар ҷараёни муошират халал расонда, мушкилӣ эҷод мекунад ва онро нуқси забон меҳисобанд. Мушкилӣ метавонад на танҳо ба шунаванда, балки ба гӯянда низ пешояд, ки дар ҷараёни суҳбат бояд фикрашро тавре баён созад, ки дигарон фаҳманд. Шунаванда ба мушкилӣ дучор мешавад, намедонад, ки кадоме аз маъноҳои мухталифи дар забон ифодаёфтаро барои дарк кардани иттилоъ интихоб кардан лозим аст [183, 69].

Таҳқиқи истилоҳоти морфологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бештар дар асоси луғатҳои маъмул сохта шудаанд ва баробар дар як вақт ва дар шакли махсус дар луғати серистеъмол вуҷуд доранд: «шахс – person (лицо), ҷинс – gender (род), пайвандак – conjunction (союз), дараҷа-degree (степень), шумора – number (число), замон – tense (время). «Шахс – person (лицо)» дар сотсиология ва ҳуқуқшиносӣ: одам ва ё аъзои ҷамъият (человек или член общества); «шахс (лицо)» дар забоншиносӣ: категорияи грамматикии феъл, ки муносибати амал (ҷараён) ва объекти онро ба шахси гӯянда ифода мекунад; «Шумора – number (число)» («шумора – number» дар математика: мафҳуми шумора, адад, бузургӣ, ки тавассути он ҳисоб карда мешавад; «шумора» дар забоншиносӣ: *1) ифодаи шумора ба воситаи муқобилгузории предметҳои танҳо ва ҷамъ дар алоҳидагӣ; *2) шакли исмие, ки шумораи гуногуни предметҳо ишора мекунад; *3) шакли сифатие, ки ба муносибати сифат ба исм дар шакли шумораи мазкур ишора мекунад; *4) шакли феълие, ки муносибати ҷараёни мазкурро ба субъекти ягона нишон медиҳад [57, 137].

Баъзан омонимияро бо полисемия (сермаъноӣ) омехта мекунанд. Бисёрмаъноӣ (сермаъноӣ) ба калима, ба морфемаҳо (решагиҳо ва аффиксдорҳо), инчунин ба объект (ибораҳо, ҷумлаҳо, матн) хос аст. Бисёрмаъноӣ ба бисёр калимаҳо (ҳам маънодор ва ҳам ёридиҳандаҳо) хос аст, ки ҳангоми кушодани фарҳанг кас ба ин бовар мекунад.

Вале аз сермаъноӣ омонимияро бояд фарқ кард. Аломатҳои омонимӣ нигорандаҳои мувофиқ (ё овозӣ ё ҳар дуро) доранд. Байни маъноҳои калимаҳои омонимӣ алоқае, ки шоҳиди муносибати маъноии далелнок бошанд, вуҷуд надорад. Дар ин сурат ба калимаҳои муносиб муродиф овардан лозим асту халос. Масалан, калимаи «**mould**» (*қолиб, андоза)*-ро дар забони англисӣ гирем. Ин калима 4 маънии аз ҳамдигар тамоман фарққунанда дорад: 1) *туда, хирман, 2) пат, мӯйи нарм, 3) пояи чӯбӣ ё оҳанӣ, тирпоя, 4) бавосир.* Барои муайян кардани он ки ин вожа омоним аст ё полисемия, ба ҳар кадом маънои он муродифашро овардан лозим аст. Барои калимаи аввал муродифи он **crowd** *туда, хирман*, барои

mould-и дуюм **fluff** *пат, мӯйи нарм*, барои **mould-**и сеюм **pole** *сутун* ва барои **mould-**и чорум **hemorrhoid(s)** *бавосир*-ро муқоиса мекунем, маълум мешавад, ки ин калимаҳо, яъне **crowd, fluff, pole, hemorrhoid(s)** нисбат ба ҳамдигар муродиф шуда наметавонанд. Пас калимаи **mould**, ки чор маънӣ дорад, омоним шуда омадааст.

Дар забони англисӣ ҳангоми таҳлили инъикоси омонимҳо дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ, мо ба хулосае омадем, ки дар забони англисӣ низ маънoҳои вожаҳои омонимӣ аз ҳам дуранд: **hawk** – *боз, (шоҳин, лочин, боша, парандаҳои шикорӣ),* **hawk** – *донафурушӣ кардан (чаканафурӯшӣ кардан дар кӯчаву бозор),* **hawk** – *гулу афшондан (сулфа задан)*.

hatch I [hætʃ] *п.* 1) панҷара; 2) дар, дарича; 3) даричаи боргирӣ.

hatch II [hætʃ] 1. *п.* 1) чӯҷабарорӣ, чӯҷаоварӣ; 2) чӯҷаҳои ҳамзод;

hatch III [hætʃ] 1. *п.* 1) хат, роҳ; 2) хислат, хусусият; 2. *v.* ҳаккокӣ кардан, кандакорӣ кардан.

Бо ин мисолҳо дар забони англисӣ бо осонӣ метавон омонимияро аз полисемия фарқ кард: 1) **hatch** *панҷара*; 2) **hatch** *чӯҷабарорӣ*, 3) **hatch** *хат, роҳ* омониманд, ки маънoҳо бо якдигар ягон алоқае надоранд. Маънoҳои вожаи **hatch** 1) *панҷара*; 2) *дар, дарича*; 3) *даричаи боргирӣ* маънoҳои бо ҳам алоқаманд доранд, ки ин сермаъноии онҳоро нишон медиҳад ё ин ки аз маънои яке маънои дигареро метавон дарк кард. Дар зуҳуроти полисемия бештар дар нутқ калимаҳо аз ҳисоби кӯчиши маъно, зимни қиёсу муқобилгузорӣ ба маънои иловагӣ ва ё маҷозӣ молик мегарданд.

Аслан дар бораи омонимия ва сермаъноӣ ду ақида вуҷуд дорад. Мувофиқи ақидаи якум, омонимҳо танҳо калимаҳое эътироф мешаванд, ки як хел талаффуз шуда, аз ибтидо аз рӯйи шакл гуногун буданд ва танҳо дар ҷараёни тараққиёти таърихӣ дар натиҷаи сабабҳои фонетикии гуногун ва умумӣ шакли талаффузашон бо ҳам монанд шудаанд. Ҳама ҳолатҳои боқимонда, вақте ки пардаи якхелаи моддии овозӣ маънои

гуногун мегиранд, зуҳуроти бисёрмаъно сермаъноии калима дониста мешаванд.

Мувофиқи ақидаи дуюм, ба ин гуна омонимҳо калимаҳои таърихан гуногун, ки бо таъсири сабабҳои таърихӣ дар талаффуз мувофиқ омадаанд, тааллуқ доранд.

Масъалаи асосӣ дар таҳқиқи омонимҳои семантикӣ мушкилии ҳудудгузории полисемия ва омонимия мебошад. Муайян намудан, ки полисемия дар куҷо поён ёфта, омонимия аз куҷо ибтидо мегирад мушкил аст.

Мувофиқи шарҳи фарҳанги истилоҳоти лингвистии Ж. Марузо, полисемия мавҷуд будани маъноҳои гуногуни лексикии як калима мебошад [115, 21].

Аввалин шахсе, ки ба имконияти аз пароканда шудани полисемия пайдошавии омонимия диққат дода буд, забоншиноси машҳури фаронсавӣ Ш. Балли ва ҳамватани ӯ А. Сэше буд [25, 64].

Академик В.В. Виноградов назарияи семантикии калимасозӣ, яъне сохтани калимаҳои навро бо роҳи тағйири маъно дар натиҷаи тафриқаи маъноҳои калимаи сохта кор карда баромад. Ин назария диққати олимонро ба худ ҷалб кард ва ба таҷрибаи лексикӣ-графикӣ гардонда шуд, лекин маълум шуд, ки истифодаи ин меъёр муносибати субъективиро истисно намекунад. Ин аз он калимаҳои маълуми омонимҳои навсохта ва бештар аз он ки созандагони ин меъёри боваринок надоштанд, шаҳодат медод [41, 26].

Бархе аз омонимҳо дар натиҷаи сермаъношавии калимаҳо дар даврахои мухталифи забони англисӣ ба вуҷуд омаданд. Вожаи қадимаи англисии **craft** чунин маъноҳоро дошт: 1. *қувва, неру. 2. чаққонӣ, ҳиллагарӣ; 3. касб, ҳунар, пеша*.

Дар чаҳоряки охири асри XVI маънои аввалаи «қувва», «нерӯ» (strength) аз истифода баромаданд. Дар матнҳои нимаи дуюми асри XVIII боз ба истифода даромад, вале бо маънои нави аз дигарон фарқкунанда «кištӣ». Пайдоиши «craft» дар ин маъно ғайричашмдошт буд, ки дар натиҷаи дигаргунии намоён бо маънои кухнаи тараққикарда пайдо шуд.

Маълум аст, ки ин маънои нав, пеш аз ҳама, дар байни моҳигирон, маллоҳон пайдо шуд, ки сабаби онро бо эҳтимол нишон медиҳанд, ки маънои «craft» «киштиҳои қувваи хурддошта ё мобайнӣ» бошад [225,351].

Аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар баробари омонимҳои гуногун баъзан бо сабаби тағйир ёфтани маънои луғавии калима аз ҳам дур будани умумияти маъноии калимаҳои сермаъно ва чун шаклҳои мустақил ба маънои худ истеъмол шудани онҳо дар забон омонимҳо пайдо мешаванд.

Ин тахмин бо он тасдиқ мегардад, ки сараввал дар матнҳои асри XVII ба вожаи «craft» дар ин маъно калимаи «small» – «хурд» рост меомад; ҳақиқатан бо ин калима – **craft** – *киштиҳои моҳигирӣ* ва умуман киштиҳои хурди одамкашониро ифода мекарданд. Ин ҳолат ба мо имконият медиҳад, ки пайдоиши калимаи «craft»-ро дар маънои «киштӣ» дар давраи пештар, махсусан, ба аввали асри XVI, дар даврае ки калимаи «craft» ҳанӯз бо маънои «қувва» истифода бурда мешуд, нисбат диҳем.

Андак дертар, дар асри XVIII калимаи «craft» ҳанӯз бо маънои *«қувва»* истифода мешуд. Баъдан дар асри XVIII алакай дар маънои на танҳо *киштиҳои хурд*, балки ҳама намуди он истифода мебурдагӣ шуд ва ҳамин тариқ барои ҳама намуди киштиҳо исми ҷомеъ гашт. Пеш аз ин дар забони англисӣ барои киштиҳо калимаи ҷомеъ набуд, вале маълум аст, ки ҳанӯз дар давраи қадимаи забони англисӣ 27 калимае вуҷуд дошт, ки намудҳои мухталифи киштиро ифода мекарданд. Диққат бояд дод, ки «craft» – «ҳиллагарӣ», «касбу кор» дар дигар шаклҳо ва маъноҳо низ вомехӯрад, масалан: **crafty** – «чаққон», **craftily** – «ҳиллагар», **craftsman** – «усто», **craftsmanship** – «устогарӣ». Ҳамон вақт имконияти калимасозии **craft** – «киштиҳо» бо имконияти маънои аслӣ доштанаш, ба миқдори кам оварда расонда шуд. Ин то як дараҷа онро ифода мекунад, ки **«craft»** ҳамчун калимаи мустақил эътироф карда мешавад.

Мисоли дигар дар забони англисӣ калимаи **frank** – «франк», ки дар давраи ҳукмронии истилогарони норман-фаронсавиҳо, ки аз мамлакати

франкҳо омада буданд, пайдо шуд. Дар давраи аввали таърихи забони англисӣ ин калима зоҳир нагардида буд.

Рушди ин калима дар заминаи забони англисӣ ба ҳаёти норманҳо, ки ҳукмрони табақаи англисии онвақта ба ҳисоб мерафтанд, зич алоқаманд аст. Ин далели он аст, ки дар давраи тараққиёти муносибатҳои феодалӣ дар Англия калимаи «frank» – «франк» истифодаи худро дар додани мафҳум, муносибат, зуҳуроти ифодакунандаи муносибатҳои барои феодализм хосро дарёфт.

Ҳамин тариқ, доштани коғазҳои қиматбаҳои озод аз рӯйи рентаи муқараршуда «frankferm» номида мешавад. Тасарруфи ба иҷора додашуда «frankfee» ном дорад. Фриголдер – дорандаи коғазҳои қиматбаҳо- «franklin» ном дорад.

Имтиёзи муҳимтарине, ки аз рӯйи он лорд-манор чарогоҳро дар ҳар майдони қитъаи худ, бемамониат барқарор карда метавонист, он ҷойе, ки кирокунандагони ӯ вазифадор буданд, ки чорвои худро нигоҳ доранд, «frank-fold» ном дошт.

Тӯй, ки бо шарофати он зану шавҳар соҳиби замине мешуданд, ки зан аз падараш ё дигар хешонаш гирифтааст ва ҳуқуқи ин заминро ба насли худ додан доштанд, **frank marriage** ном дошт. Дар баробари густариши вариантҳои мухталифи дар боло зикршудаи маънои калимаи «frank», тараққиёти ояндаи охирон ҳамзамон самти дигари инъикоскунандаи тобиши ақидаҳои (ритсарӣ) ҷавонмардӣ пайдо мешавад. Фаромӯш набояд кард, ки давраи истилои норманҳо ба давраи саршавии ҷунбиши ритсарӣ (сипоҳӣ), роҳпаймоиҳои салибӣ, ки анъанаҳои ба ҳама маълумро тавлид карданд, рост меояд. Аз ин ҷо ҳамон тағйироте, ки дар маънои калимаи **frank** ба вуҷуд омад, фаҳмо мегардад.

Дар баробари нигоҳ доштани маънои кӯҳнаи **frank** «сидқан» маънои «кушода», «рӯирост» ва ғ. пайдо мешавад. Дарк кардани он душвор нест, ки истифодаи ин калима дар маънои нав бояд дар байни мардуме, ки ҳукмрони доираи ҷамъияти англисии асрҳои XII-XIII ҷой дошта бошанд, ки худро ашрофзодагон меҳисобиданд, ҷой дошт.

Мустақилияти ин ду маъно дар давраи тараққиёти феодализм ба арши аъло расид. Бо ворид шудани сохти капиталистӣ вайрон шудани реша дар муносибати сохторӣ рух медиҳад, ки дар натиҷа калимаи **frank** дар маънои худ алаккай дар миёнаи асри XVIII комилан аз байн меравад. Калимаи «frank» дар маънои этникӣ ба сифати истилоҳи таърихии «франк» маънои худро нигоҳ дошт ва ҳамин тариқ, дар муносибат бо калимаи «**frank**» «кушоду равшан» ҷуфти омоним шуданд [225, 351].

Мушкилии фарқ кардани **полисемия** ва омонимия баъзе олимонро водор мекунад, ки ҳамчун омоним танҳо калимаҳоеро, ки аз ҷиҳати аслиашон гуногунанд, ба мақсад мувофиқ шуморанд [1, 71].

Забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки баръакси ҳодисаи полисемия, ки ба системаи маънои вожаҳои забон алоқаманд аст, ҳамовозии калимаҳо ба сохтори савтии онҳо вобастагӣ дорад. Гурӯҳи зиёди калимаҳои забон аз бобати қиёфаи овозии худ аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд. Маҳз ба ҳамин сабаб дар байни қиёфаи овозии ин ё он калима ва доираи муайяни маъноҳои луғавӣ робитаи саҳеҳ ба вуҷуд меояд ва маъноҳои ин ё он калима саҳван бо калимаи дигаре нисбат дода намешавад [118, 64]. Бо вуҷуди ин, бояд ба ҳисоб гирифт, ки дар ҳар як забон, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ ҳам баробари калимаҳои аз бобати қиёфаи овозиашон аз ҳам комилан фарққунанда боз як миқдори муайяни калимаҳое низ мавҷуданд, ки бо сохти овозии худ бо ҳам баробаранд ва **ё** наздикӣ доранд. Ин гуна вожаҳо калимаҳои ҳамовоз, ё омонимҳо номида мешаванд. Масалан, калимаи «**доира** ба маънои «ҳар чизи мудаввар» ва **доира** «навъе аз асбобҳои мусиқӣ»; **осиё** «дастгоҳи ордкунии ғалладона» ва **Осиё** «яке **аз** қитъаҳои олам»; **меҳр** «офтоб», **меҳр** «муҳаббат»; **қарс** «рӯймол», **қарз** «ба орият гирифтан»; **гарон** «қимат», **гарон** «агар он»; **бино** «иморат, сохтмон», **бино** «бинанда» [119, 58].

М. Муҳаммадиев ақида дорад, ки «Омонимҳо яке аз категорияҳои лексикӣ буда, аз тазоҳуроти сермаънои калимаҳо мебошад». Ё ин ки

дар мавриди дигар калимаҳои омонимӣ ҳамчун маъноҳои гуногуни як калима (як шакли овозии калима) ба қалам дода мешаванд [125, 89].

Дар мавриди омонимҳо барои муқоиса сермаъноӣ (полисемия)-ро ҳадафи таҳлил қарор медиҳанд, зеро зоҳиран ин ду ҳодисаи луғавӣ бо ҳам шабоҳате доранд, ки дар сурати ба эътибор нагирифтани баъзе нишонаҳои умумию хосаи онҳо ба каҷфаҳмию ғалат роҳ додан аз имкон дур нест [38, 36].

Дуруст аст, ки сермаъноӣ ва омонимияи луғавӣ ҳамчун ду паҳлуи ба ҳам муқобили як масъала, ҳамчун силсилаи маъноҳои луғавӣ ва қиёфаи овозии ифодаи он маъноҳо зоҳир мешаванд. Вобаста ба он ки ин ё он силсилаи маъноӣ бо як шакли овозӣ ифода мешавад, ё ин ки маъноҳои ҷудогонаи он ҳар яке қиёфаи овозии хос доранд, дар хусуси калимаҳои сермаъно ва ё ин ки омонимӣ муҳокима рондан мумкин аст. Дар ҳар мавриде, ки байни ин маъноҳои ҷудогонаи силсилаи маъноӣ робитаи мантиқию устувор вуҷуд надошта бошад, ҳодисаи омонимиро дидан лозим аст. Ба ин нисбат аз назар гузаронидани силсилаи маъноҳоеро, ки ба шакли овозии **даста** мансуб дониста мешавад, ҷолиби диққат аст. Дар як маврид калимаи **даста** ба маънои «ҳиссае аз як гурӯҳи дастаҷамъӣ аст» ба кор бурда мешавад: **дастаи** дар, **дастаи** ҷомадон, **дастаи** каланд; дар мавриди дигар он ба маънои «маҷмуи маводи ҳамҷинс» истеъмол меёбад: **дастаи** гул, **дастаи** кирмак, **дастаи** алаф; дар мавриди сеюм бошад он бо семантикаи «гурӯҳ, тӯдаи одамон» алоқаманд аст: **дастаи** хаваскорон, **дастаи** фидоиён, **дастаи** ғоратгарон. Ба тавре ки аз ин мисолҳои гуногун бармеояд, дар байни маънои якум ва дуюм робитаи муайяни мантиқиву шайъи мавҷуд аст, ки он ба хосияти зоҳирии шайъҳои ифодашаванда алоқамандӣ дорад. Баръакси ин маънои дуюм ва сеюм ба хосияти дигар – аз гурӯҳҳои дастҷамъӣ ташкил ёфтани шайъҳо ишорат мекунанд. Ба ин тариқа, маънои якум бо дуюм, маънои дуюм бошад бо сеюм алоқаманд шудаанд, вале дар байни маънои якум ва сеюм ҳамин гуна алоқамандии мантиқиву гурӯҳиро мушоҳида намекунем.

Ба сабаби мустақилияти маъноӣ чунин калимаҳо бо вуҷуди якхела будани қиёфаи овозиашон бо воҳидҳои мустақили забон табдил ёфтаанд ва якрангии талаффузи онҳо дар ин маврид ягон монеае шуда наметавонад [118, 59].

Бо овардани ин ҷадвал мо ба таносуби омонимия ва полисемия дар забони англисӣ равшанӣ меандозем:

Омонимия	**Полисемия**
hawk I [hɔ:k] *n.* боз, шоҳин, лочин, боша. **hawk II** [hɔ:k] *v.* донафурушӣ / чаканафурӯшӣ кардан **hawk III** [hɔ:k] *v.* гулу афшондан, сулфа задан.	**face** [feis] 1. *n* 1) рӯй, чеҳра, сурат, рух, рухсор; 2) рӯй, сафҳа (чизе). 3) қиёфа, симо, зоҳир, намо; 4) обрӯ.
Миёни маъноҳои омонимҳои **hawk** 1,2,3 ягон алоқа вуҷуд надорад	Миёни маъноҳои калимаи **face** 1) рӯй, 2) рӯй (саҳифа), 3) қиёфа, 4) обрӯ алоқа мавҷуд аст, баъзеашон синониманд

Ё ин ки дар «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ» - и Ш. Кабиров калимаи «оина» бо се маъно 1) *шиша, обгина,* 2) *ҳол, сурат, маврид,* 3) *ошкор, равшан* омоним шуда омадааст. Агар ба ин се маъно муродиф оварем, он гоҳ мебинем, ки миёни онҳо ягон алоқае вуҷуд надорад.

Дар забони англисӣ, ба гуфтаи муҳаққиқон, воҳидҳои омонимӣ нисбат ба забони тоҷикӣ хеле зиёданд, вале бо вуҷуди назаррас будан, омонимия ба мисли полисемия маъмул нест.

1.5. Омилҳои пайдоиши омонимҳои байнизабонӣ

Омонимҳои байнизабонии англисӣ ва тоҷикӣ вуҷуд доранд ва ҳар як шахсе, ки забонро меомӯзад, бояд аз вуҷуд доштани онҳо огаҳӣ дошта бошад, зеро надонистани онҳо ҳангоми тарҷума ба тарҷумон мушкилӣ пеш меорад.

Маълум аст, ки термини «Дӯстони назарфиреби тарҷумон» (калка аз забони фаронсавӣ *faux amis*) (истилоҳи русӣ – ложные друзья переводчика) аз тарафи М. Кёсслер ва Ж. Дероккин дар китоби *«Les faux amis ou Les pièges du vocabulaire anglais»* соли 1928 барои ифодаи воҳидҳои

лексикии аз рӯи имло ва талаффуз якхела, вале аз ҷиҳати маъно гуногун дар забони асл ва забони тарҷумашаванда оварда шудааст [Kessler, 1928, с. 210].

Вале қайд кардан лозим аст, ки Кёсслер ва Дероккин зуҳуроти «дӯстони назарфиреби тарҷумон» (ДНТ)-ро ҳамчун тарҷумаи таҳтуллафзӣ, яъне калима ба калима аз рӯи монандӣ дар талаффузи ду забон шарҳ додаанд.

Масъалаи тарҷумаи воҳидҳои лексикии мазкур аз як забон ба забони дигар нав набуда, дар корҳои таҳқиқотии Б. Абдулазизова [2008], В.В. Акуленко [2007; 2014], Т.С. Амиреджиби [1966], Л.И. Борисова [1982; 1991; 2002], Р.А. Будагов [1971; 1976], В.В. Дубичинский [1991], О.Ю. Инкова [1992], М.М. Каскулова [1987], В.Н. Комиссаров [1990], Н.В. Коростелева [1986], В.Л. Муравев [1985], Ю. Новиков [1960], М. Разморо [2010], Д. В. Самойлов [2014] ва дигарон баррасӣ шудаанд, вале дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то ҳануз мавриди таҳқиқ карор нагирифтааст.

Дар кори муаллифони зикршуда диққати асосӣ ба истифодаи ДНТ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ва пайдоиши онҳо равона карда шудааст.

ДНТ – калимаҳое дар забони омӯхташаванда мебошанд, ки бо калимаҳои забони модарӣ аз рӯи талаффуз ё навишт хеле монанд буда, аз рӯи маъно комилан дигаранд.

В. В. Акуленко қайд мекунад, ки асосан, «Дӯстони назарфиреби тарҷумон»-ро дар шакли нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бояд шинохт. [7, 120]. Забоншиносони зиёд (Р.А. Будагов, В.В. Акуленко, Л.С. Бархударов) зикр мекунанд, ки таърихан «дӯстони назарфиреби тарҷумон» натиҷаи ба ҳам таъсир кардани забонҳо мебошад, дар як қатор ҳодисаҳои маҳдуд метавонанд дар натиҷаи мувофиқати тасодуфӣ, лекин дар забонҳои хеш, алалхусус забонҳои хеши наздик бо калимаҳои хеш, ки ба тимсоли умумӣ дар забони асос дохил мешаванд, пайдо шаванд. Миқдори умумии онҳо ва нақши ҳар яке аз сарчашмаҳои эҳтимолии сохти онҳо барои ҳар як ҷуфти муайяни забонҳо алоқаи генетикӣ ва таърихии забонҳоро муайян карда истода, гуногун мебошанд [33, 362].

Ба ақидаи Р. А. Будагов «дӯстони назарфиреби тарҷумон» (ДНТ) дар нутқи хаттӣ хатари зиёд дорад. Ӯ инро бо он асоснок мекунад, ки дар тарҷумаи шифоҳӣ метавон бо калимаи на он қадар фаҳмо гуфта гузашт, вале дар нутқи хаттӣ ин имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз масъалаи ДНТ ин пеш аз ҳама масъалаи нутқи хаттӣ аст, гарчанде тарҷумони шифоҳӣ низ бояд онро ба назар гирад [32, 267].

Дар таҳқиқ мо ба қоидаи додаи В.В. Акуленко такя мекунем. Ӯ зикр мекунад, ки «дӯстони назарфиреби тарҷумон» ин ҷуфти калимаҳои дар забонҳои гуногун мебошанд, ки як хел талаффуз ё навишта шуда, маъноҳои гуногун доранд [7, 9].

Қайд бояд кард, ки забонҳои ба ҳамдигар наздик (хеш) нисбати забонҳои ғайрихеш миқдори зиёдтари навишти мушобеҳ доранд.

Миёни забонҳои хеш шояд миқдори зиёди омонимҳо ё паронимҳои байни забонӣ арзи вуҷуд дошта бошанд, ки дар натиҷаи инкишофи нобаробари пайдоиши маъноҳои калимаҳо ба вуҷуд омада бошанд. Калимаҳои дар забони асл ва тарҷумашаванда шаклан ба ҳам монанд, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарҷумон қарор мегиранд, на ҳамеша ҳаммаъно мебошанд. Одатан монандии расмии воҳидҳои лексикӣ натиҷаи чунин ду калимае мебошад, ки пайдоиши умумии юнонӣ ва лотинӣ доранд. Монандии расмии онҳо, ки гумони ивазкунандаи якдигарро медиҳанд, назарфиреб буда, тарҷумонро метавонад дар тарҷума ба иштибоҳ биёрад.

Расман омонимияро аз рӯи мувофиқ омадани як овоз ё якчанд воҳидҳои овозӣ, ки маънои гуногун доранд, муайян мекунанд [150, 117]. Тарҷума кардани омонимҳои байнизабонӣ мушкил аст. Ба андешаи В.В. Акуленко, омонимҳои байнизабонӣ хилофи забон буда, дар алоқа халал ба вуҷуд меоранд [6, 89].

Аксар вақт ин зуҳурот барои дарк кардани хабар ё интихоби шакли дуруст мушкилӣ пеш меорад. Ҳангоми тарҷумаи матнҳои хоричӣ надонистани ДНТ метавонад касро ба нофаҳмӣ дучор кунад ва ба маънои ҷумла таъсири манфӣ расонад.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҷуфти забонҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо калимаҳои шаклан монанд, вале аз рӯи маъно гуногун арзи вуҷуд доранд.

Дар миқдори зиёди забонҳо ба тарҷумонҳо зарурати муфассал омӯхтани ДНТ вуҷуд надорад. Дар асл ин калимаҳо на он қадар хавфноканд, гарчанде ки баъзан онҳо барои навкор дом мегузоранд: ин гуна калимаҳо хеле кам вомехуранд, ки шумо метавонед онҳоро комилан дар хотир нигоҳ доред.

Чунин намуди калимаҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд дорои якчанд маъно бошанд, вале яке аз ин маъноҳо бо маънои ДНТ мувофиқ меояд, лекин он ҳам маънои асосии он нест. Масалан, маънои якуми «officer» «шахси хизматӣ» мебошад, на «офитсер», гарчанде бо ин маъно метавонад истифода бурда шавад. Ҳангоми тарҷума, услуби матн, тарз ва контекст ба шумо дар маънои асосӣ ёрӣ мерасонад.

Dust from the road covered the car. ***Гарду губори*** *роҳ автомобилро пӯшонда буд* [Мамадназаров, 2015, 274].

*«***dust***»* [dʌst] – *гарду губор,* на *даст* **(hand)**

Пас аз омӯзиши мисолҳои оварда, метавон ба хулоса омад, ки на ҳама вақт ба маънои аввали калимаҳо такя кардан мумкин аст. Калимаҳо на дар ҳама ҳолат, балки танҳо дар як маъно бо ҳам мувофиқ меоянд. Одатан ин дар ҳолате рух медиҳад, ки калима аз рӯи як қисм маънои худ ба забон иқтибос шудааст. Ин гурӯҳ миқдори зиёди калимаҳоро дар бар гирифта, ҳангоми тарҷума мушкилии зиёд пеш меорад.

Дар калимаҳо маъноҳое мавҷуданд, ки дар калимаҳои ба онҳо мувофиқ дар забони дигар он маъноро ифода намекунанд. Ин одатан дар калимаҳое, ки дар ҳар ду забон аз забони сеюми дигар иқтибос шудааст, вомехӯрад. Масалан, «auditorium» – *аудитория (синфхона)*. Дар забони англисӣ он танҳо барои ифодаи «манзил» истифода бурда мешавад, на ба маънои одамоне, ки ягон баромадро гӯш мекунанд, ҳамчун «аудитория»- и забони русӣ, ки ба англисӣ «audience» тарҷума мешавад.

Калимаҳое ҳастанд, ки шаклан монанд, аммо маънои комилан гуногун доранд. Масалан, **fill** – муодили нодурусти калимаи «фил» мебошад, ки тарҷумаи дурусташ «пур кардан», «лабрез кардан» мебошад; **aspirant** – муодили нодуруст «аспирант», дурусташ «довталаб»; «gibe»– муодили нодуруст «ҷайб», дурусташ «масхара, тамасхур».

Калимаи «raft» маънои калимаи тоҷикии «рафтан» дар замони гузашта «рафт» не, балки «қаиқи тагпаҳн»- ро ифода мекунад.

Калимаи «inn» ба забони тоҷикӣ «ин» (ҷонишини ишоратӣ) набуда, маънои «маскан», «хона», «тарабхона»- ро медиҳад ва «тарабхона» – **restaurant** тарҷума мешавад.

Типологияи омонимҳои байнизабониро Л.И. Борисова ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунад:

- Калимаҳои забони асл, ки шакли талаффузи забони тарҷумашавандаро доранд, аммо пурра аз рӯи маъно тафовут доранд.
- Калимаҳои сермаъно, ки як қисми маънои онҳо дар забони тарҷумашаванда аз рӯи маъно мувофиқ меоянд. Калимаи «cheese» на «чиз, ягон чиз», балки «панир»: **to live on bread and cheese** *бо нону панир зиндагӣ кардан*; «cheese» аз решаи форсӣ: *чиз, одам* ё *чизи муҳим*; «cod» – на танҳо «код», балки *равгани моҳӣ, фиреб додан*; «box» – на танҳо *бокс*, балки *қуттӣ, зарба, шамшод*.
- Воҳидҳои лексикии забони асл, ки дар забони тарҷума дар талаффуз ё навишт монанд ва дар яке аз маъноҳои худ ҳаммаънои калимаи забони тарҷумашуда мебошанд.
- Бо вуҷуди ин, ҳамон калима як ё якчанд маъное дорад, ки бо шакли овозӣ ё навишти худ дар забони асл ягон умумияте надорад [Борисова, 2002, 110].

Дустони назарфиреби тарҷумон зуҳуроти байнизабонӣ мебошад, ки диққати тарҷумонҳо ва забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст. Гурӯҳи калимаҳои мазкур метавонад ҳатто мутахассисони варзида – тарҷумонҳоро ба иштибоҳ андозад.

Пас аз таҳлил мо собит намудем, ки се гуруҳи омонимҳои байнизабонӣ вуҷуд дорад: а) омонимҳое, ки аз рӯи маъно мувофиқат мекунанд; **bad** *бад, зишт;* **gas** *газ;* **amir** *амир;* **ghoul** *гул;* **gin** *ҷин*: б) омонимҳое, ки қисман мувофиқат мекунанд; **bass** *лифи дарахт, аломоҳии баҳрӣ,* **bass** *бас, овози бас, садои бас*; в) омонимҳое, ки аз рӯи маъно мувофиқат намекунанд. **bait** – *на байт , балки дона, тамаъ;* **bob** – *на боб, балки ҳалқа, гесӯ, кокул;* **chap** – *на чап (тараф), балки мард, ҷавонак, писар.*

	Намудҳои омонимҳои байнизабонӣ
I	**Маънои якхела**
	democrat [`deməkræt] –узви ҳизби *демократ*; **atom** [`ætəm] – *атом*, зарра, реза; **atlas** [`ætləs] – *атлас* (маҷмӯи харитаҳои ҷуғрофӣ); **opera** *[`ɔpərə] опера*, *мусиқии опера;* **sateen** [sæ`ti:n] – *сатин, чит* (одатан калимаҳои байналхалқӣ)
II	**Баъзе тафовутҳои маънӣ**
	bank – *банк, соҳил;* **tank** – *обанбор, танк, бак)*
III	**Маъноҳои гуногун**
	chill *на чил (шумораи миқдорӣ), балки сармо, сардӣ, хунук;* **cord** – *на корд, балки ресмон, банд, сим;* **gala** [`ga:lə] – *на гала, балки ид, ҷашн, зиёфат;* **physic** – *на физик, балки тиб, дармонгарӣ, дору, даво;*

А. А. Реформатский калимаҳои шаклан монанд, аммо маъноҳои гуногундоштаро мисол оварда таъкид мекунад: «Ҳангоми муқоиса кардани забонҳо монандиро ҷӯстан лозим нест. Он, чун қоида, фитнаангез аст» (калимаи булғории ***стол***, ки *стул*, чехии **cerstvy chleb**, ки *свежий хлебро* ифода мекунад) [147, 40].

Ҳамин тариқ «кефир»-и забони форсӣ ба «неверный»-и забони русӣ; «kulak»-и забони туркӣ ба «ухо»-и забони русӣ; «bardak»- и забони туркӣ ба «стакан»- и забони русӣ ва «позор»-и чехӣ ба «диққат»- и забони тоҷикӣ ва «внимание»-и забони русӣ мувофиқат мекунанд.

Омонимҳои байнизабонӣ умуман аз чӣ сабаб пайдо шудаанд? Дар ҳақиқат барои ин ягон сабабе вуҷуд надорад, зеро омонимҳо метавонанд гуногун бошанд. Баъзеи онҳо, ки сохти якҳиҷогӣ ё дуҳиҷогӣ доранд, тасодуфан як хел талаффуз мешаванд. Калимаҳои мураккабтар бошанд дар аксар ҳолатҳо дар яке аз забонҳо иқтибос шудаанд ва дар натиҷа маънои калима дар чорчубаи забони дигар хеле тағйир ёфтааст. Ҳамин тариқ, худи ҳамон як калима «ба роҳҳои гуногун» рафтааст, гарчанде асоси ин калимаҳоро як реша ташкил мекунад, вале дар аксар ҳолатҳо як хел талаффуз шудани омонимҳои байнизабонӣ тасодуфӣ мебошад. Аз ин лиҳоз дар онҳо ҷӯстани решаи умумӣ маънои бо роҳи нодуруст рафтанро дорад.

Сабабҳои пайдоиши ин «дустони назарфиреби тарҷумон» гуногун мебошанд. Бештар онҳо бо сабаби ҷараёни мураккаби рушди забонҳо ба якдигар таъсир расонда, мустақил инкишоф меёбанд.

Дар рафти таҳаввулоти забонҳо, соҳибони онҳо маънои калимаҳои сараввал аз дигар забонҳои қадима қабулкардаро ба тарзи нав қабул карданд.

Ба андешаи мо ҳангоми тарҷумаи калимаҳои ба ин монанд тарҷумон бояд ба маънои матн ва ҳолат диққат дода тарҷума кунад.

Албатта, масъалаи ДНТ диққати забоншиносон, тарҷумонҳо, устодони забонҳои хориҷиро ба худ ҷалб мекунад, аммо ҳалли масъалаи мазкур барои ихтисосмандони соҳаҳои дигар низ аз аҳамият холӣ нест.

asp [a:sp]	сиёҳбед	асп	**horse**
bait [bait]	дона	байт	**poem**
boy [boi]	писар, писарбача	бой	**rich**
calf [ka:f]	гӯсола, бачаи гов	каф	**palm**
chap [ʧæp]	мард, ҷавонак, писар	чап	**left**
come [kʌm]	омадан	кам	**little**

Пажуҳиши омонимҳои байнизабонӣ собит месозад, ки байни

забони англисӣ ва тоҷикӣ, бо вуҷуди тафовути зиёд доштан, омонимҳои байнизабонӣ вуҷуд доранд. Пас аз пажуҳиши омонимҳои байнизабонӣ аз рӯи пайдоиш мо «дӯстони назарфиреби тарҷумон»-ро ба ду гурӯҳ ҷудо кардем: а) калимаҳои тасодуфан мувофиқ; б) калимаҳои иқтибосӣ ё байналхалқӣ, ки дар натиҷаи иваз кардани маъно ба вуҷуд омадаанд.

Хулосаи боби якум

Пас аз таҳқиқу омӯзиши омонимҳо дар асоси ақидаву андешаҳои муҳаққиқон мо низ чунин таърифро пешниҳод мекунем: «Омонимия ду ё се ҷузъ калимаҳои ҳамшакл ва ҳамовозанд, ки маъноҳои гуногун дошта, метавонанд ба як ё ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб бошанд». Андешаи мо бархилофи андешаи муҳаққиқоне аст, ки гӯё омонимия ба забон халал ворид месозад, баръакс омонимия инсонро ба фикр кардан водор месозад ва пас аз бедор шудани фикр онро рангоранг месозад.

Пас аз омӯзишу таҳлилҳои этимологии омонимҳо фаҳмида шуд, ки вожаҳои якхела барои ифодаи ду предмет ноқулай буданд ва ин ба иваз кардани яке аз калимаҳо ба калимаи дигари аз он фарқ мекардагӣ оварда расонд. Бо вуҷуди он калимаи нав метавонист омофони калимаи дигар шуда омонимии нопурраро ба вуҷуд биёрад.

Хулоса, дар забони англисӣ ва тоҷикӣ омонимияро аз сермаъноӣ ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст. Байни калимаҳои омонимӣ алоқае вуҷуд надорад, вале дар вожаҳои полисемӣ маъноҳои калима, ба андешаи мо қариб, ки муродифанд ё ин ки маъноҳо ба ҳам алоқаманданд.

Ба андешаи мо дар омонимия сирре ниҳон аст, ки кушодани он гӯё як ҷаҳони навро кашф кардан аст ва омонимия аз полисемия дида ҷолибтар аст, агар шумо пардаро аз рӯи он кушода тавонед.

Дар забони тоҷикӣ нисбати забони англисӣ миқдори камтари омонимҳо вуҷуд дорад, ки дарки онҳоро осонтар мегардонад, ҳол он ки дар забони англисӣ мушкилии зиёдро истифодаи омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ, омонимҳои пурра ва нопурра, ки дар забони тоҷикӣ аналоги худро надоранд, эҷод мекунанд.

Мушаххас гардид, ки сабабҳои пайдоиши вожаҳои омонимӣ, таносуби омонимия ва полисемия забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва этимологияи омонимҳо дар забони англисӣ инҳо мебошанд:

1. Омонимҳо дар натиҷаи такмилдиҳии монандшавии унсурҳои шакли овозӣ, яъне ҳангоми тасодуфан ҳамовоз шудани ду ё се калимаи аслан гуногун пайдо мешаванд.
2. Аз сермаъношавии калимаҳо дар натиҷаи такмили нодурусти семантикӣ.
3. Тағйироти фонетикӣ.
4. Калимаҳои иқтибосӣ.
5. Калимасозӣ (конверсия, кӯтоҳкунӣ, ҳаммонандсозии овоз).
6. Тағйироти семантикӣ.
7. Ҷараёнҳои гуногуни калимасозӣ (аффиксатсия, калимамурак-кабкунӣ, ихтисорот).
8. Содакунии ҳарфҳои якҷояи (**wr-**) ба (**r**).

Ба андешаи мо бе омонимҳо забон тобиш надорад, яъне зебоии худро гум мекунад, аз полисемия дида омонимия ҷолибтар аст, зеро бе омонимҳо ҳаҷв маънои худро гум мекунад.

Ба туфайли ин сабабҳо калимаҳои омонимии зиёд пайдо шуданд: vale (водӣ) - vail (тан додан) ва veil (парда, чодар); gate (дарвоза) ва gate (рафтор, равиш); plane (ҳамворӣ) ва plain (равшан); sale (фурӯш) ва sail (бодбон); vane (боднамо) ва vain (ботил, беҳуда), инчунин vein (раги варид); raze (вайрон кардан) ва raise (бардоштан); ale (оби ҷав) ва ail (бемор шудан); brase (лаҳим кардан) ва braise (гуштро дам карда пӯхтан); tale (қисса) ва tail (дум); waste (биёбон) ва waist (миён) ва ғ.

БОБИ II. ИНЪИКОСИ ОМОНИМИЯ ДАР ОСОРИ ЛУҒАТНИГОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

(дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ)

2.1. Инъикоси омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва грамматикӣ-лексикӣ дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ

Омонимҳоро баъзан калимаҳое меноманд, ки якчанд маъно доранд, ки онҳо бо ҳам алоқамандие надоранд. Баъзан онҳоро бо муродифҳо омехта мекунанд, ҳарчанд ин мафҳумҳо комилан муқобили якдигаранд. Муродифҳо калимаҳои гуногуне мебошанд, ки навишт ва талаффузи гуногун дошта, худи ҳамон маъно ё маънои ба он монандро доранд. Бар хилофи ин, омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки навишт ва талаффузи якхела, вале пурра маънои гуногун доранд.

Дар аксар ҳолатҳо омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки пайдоиши гуногун доранд (яъне, аз калимаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд). Аз рӯйи таърифе, ки ин ё он луғат ба калимаи "homonym" медиҳад, баъзе калимаҳои дар зер додашуда, масалан: **"chord** [kɔ:d] *аккорд*–**cord** [kɔ:d] *банд;* **discreet** [dis'kri:t] *боақл* – **discrete** [dis'kri:t] *гусаста;* **plain** [plein] *ҳамвор* – **plane** [plein] *ҳавопаймо*; **toast** [toust] *тост, нони тафдода* – **toast** [toust] *қадаҳ*; **train** [trein] *қатора*– **train** [trein] *омӯзондан*; **trunk** [trʌŋk] *тана, бадан* – **trunk** [trʌŋk] *хартум* метавонанд омоним ҳисобида шаванд ё ҳисобида нашаванд, чунки онҳо аз худи як калима пайдо шудаанд.

Омонимҳои нопурраро дар забони англисӣ (Partial homonyms) А.И. Смирнитский ба се зергурӯҳ чудо мекунад:

– омонимҳои лексикӣ;
– омонимҳои морфологӣ ё грамматикӣ;
– омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ [158, 168].

а) Омонимҳои лексикӣ гуфта калимаҳои шаклан якхеларо меноманд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд: **duck** [dʌk] *n. мурғобӣ, урдак* – **duck** [dʌk] *n. матои катонӣ, карбос;* **barrow** [bærou] *n. аробаи дучархаи дастӣ.-*

barrow [bærou] *n. баландӣ, хоктеппа, хоктӯдаи қабр;* **dudgeon** [dʌʤen] *n. дастаи ханҷар* – **dudgeon** [dʌʤen] *n. нафрат, газаб.*

Омонимҳои лексикӣ ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, дар натиҷаи тасодуфан ба ҳам мувофиқат кардани овозҳои калима, иқтибоси калимаҳо ва баъзан аз ҳам дур шудани маъноҳои калимаҳои сермаъно ба вуҷуд меоянд. Масалан, вожаи **ball I** [bɔ:l] *n. кура;* **ball II** [bɔ:l] *n. шаби рақс, балл, маҳфили рақс* дар натиҷаи тасодуфан ба ҳам мувофиқат кардани овозҳо ба вуҷуд омадааст.

Вожаи **air** бошад дар заминаи аз ҳам дур шудани маъноҳои калимаи сермаъно ба вуҷуд омадааст: **air I** [εə] *n.* ҳаво; **air II** [εə] *n. намуд, зоҳир, намо, муҳит, намуди зоҳирӣ, зоҳир ё тарҳи рӯй (шахс);* **air III** [εə] *n. суруд, оҳанг.*

Бо роҳи сермаъноӣ ба вуҷуд омадани омонимҳоро дар мисоли калимаи **bar** [ba:] низ мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, **bar** [ba:] дар маънои аввал *пора, порча,* дар маънои дуюм *галақа* ва сеюм *монеа.*

Омонимҳои лексикӣ аз рӯйи хусусияти грамматикиашон якхелаанд, вале аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Ин аст, ки омонимҳои **bang** [bæŋ] *садои баланд, зарба* ва **bang** [bæŋ] *зулфи парешон, гесӯ* ба як ҳиссаи нутқ – исм тааллуқ доранд, вале маънои умумӣ надоранд.

Омонимҳои **affect** [ə′fekt] *вонамуд кардан, баҳона кардан* ва **affect** [ə′fekt] *таъсир кардан, таҳти таъсир қарор додан* ба феъл тааллуқ доранд, вожаҳои омонимии **affected** [ə′fektid] *бемор, фалокатзада, залил, таҳти таъсир* ва **affected** [ə′fektid] сохта, сунъӣ, қалбакӣ ба сифат тааллуқ доранд, **dis** – [dis-] ба калимаҳо маънои инкорӣ медиҳад ва **dis** – **II** [dis-] ба калима маънои *маҳрум* ё *ихроҷ* [214, 40] карданро медиҳад, пешванд мебошанд, вале маънои умумӣ надоранд. Шаклҳои навишт ва талаффузи якхела ва аломатҳои грамматикӣ имкон медиҳанд, ки онҳоро омоним ном барем, вале маъноҳои гуногун онҳоро ба қатори омонимҳои лексикӣ дохил мекунад.

Мо инъикоси омонимҳои грамматикиро дар фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии П. Ҷамшедов ва А. Мамадназаров мавриди пажӯҳиш қарор

додем. Мавриди зикр аст, ки «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов соли 2005 ба чоп расидааст, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин фарҳанги калон ба ҳисоб мерафт, ки ҳанӯз дар соҳаи фарҳангнигорӣ фарҳангҳои зиёде набуд. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов омонимҳо инъикос нашудаанд, вале калимаҳои сермаъно ба мисли омонимҳо рақамгузорӣ шудаанд. Масалан, вожаи **paste** ҳамчун калимаи сермаъно чунин оварда шудааст: **paste**[1] [peist] *n* хамира, ширеш**; paste**[2] [peist] *v* ширеш кардан, часпонидан; **paste**[3] [peist] *v комп*. гузоштан, часпондан [222, 458].

Дар маънои аввал вожаи **paste** ҳамчун исм ва дар ду маънои дигар ҳамчун феъл оварда шудааст. Гарчанде дар ду маъно ба вазифаи як ҳиссаи нутқ омадааст, вале онҳоро омонимии лексикӣ номидан иштибоҳ аст, зеро маънoҳои онҳо ба якдигар алоқаманданд. Аз ин рӯ, онҳо дар ҳақиқат калимаҳои сермаъноянд.

Вожаи **page** бо маънoҳои зерин дар ин фарҳанг оварда шудааст: **page**[1] [peiʤ] *n* саҳифа; *комп*. сафҳа, варақ; ~ **fault** нуқси сафҳа; ~ **frame** қоби сафҳа; ~ **printer** чопгари сафҳаӣ; ~ **site** андозаи сафҳа, ҷойгузории сафҳа; ~ **swapping** мубодилаи сафҳа; ~ **level** сафҳаӣ; ~ **oriented** сафҳагароӣ, сафҳаӣ; *v* сафҳа гузоштан, шуморагузорӣ кардан; садо кардан. **page**[2] [peiʤ] *n* пешхизмат, дарбон, навкар [222, 452].

Вожаи мазкур дар ду ҳолат исм шуда омадааст ва онҳо шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба исм мансубанд ва танҳо дар маъно гуногунанд ва маънoҳои онҳо бо якдигар алоқае надоранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки инҳо омонимҳои лексикианд.

Зикр бояд сохт, ки дар ин фарҳанг танҳо бо ҳамин як калима дучор шудем, ки ба як ҳиссаи нутқ мансуб аст, яъне омонимҳои лексикӣ оварда нашудаанд. Ҳар калимае, ки оварда шудааст, ба вазифаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ таалуқ доранд.

Нашри навини «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров бо зиёда аз 100 ҳазор калимаю ибора ва ибораҳои рехта соли 2015 аз чоп баромад. Дар фарҳанг рақами римӣ пас аз калимаи асосӣ нишон

медиҳад, ки калима якчанд омоним дорад ва ҳар як омоним алоҳида ҳамчун сарвожа дода мешавад. Масалан, вожаи **yard I** [ja:d] *n* ярд - воҳиди дарозии англисӣ, **yard II** [ja:d] *n* ҳавлӣ ҳамчун омоним оварда шудааст. Ҳар ду вожа шакли навишт ва овозии якхела дошта ба як ҳиссаи нутқ – исм тааллуқ доранд. Ин ду омоним танҳо бо маъноҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, инҳо омонимҳои лексикӣ мебошанд. Омонимҳои лексикӣ метавонанд ба феъл, сифат, зарф ё дигар ҳиссаҳои нутқ мансуб бошанд: **blench I** [blentʃ] *v* ақиб гаштан/ рафтан, худро ақиб кашидан; **blench II** [blentʃ] *v* рангпарида кардан/ шудан, ранграфта кардан. Ин вожаҳо ба феъл тааллуқ дошта, дорои маъноҳои гуногунанд, ки бо ҳам алоқае надоранд. Вожаи **affected I** [ə'fektid] *adj* бемор, фалокатзада, залил. **affected II** [ə'fektid] *adj.* сохта, сунъӣ [214, 40] ба сифат тааллуқ доранд ва аён аст, ки гарчанде шакли навишт ва овозии якхела дошта бошанд ҳам, маъноҳои гуногун доранд, ки бо ҳам ягон алоқае надоранд.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров омонимҳои лексикӣ ба тариқи мушаххас оварда шудаанд, ки инро дар муқоиса бо фарҳанги П. Ҷамшедов дар ҷадвал собит месозем:

Вожа	**Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ П.Ҷамшедов**	**Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ А . Мамадназаров**
inflexion	**inflexion** [in'flekʃn] *n* хамӣ, каҷӣ, печ, гардиш, бандак (ҳиссаи охирини тағйирёбандаи калима) модулятсия, оҳанг	**inflexion I** [in'flekʃn] *n грам.* ивазшавии калима, тасриф, **inflexion II** [in'flekʃn] *n* 1) гардиш, хамгашт, печиш, хамидагӣ; 2) *мус.* оҳанг, садо, навохт.
flail	**flail** [fleil] *n* ғаллакӯб; *v* ғаллакӯбӣ кардан, кӯбидан	**flail I** [fleil] *n* занҷир. **flail II** [fleil] **1**. *n* хирманкӯб, ғаллакӯб, гандумкӯб; **2.** *v* кӯфтан, хирман кӯфтан.
watch	**watch[1]** [wɔtʃ] *n* назорат, посбон, миршаб, қаровул, навбатдор; соати дастӣ; **watch[1]** [wɔtʃ] *v* нигоҳ кардан, поидан, поида истодан; ~ over нигаҳбонӣ кардан, посбонӣ кардан; to keep a close ~ on sth чизеро бодиққат поидан; ~ what	**watch I** [wɔtʃ] *n* соат (*дастӣ ва кисагӣ*): It's two o'clock by my watch. Аз рӯи соати ман соат холо ду шудааст. My watch gains/ is fast. Соатам пеш меравад. My watch has run down. Соатам аз кор мондааст. **watch II** [wɔtʃ] **1.** *n* 1) назорат, нигоҳдорӣ, дидабонӣ, посдорӣ,

	you’re doing бубин чӣ кор карда истодаӣ; навбатдорӣ кардан	мароибат: a close watch назорати дақиқ; 2) нигаҳбон, дидабон, муҳофиз, посбон,: Call the watch! Посбонро фарёд кун! **be on the watch for** интизор шудан; **keep watch on over sth/ sb** поидан, мушохида кардан; **2.** *v* а) поидан, таҳти назар гирифтан, баробар будан: They are being watched by the police. Онҳо дар таҳти назари полис қарор доранд; б) тамошо кардан, нигоҳ кардан, назора кардан, таваҷҷуҳ кардан: They watched the boys playing football. Онҳо футболбозии бачаҳоро тамошо мекарданд. в) посбонӣ кардан, дидбонӣ кардан, нигоҳбонӣ кардан, қаровулӣ кардан (инч. **watch over**): The dog watched over the child all night. Саг тамоми шаб кӯдакро посбонӣ кард.) мунтазир будан, интизор шудан: We watched for the train. Мо мунтазири қатора будем, **watch television/ TV** телевизор тамошо кардан; **watch for** интизор шудан; **watch over** посбонӣ кардан **watch out**! Эҳтиёт бошед!

Аз омӯзишу таҳлилҳо собит шуд, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов ба сарвожаҳои омонимӣ аз як ҳиссаи нутқ танҳо як маъно оварда шудааст, яъне як мақолаи сарвожа агар ба исм тааллуқ дошта бошад, дигараш ба феъл ва сифат ва ғайраҳо мансуб аст, яъне омонимҳои лексикӣ дар ин фарҳанг оварда нашудаанд.

б) Омонимҳои грамматикӣ чунин омонимҳоеанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд ва ин гуна омонимҳо хеле зиёд дучор мешаванд: **above** – *пешоянд, зарф, сифат (prp, adv, a);* **act** – *исм ва феъл (n, v);* **after** – *пешоянд, зарф, пайвандак (prp, adv, cj.*

Мо дар диссертатсия барои омехта накардан онҳоро танҳо омонимҳои грамматикӣ ном мебарем. Дар омонимҳои грамматикӣ маъноҳо монанданд, вале онҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, ба мисли **match** – **contest** (*noun*) ва **match** – **smth in competition** (*verb*). Омонимҳои мазкур на танҳо бо талаффуз, балки бо маънои умумии **compete** алоқамандand, вале фарқияти гурӯҳи онҳоро ба омонимҳои грамматикӣ табдил медиҳанд.

Як гурӯҳ муҳаққиқон ба монанди В.А. Кочергина, Ю.С. Маслов, М. Норматов ва як зумраи дигар омонимҳои морфологиро омонимҳои грамматикӣ номидаанд [92, 439; 110, 131; 134, 42]. Мо низ ин гуна омонимҳоро дар корамон омонимҳои грамматикӣ меномем, зеро ин ба маъно наздиктар аст.

Зикр бояд кард, ки масъалаи ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доштани калима дар забони англисӣ ба хусусияти морфологии ин забон вобаста аст, яъне феълҳои номии ин забон гоҳе аз исмҳо бе тағйир ёфтани шакли он сохта мешаванд: **act I** [ækt] *n.* 1) *кор, амал, кирдор;* 2) *қонун, қарор; 3) парда;* **act II** [ækt] *v.* 1) *амал кардан;* 2) *рафтор кардан;* 3) *бозидани нақш,* **excise II** ['eksaiz] 1. *n.* мол, боҷ; **excise I** ['eksaiz] *v.* буридан, бурида ҷудо кардан, бурида партофтан [214, 314].

Дар омонимҳои грамматикӣ метавон маънои умумӣ, вале ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доштани онҳоро дарёфт. Ҳамин тариқ, омонимҳои **bloom** [blu:m] (*noun*) *гулкунӣ* ва **bloom** [blu:m] (*verb*) *гул кардан* на танҳо бо талаффуз ва имло якхелаанд, балки маънои умумии **flower bloom** (*гулгулшукуфӣ*) доранд, вале тафовути категориявӣ ин калимаҳоро омонимҳои грамматикӣ мегардонад. Инъикоси ин намуд омонимҳоро, ки дар забони англисӣ хеле зиёданд, дар «Фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов ва А. Мамадназаров дида мебароем. Дар фарҳанги П. Ҷамшедов вожаи **fob**[1] [fob] *v ваъдабозӣ кардан, фиреб додан; дурӯғ гуфтан; қолаб кардан, андохтан* ва **fob**[2] [fob] *n кисача барои соат* оварда шудааст. Дар ин луғат ин вожа ҳамчун калимаи сермаъно оварда шудааст. Дар ҳолати якум, ки ба он маъноҳои дигар низ оварда шудааст, онҳо

сермаъноии онро, албатта, ифода мекунанд, вале дар ҳолати дуюм ба ин вожа як маъно *кисача барои соат* оварда шудааст, ки ба маънои вожаи якум *ваъдабозӣ кардан, фиреб додан; дурӯғ гуфтан; қолаб кардан, андохтан* ягон алоқамандие надорад. Азбаски онҳо шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанд, вале маъноҳои гуногун доранд, омоними грамматикӣ мебошанд, на калимаҳои сермаъно. Дар ин фарҳанг, инчунин вожаи **undone**[1] [ʌn'dʌn] *pp* аз undo; **undone**[2] [ʌn'dʌn] *adj анҷомнашуда, нимакора* [222, 648] оварда шудааст, ки ҳар ду калима шакли навишт ва овозии якхела дошта ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ – феъл ва сифат мансуб буда, маъноҳои гуногун доранд, ки инро метавон омоними грамматикӣ номид.

Дар фарҳанги А. Мамадназаров вожаи **incense** [in'sens] *v* хашмгин кардан, ба ғазаб / хашм овардан, асабонӣ кардан, оташин кардан. **incense** [in'sens] *n* бухур (шилми хушбуй, ки дар маросимҳои динӣ дуд мекунад) оварда шудааст, ки дар ҳар ду ҳолат шакли навишт ва имлои якхела дошта, ба исм ва феъл мансубанд, вале маъноҳои гуногун доранд, ки бо ҳам наздикие надоранд. Аз ин рӯ, онҳоро мо омонимҳои грамматикӣ номида метавонем. А. Мамадназаров омонимҳои грамматикиро бо инъикос кардани рақами римӣ ва дар шакли кӯтоҳ овардани ҳиссаи нутқи он калима мушаххас кардааст, ки шинохтани ҳар намуд омоним аз онҳо хеле осон аст.

Вожа	**Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ П. Ҷамшедов**	**Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ А. Мамадназаров**
hale	**hale** [heil] *adj* боқувват, тануманд (бештар дар бораи пирамардон); ~ and hearty боқувват ва бардам; *v* бурдан, кашидан, кашола кардан, кашондан	**hale I** [heil] *a* 1) неруманд, дилзинда, зиндадил, солим; hale and hearty боқувват ва зиндадил; 2) беайбу бенуқс, қавӣ, комил, саҳеҳ. **hale II** [heil] *v гуфт.* кашидан, кашондан, кашон-кашон бурдан.
hawk	**hawk**[1] [hɔ:k] *n* пайғу ғалевоҷ, заған; шоҳин, лочин **hawk**[2] [hɔ:k] *v* бо пайғу (боз) шикор кардан; сулфида гулӯ тоза кардан	**hawk I** [hɔ:k] **1**. *n* 1) боз, шоҳин, лочин, боша; 2) парандаҳои шикорӣ; 3) маҷ. дарранда; Hawks will not pick hawk's eyes out. *Зарб*. ~ Ошно донад забони ошноро.

		2. *v* 1) бо боз/ шоҳин шикор кардан; 2) ҳамчун шоҳин ҳучум кардан. **hawk II** [hɔ:k] *v* донафурӯшӣ/ чаканафурӯшӣ кардан (дар бозор ва куча). **hawk III** [hɔ:k] *v* гулу афшондан, сулфа задан.
hock	**hock**[1] [hɔk] *n* гарав; in ~ дар гаравбуда; дар ҳабсбуда; қарздорбуда; ба гарав мондан (чизеро) **hock**[2] [hɔk] *v* фалаҷ кардан, аз кор андохтан; гурӯҳ гузоштан	**hock I** [hɔk] *n* шароби сафед (навъи шароби ангур). **hock II** [hɔk] 1. *n* 1) *амер. гуфт.* гарав; in a hock 1) дар гарав; 2) дар маҳбас; 2. *v* ба гарав мондан (чизеро).
	rate[1] ['reit] *n* андоза, нарх; маош; суръат; унвон; at any ~ ба ҳар ҳол, ба ҳар навъ; first ~ якумдараҷа, навъи якум; ~ of exchange нархи навъи асъор; *комп*. Суръат, зуддӣ, шадидӣ, асарбахшӣ; ~ of exchange суръати мубодила **rate**[2] ['reit] *v* арзиш гузоштан, нарх мондан, арзёбӣ кардан; баровардан; ба ҳисоб овардан; сарзаниш кардан	**rate I** [reit] *v* сарзаниш кардан, танбеҳ додан. **rate II** ['reit] **1**. *n* 1) нарх, баҳо, қимат, арзиш, андоза: the rate of exchange нархи мубодилаи арз; 2) суръат, тезӣ: at the rate of 5 miles an hour бо суръати 5 мил дар як соат; 3) мизон, миқдор: the rate of pay per month миқдори пардохт дар як моҳ; 4) дараҷа, сифат, табақа, ҷинс: a second rate writer нависандаи дуюмдараҷа; **at any rate** дар ҳар сурат, ба ҳар хол; лоақал; **at this rate** дар ин сурат, ба ин тариқ. **2.** *v* 1) арзёбӣ кардан, санҷидан: He was highy rated as a poet. Ӯ хамчун шоир баланд арзёбӣ мегардид. 2) шумурдан, донистан: I rate him among the poets. Ман ӯро аз зумраи шоирон медонам. 3) муайян кардан (дараҷа, сифат ва ғ.); 4) андозбандӣ кардан.
	right[1] [rait] *adj* дуруст, рост (ҷавоб); даркорӣ, мувофиқ, ҳуқуқ; ~all ~ хуб; way роҳи рост, дуруст; in the ~ дар тарафи рост; to the ~ ба тарафи рост; the ~ time вақти аниқ;	**right I** [rait] **1**. *n* 1) ҳақ, ҳуқуқ: the right of free speech ҳаққи озодии сухан; civil rights ҳуқуқи шаҳрвандӣ / маданӣ; property rights ҳуқуқи моликият; copyright ҳаққи инҳисорӣ / чоп;

	she’s ~ вай ҳақ аст; that’s ~! дуруст; to put a mistake ~ хаторо ислоҳ намудан; you are in the ~ ҳақ аз ҷониби шумост; by ~s бо адолат; ~ and wrong дурусту ндуруст; ~ to the end of sth то охири чизе; *комп*. ~ justify тароз кардан аз рост, ҳамтарозӣ аз рост; ~- shift тағйири макон ба самти рост. **right**[2] [rait] *adv* ба рост, ба самти рост, мустақим, дуруст, дақиқан; комилан, фаврӣ. **right**[3] [rait] *n* дуруст, тарафи рост; ҳақ, ҳаққоният. **right**[4] [rait] *v* рост кардан, соф кардан, ислоҳ кардан, дуруст кардан, мураттаб кардан; ҷуброн кардан.	the right to work ҳуқуқи меҳнат; the right of veto ҳуқуқи боздоштан ё манъ кардан; to demand / maintain one's right ҳуқуқҳои худро талаб кардан / ҳифз кардан; rights and duties ҳуқуқҳо ва вазифаҳо; under a right in international law бар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ; 2) ҳақиқат, адолат: to know right from wrong ҳакро аз ноҳак ҷудо карда тавонистан; 3) тарафи рост ё дасти рост: Please sit on my right. Марҳамат, аз тарафи рости ман шинед. 4) (**the Right**) қувваҳои рост; 5) *pl* ҳақиқати ҳол; тартибот; the rights and wrongs санадҳо ва хаёлот. **2**. a 1) рост: his right hand дасти росташ; 2) рост, мустақим: a right line хати рост; a right angle кунчи рост; to take the right road бо роҳи рост рафтан; 3) дуруст, саҳеҳ: the right answer ҷавоби саҳеҳ; 4) ҳақиқӣ, одил; 5) солим, дуруст: right as nails комилан солим; in one’s right mind дорои ақли солим; 6) лозим: right person шахси лозим/ зарурӣ. **3**. v 1) мураттаб кардан, муназзам кардан, ба тартиб даровардан, сомон додан: to right the room хонаро сомон додан; 2) ислоҳ кардан, рост кардан, дуруст кардан. **4**. adv 1) ба тарафи рост, дар самти рост: He turned right. Вай ба тарафи рост гашт. 2) рост: Go right into the house. Рост ба хона дароед. 3) маҳз, айнан, аниқ: He was standing right in the middle of the hall. Вай аниқ дар мобайни хона меистод. 4) *гуфт.* хеле; **be right** ҳақ будан; **be / feel all right** худро сиҳат ва саломат ҳис кардан;

Дар ҳар ду фарҳанг вожаи **right** бо чор ҳиссаи нутқ исм, сифат, феъл ва зарф ифода ёфтаанд, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов ҳамчун калимаи сермаъно дар як мақола ва дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров ҳамчун омоним ё ин ки омоними грамматикӣ дар се ё чор мақолаи алоҳида оварда шудааст. Дар ҳар ду фарҳанг сарвожа бо ҳарфи хурди сиёҳи ғафс, бо сархат ва ҳиссаи нутқ дар шакли курсив бе нуқта оварда шудааст, ки ин умумияти ин ду фарҳангро нишон медиҳад.

Дар фарҳанги А. Мамадназаров вожаи **beetle** дар маънои **I, II** исм буда, дар маънои **III** феъл оварда шудааст: **beetle I** [ˈbi:tl] *п. шиббакунӣ, шиббазанӣ;* **beetle II** [ˈbi:tl] *п. гамбусак*, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд, омоними лексикӣ ва **beetle III** [ˈbi:tl] *v. баромадан, пеш баромадан* бо **beetle I** ва **beetle II** омоними грамматикианд [214, 90].

Зимни таҳлил собит гардид, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов омонимҳои грамматикӣ бо овардани танҳо ду ҳиссаи нутқи ба онҳо мансуб ба охир расидааст, дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров дар аксар омонимҳои грамматикӣ ба се ё зиёда ҳиссаи нутқ мансуб будани омонимҳо оварда шудаанд, аз қабили: **key I** [ki:] *n* **1**. калид. **2**. *adj* аслӣ, калидӣ, муҳим; **3**. *v* 1) бо калид кушодан ё маҳкам кардан, қулф кардан. **key II** [ki:] *v* ҷӯр кардан, танзим кардан, ҳамоҳанг кардан ва ғ. [214, 462]. Калимаи **key** дар вазифаи се ҳиссаи нутқ – исм, сифат ва феъл омадааст.

Дар фарҳанги П. Ҷамшедов аксар он калимаҳое оварда шудаанд, ки бо роҳи конверсия, яъне исмшавии ҳиссаҳои нутқ ба вуҷуд омадаанд, сохта шудаанд. Маънои чунин калимаҳоро аз маънои дигаре бо осонӣ фаҳмидан мумкин аст.

Дар забони англисӣ омонимҳои тозаи грамматикии фонетикӣ-графикӣ мавҷуданд, ки нисбати дигар намуди омонимҳо зиёдтаранд. Онҳо дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ мушкилӣ пеш намеоранд, зеро танҳо аз рӯйи маънои грамматикӣ фарқ карда, маънои лексикии якхела дошта, дар шакли фонетикию графикӣ шабоҳат доранд:

help *n. (ёрӣ)* – **help** *v. (ёрӣ додан);* **wish** *n. (орзу)* – **wish** *v. (орзу кардан);*

They also planted <u>rubber</u> trees to make <u>rubber</u>. *(«Cambridge English for Schools in Russia», Level 2 ex. 3 p. 11). ~ Онҳо инчунин барои каучук истеҳсол кардан дарахтони каучукдор шинонданд* [Информант].

в) Омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ ҳам хусусияти гурӯҳи якум ва ҳам дуюмро доранд. Омонимҳоеро, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ меноманд: **bate** [beit] *n. маҳлул барои мулоим кардани пӯст* – **bate** [beit] *v. фурӯкаш кардан, кам кардан, костан; маҳрум кардан;* **billed** [bild] *v. аз асоси замони гузашта* **bill** *v. суратҳисоб додан, қалам ба қалам ҳисоб кардан;* – **build** [bild] *n. сохтор, сохтмон, шакл, ҳайкал.*

Профессор А.И. Смирнитский дар омонимияи грамматикӣ-лексикӣ мувофиқати калимаҳоро дар шакли гуногуни грамматикӣ мефаҳмид. Дар ин сурат ӯ чунин ҳисоб мекард: а) агар калимаҳои ба як ҳиссаи нутқ мансуббуда ба ҳам мувофиқ биоянд, ин омонимияи соддаи грамматикӣ-лексикӣ мебошад: find - "ёфтан" found - "асос гузоштан" finds founds found founded finding founding; б) агар калимаҳои мувофиқомада ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб бошанд, ин омонимияи мураккаби грамматикӣ-лексикӣ мебошад: **light** - "равшанӣ" **light** - "сабук" **light's lighter lights lightest** [158,169].

Дар омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ мувофиқати онҳо расман ба охир расида, вале тафовут ҳам ба хусусияти грамматикӣ ва ҳам лексикӣ тааллуқ дорад. Дар ин ҳолат, чун қоида, дар сохтани гурӯҳҳои омонимӣ конверсияи калимасоз манбаи асосӣ мебошад. Аммо бо осонӣ метавон дид, ки байни ин ду шакл тафовут нест.

Аз сабаби наздик шудани маъноҳои лексикӣ, мавҷуд будани сохтори омонимҳоро на ҳама забоншиносон эътироф мекунанд. Ба ҳар ҳол, воҳидҳои бо конверсия сохташуда калимаҳои мустақилро, ки шакли умумӣ доранд, мантиқан ба омонимҳо дохил мекунанд: **age** [eidʒ] *n. сол, сину сол, умр;* **age** [eidʒ] *v. пир шудан, солхӯрда шудан;* **drum** [drʌm] *n.*

(нақора) – **to drum** [drʌm] *v. (нақора задан);* **elbow** ['elbou] *n. (оринҷ)* – **to elbow** ['elbou] *v. (бо оринҷ тела додан)* [214, 42, 271, 281].

Омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ дар забони англисӣ метавонанд на танҳо феъл ва исм, балки исм ва сифат: **dummy** (одамак, хӯса) ва **dummy** (беовоз, гунг), сифат - зарф бошанд: **daily** (ҳаррӯза) ва **daily** (ҳаррӯзина).

Омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ, ки хусусиятҳои ду гурӯҳи аввалро дар бар мегиранд, аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ бе ягон тағйири шаклӣ мегузаранд, яъне ин ҳодиса дар натиҷаи конверсия рух медиҳад [160, 12]. Масалан:

It is overall **picture** of cutting mulberry's branches. ***Манзараҳои*** *умумии магшуши барги тутбурӣ* [Карим, 47].

I want to **picture** you for our newspaper. Ман як *сурати* шуморо барои рӯзнома *гирифтаниам* [Карим, 34].

Калимаи **picture** [pikʧə] дар ҷумлаҳои мазкур дар як шакл ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм ва феъл тааллуқ дорад, ки бо роҳи конверсия сохта шудааст.

Дар фарҳанги П. Ҷамшедов омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ асосан бо ду маъно оварда шудаанд, ки ба тариқи конверсия сохта шудаанд, яъне исм ва феъл, ки ба омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ мансубанд: **blare¹** [blɛə'] *n овози карнай, овози баланд*; **blare²** [blɛə'] *v карнай навохтан*. Дар фарҳанги мазкур ин гуна омонимҳо хеле зиёд оварда шуда, П. Ҷамшедов онҳоро дар сохтори фарҳанг ҳамчун калимаҳои сермаъно зикр кардааст: **wax¹** [wæks] *n мум, мумшакл*; *комп. қавси кушода, номи аломати* **"("**; **wax²** [wæks] *v мум молидан* [222, 662].

Дар забони англисӣ як зумра омонимҳо агар бо баъзе маъноҳо ба яке аз гурӯҳҳои номбаршуда шомил бошанд, бо маъноҳои иловагиашон ба гурӯҳи дигар мансуб буда метавонанд. Ба ин гуна омонимҳое, ки ба вазифаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, ба омонимҳои грамматикӣ-лексикӣ шомиланд, дар фарҳанги П.Ҷамшедов вонахӯрдем. Масалан, **upset¹** [ʌp'set] *adj зиқ, ҳолати рӯҳафтода, афсурдахотир*; *v баргардондан; вожгун кардан, вайрон кардан; ошуфтан, ошуфта кардан*; **upset²** [ʌp'set] *n*

ба ҳам рехтагӣ, ба ҳам хӯрдагӣ, ошуфтагӣ, парешонӣ ба вазифаи сифат, феъл ва исм омадааст, ки омоними грамматикианд, зеро ҳиссаҳои нутқ гуногунанд. Агар ду ҳиссаи нутқ як хел мебуд ва сеюмин дигар, он гоҳ онҳо метавонистанд омоними грамматикӣ-лексикӣ бошанд.

А. Мамадназаров чунин овардааст: **frizz I** [friz] *v* ҷиз-ҷиз кардан (ҳангоми сурх кардани хӯрок), хушк кардан, **frizz II** [friz] 1. *n* мӯйи ҷингила; 2. *v* ҷингила кардан, бофтан. Ин вожа дар маънои **frizz I** [friz] *v* ҷиз-ҷиз кардан ва 2. *v* ҷингила кардан омонимҳои лексикианд ва дар маънои **frizz I** [friz] *v* ҷиз-ҷиз кардан, **frizz II** [friz] 1. *n* мӯйи ҷингила – омонимҳои грамматикианд, яъне калимаи **frizz** дорои хусусиятҳои омонимҳои лексикӣ ва грамматикӣ мебошад, аз ин рӯ, онҳоро метавон омонимҳои грамматикӣ- лексикӣ номид.

Вожа	**«Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ» П.Ҷамшедов**	**«Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ» А. Мамадназаров**
	strain[1] [strein] *n* тарангкунӣ, тарангкашӣ, дарзшавӣ, шиддат; тухм, зот, авлод, хислатҳои меросӣ; майл, рағбат, ҳавас; тамоил, сабк, тарз, услуб; оҳанг, мусиқӣ, назм, шеър **strain[2]** [strein] *v* таранг кардан, таранг шудан, зӯр задан; кӯшиш кардан, монда кардан; аз ҳад гузаштан, берун баромадан; маҷбур кардан, сӯистеъмол кардан; оғӯш кардан; соф кардан; ҷаҳида баромадан; *тех*. хам кардан, қатъ кардан, шаклашро вайрон намудан	**strain I** [strem] 1. *n* 1) кашиш, кашидагӣ: The rope broke under the strain. Ресмон аз кашиш канда шуд. 2) фишор: Her head aches from nervous strain. Аз фишори асаб сараш дард мекунад. 3) шаклдигаркунӣ, тағйири шакл; 2. *v* 1) par кандан: The runner strained his leg. Варзишгар раги пояшро канд. 2) зур задан, кӯшиши зиёд кардан, талош кардан, кӯшидан, фишор овардан. He strained his eyes but could not see anything. Вай кӯшиши зиёде кард, аммо ҳеҷ чиз надид. 3) кашидан, дорои кашиш кардан; 4) осеб расондан, садама задан; 5) соф кардан, полудан, безидан; 6) ғалат маънидод кардан, таҳриф кардан, ғалат шарҳ додан; 7) *тех.* андоза ё шакли чизеро иваз кардан, дигардисӣ кардан (таҳти фишор ва ғ.).

		strain II [strem] *n* 1) асл, нажод, насаб, баромад, пайдоиш; 2) (од. *pl*) *мус*. қитъаи мусиқӣ, тарона, оҳанг, нағма, наво, савт; 3) услуб, равиш, тарз, сабк (нутқ;); 4) қитъаи шеър; 5) майл, ҳавас, рағбат, шавқ, меҳр; 6) вижагии мондагӣ.
	sound[1] [saund] *adj* солим, боқувват; мустаҳкам, сахт (нисбат ба хоб); дуруст, амиқ; ҷиддӣ; чуқур; ҳаматарафа; қобилиятнок. **sound**[2] [saund] *n* овоз, садо, ғавғо, мағал, ғалоғула; мазмун, моҳият, маъно; *адл*. Қонуни ҳақиқӣ; *комп*. ~ recognition бозшиносии савт ё садо **sound**[3] [saund] *v* овоз (садо) баровардан, ҷарангос задан; маъно доштан; талаффуз кардан; машҳур намудан; *тиб*. гӯш кардан (беморро)	**sound I** [saund] 1. *n* 1) садо, овоз, савт: Soon he heard the sound of footsteps. Дере нагузашта овози қадаммониро шунид. 2) сирру садо, таку тук, ҳаёҳуй; 2. *v* садо додан, садо эҷод кардан, навохтан: His voice sounded loud enough. Овозаш сахт садо медод. **sound II** [saund] *a* 1) солим, дуруст, бенуқс, беайб, бехатар: a sound fruit меваи солим; 2) асоснок, бодалел, мантиқӣ, хирадмандона, дуруст: a sound argument санади асоснок; 3) устувор, маҳкам, мустаҳкам; 4) мутмаин, босубот, қавӣ, неруманд: a sound economy иқтисодиёти неруманд; be sound asleep дар хоби сахт будан. **sound III** [saund] *n* гулугоҳ, танга, борикоб.
	smack[1] [smæk] *n* маза, бӯй; андаке хӯрок; нӯшокӣ; бӯсакунӣ, бӯсаи овоздор; шалп-шалпкунӣ; зарбаи сахт **smack**[2] [smæk] *v* бӯй додан, бӯй овардан; маза додан; бо лаб чалапос кардан; бо қамчин шалп-шалп кардан, задан	**smack I** [smsek] 1. *n* 1) аср, бӯй, ранг: a smack of racisim асри нажодпарастӣ; 2) маза, таъм, буй, мазаи бегона, бую лаззати дигар; 3) миқдори кам: a smack of wine миқдори ками май; 2. *v* 1) маза (буй) доштан, таъми чизеро доштан; 2) рангу бӯйи чизеро доштан. **smack II** [smask] *n* киштии яксутуна, қаиқи хурди бодбонӣ, заврақи моҳигирӣ. **smack III** [smask] 1. *n* 1) бӯса, моч,

		бӯсаи садодор; 2) зарба, таигӯшӣ, шаллоқ, шаппотӣ, чалпосзанӣ (бо кафи даст ва ё чизи дигар); 2. *v* 1) бӯса кардан, лаб мазза кардан, бӯсаи садодор кардан: smack one's lips лабҳоро бо ҳам фишурдан ва сипас бо садо аз ҳам ҷудо кардан; 2) торсӣ карда задан, шаллоқ задан, чок задан; 3. *adv* дақиқан, дуруст, рост, бавосита, мустақиман: He run smack into wall. Вай рост ба девор бархӯрд.

Аз мисолҳои боло маълум мегардад, ки ҳама намуд омонимҳо дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров ба тариқи муфассал бо омонимҳои зиёд ва ба ҳар як омоним маъноҳои зиёди он бо овардани мисолҳо дар ибораву ҷумлаҳо мушаххас карда шудааст, ки ин бартарии ин фарҳангро аз фарҳанги П.Ҷамшедов нишон медиҳад. Дар замони муосир ин фарҳанги навтарин ба шумор меравад. Омонимҳоро аввал бо ҳиссаҳои нутқ, баъдан дар ҳар як ҳиссаи нутқ маъноҳои дигари он бо гузоштани рақамҳои арабӣ ва қавс пурра карда шудааст, ки инро дар фарҳанги П. Ҷамшедов пай набурдем. Дар ин фарҳанг, инчунин ба кадом соҳа, масалан, мусиқӣ, ҷуғрофия тааллуқ доштани вожаи омонимӣ нишон дода шудааст.

Муҳаққиқ М. Ахмедова дар забони тоҷикӣ омонимҳоеро, ки бо як маъно омоними лексикӣ ва бо маънои дигар омоними морфологианд, омоними омехта номидааст [22, 54]. Мо низ дар забони англисӣ дар пажуҳишамон бо ин гуна омонимҳо дучор шудем ва ба андешаи М. Ахмедова розӣ ҳастем.

Л.В. Малаховский омонимҳои забони англисиро аз рӯйи аломатҳои ифода ба се бахш ҷудо мекунад:

1) омонимҳои фонетикӣ-графикӣ **homophonic homographs**, ки ҳам дар талаффуз ва ҳам дар шакли навишт шабоҳат доранд; Масалан:

Give the **leaves**. **Барга** дароз кун [Карим, 46].

She **leaves** in hurry. Шитобон **мебарояд** [Карим, 47].

Калимаи **leaves** дар ҷумлаҳои мазкур шакли навишт ва овозии якхела дошта, маъноҳои гуногун дорад. Бо вуҷуди он калимаи **leaves** дар ҷумлаи аввал исм *барга* ва дар ҷумлаи дуюм феъл *мебарояд* тарҷума мешавад.

2) омонимҳои фонетикӣ, ки дар талаффуз шабоҳат доранд, вале дар навишт гуногунанд (homophonic heterographs);

I see his face and **hear** his voice once more! [Twain, 172].

…то даме, ки вайро надида, дастамро ба дасташ нарасонида ва овозашро *нашунидаам*, ин хонаро аз они худ гуфта наметавонам [Твен,163].

The first thing you will see in the opening will be the Great Seal. Bring it **here** [Twain, 90].

… онро гирифта *инҷо* биёр [Твен, 201].

Дар ҷумлаҳои боло калимаи **hear** [hiə] *шунидан* ва **here** [hiə] *инҷо* феъл ва зарф буда, шакли овозии якхела дошта дар навишт гуногун ва маъноҳои гуногун доранд.

3) омонимҳои графикӣ, ки аз рӯйи навишт мувофиқат карда, аз рӯйи талаффуз фарқ мекунанд (heterophonic homographs) [105, 197]

When does the shop **close**? ~ Мағоза кай *баста мешавад*? [214, 163].

Come **close** to me. ~ Ба пеши ман *наздик* биё [214, 163].

Калимаи **close** [klouz] *баста шудан* (*феъл*) ва **close** [klous] *наздик* (*зарф*) аз рӯйи навишт мувофиқат карда, аз рӯйи талаффуз гуногунанд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳбандии Л.В. Малаховский нисбати дигар гурӯҳбандиҳо мукаммалтар мебошад, зеро вай дар баробари омонимҳои лексикӣ омонимҳои грамматикӣ ва гуногунро дар бар мегирад.

Гурӯҳбандии омонимҳои дар боло нишондодашуда на танҳо ба чорчӯбаи забони англисӣ хос аст, чи хеле ки тадҳиқотҳои забонҳои гуногунсохт нишон медиҳанд [Малаховский, Степанова, 2009; Корчагина 1984, 97-104], гурӯҳбандӣ барои дар ҳар забон ҷудо кардани синфҳои омонимӣ, ки хат ва аломатҳои умумилексемии грамматикии фарққу-нанда доранд, муфид аст.

Дар масъалаи ҷудо кардани омонимҳо ба синф ва зернамудҳо, мо ба маводи диссертатсияи Ю.П. Костюченко, ки махсусан ба масъалаи таҳлили миқдории омонимҳои англисӣ бахшида шудааст [88, 15] ва маълумотҳои Л.В. Малаховский такя намудем (105, 84].

Барои таҳқиқи пурраи омонимҳо ҷудо кардани вожаҳои ҳамреша муҳим буда, мафҳумҳои алоқаманд ва ҷудогонаи ин калимаҳо аз рӯйи баромади таърихии худ муайян карда мешаванд.

М. Муҳаммадиев дар забони тоҷикӣ омонимҳоро аз рӯйи роҳҳои сохта шуданашон ба лексикӣ, морфологӣ ва лексикӣ-морфологӣ гурӯҳбандӣ кардааст.

* **Омонимҳои лексикӣ** гуфта, дар забони тоҷикӣ калимаҳои шаклан якхеларо меноманд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд. Ин омонимҳо дар натиҷаи ба ҳам мувофиқат кардани овозҳои калима (миқдори фонемаҳо дар забон маҳдуд аст, бинобар он бо гузашти ҳазорсолаҳо шакли калимаҳо бо ҳам мувофиқат мекунад), дар натиҷаи иқтибоси калимаҳо ва ҳатто дар натиҷаи аз ҳам дур шудани полисемияҳои пешина ба амал меоянд: масалан, калимаи «май» (калимаи юнонӣ буда маънояш фасли нашъунамои зебоии зиндашавии табиат аст) бо воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шуда, аз ҷиҳати талаффуз ва таркиби овоз ба калимаи «май»-и тоҷикӣ шабоҳат пайдо кардааст. «май» – моҳи май;
«май» – шароб.
«'қадам» (қади одам) – «қад'ам» (қадам гузоштан ба дабистон); «мур» (муру малах); «мур» – мурдан (шакли амрӣ).

Ба андешаи мо, омонимҳое ки аз як ҳиҷо иборатанд, шакли талаффуз, ки дорои як зада мебошанд, дар онҳо бетағйир мемонад, вале дар калимаҳои ду ва ё зиёда ҳиҷодошта, ҷойҳои зада тағйир меёбанд, ки инро мо дар мисолҳои дар боло зикршуда пай бурдем.

Пур кун қадаҳи бода, ки маълумам нест,
Ин **дам**, ки фурӯ барам, барорам ё не? (Хайём)

Дами теғ аст Бедил, роҳи борики сухансанҷӣ,
Забони хома ҳам шақ дорад аз ҳарофариниҳо. (Бедил)

Дар шеъри Хайём «дам» ба маънои «нафас» ва дар шеъри Бедил «дам» ба маънои *қисми тези асбоби буррандаи теғ* омадааст. Хар ду ба вазифаи исм қарор доранд ва дар шеъри Бедил пасванди «и» қабул кардааст. Бо вуҷуди як ҳарф зиёд шудан дар яке аз калимаҳо, онҳо дар забони тоҷикӣ омоним мебошанд, ки ин ба забони англисӣ хос нест.

Ҳамчунин

Чу кабки **дарӣ** боз мурғ аст, лекин

Хатар нест бо боз кабки **дариро**. (Носири Хисрав)

Дар мисраи аввал *дарӣ* ба маънои «кӯҳӣ» омада, дар мисраи дуюм *дарӣ* ба маънои *дар* (дари хона, хонагӣ) омадааст. Дар ҳарду ҳолат ба як ҳиссаи нутқ – сифат бо шакли навишт ва овозии якхела мансуб аст. Дар мисраи аввал дар шакли асосии худ *дарӣ* ва дар мисраи дуюм шакли худро дигар кард, яъне пасванди –ӣ ба –и табдил ёфта пасоянди «ро» ба худ қабул кард. Дар забони англисӣ инҳо аллакай омоним шуда наметавонанд, ки ин тафовути забонҳои муқоисашавандаи мавриди назар мебошад.

Аз таҳлили таҳқиқотҳои забоншиносони тоҷику хориҷӣ чунин бармеояд, ки таснифоти омонимҳо ба хусусиятҳои ҳар як забон, хусусан, роҳу усулҳои калимасозии он сахт алоқаманд аст. Ин аст, ки дар таснифоти омонимҳо ихтилофи назар ба мушоҳида мерасад.

Лаъли сероби ту бигрифт аз ман гулранг ранг,

Кай раво бошад, агар мутриб ниҳад аз **чанг чанг** (Заҳири Форёбӣ)

Дар ин мисраъҳои шеърӣ вожаи **чанг** дар ҳар ду ҳолат шакли навишт ва талаффузи якхела дошта, ба як ҳиссаи нутқ – исм мансуб буда, маънoҳои гуногун доранд, яъне ***чанг*** (панҷаи даст бо ангуштони хамида) ва ***чанг*** (яке аз созҳои тордори камоншаклу хамида) омоними лексикӣ мебошанд.

- **Омонимҳои грамматикӣ** чунин омонимҳоеанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд. Ин гуна омонимҳо хеле зиёд дучор мешаванд. Масалан: *бар – исм*, *феъл* ва *пешоянд*; *барор – исм* ва *феъл*;

бахш – исм ва *феъл*, *гард – исм* ва *феъл, зан – исм* ва *феъл, дур – исм* ва *зарф, ман – исм* ва *ҷонишин* [119, 65].

– Дар забони тоҷикӣ омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ ҳам хусусияти гурӯҳи якум ва ҳам дуюмро доранд. Ин омонимҳо миқдоран кам буда, дар натиҷаи конверсия ба амал меоянд. Конверсия гуфта аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар бе тағйири шаклӣ гузаштани калимаҳоро меноманд. С. Айни дар «Ёддоштҳо» чунин овардааст: Як **сар** аспи худатон ҳам ду **сар** шуда, ба хушӣ рӯзгор мегузаронед. … ба хонаи худ баргаштам ва аз ҳамон рӯз **сар карда** дар пайи кори пахтакашӣ афтодам. Мо дар ин вақт ба **сари** як ҷӯи ботилшуда расидем [Айнӣ 2009, 190].

Дар ин ҷумлаҳо калимаи «сар» ҳамчун нумератив, феъли ҳол ва исм омадааст: «як сар» – як шумор(а), «сар карда» – шурӯъ карда, «сари ҷуй» – лаби ҷӯй, ки бо ҳам омониманд.

*«Равияи қозӣ Абдулвоҳид, ки шумо **дар дари** хонаи ӯ тарбия ёфтаед, дигар буд...»* [Айнӣ, 190].

Дар ин мисол калимаи «дар» ду маротиб паиҳам такрор ёфтааст, ки шакли навишт ва овозии якхела дорад ва ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ пешоянд ва исм тааллуқ дошта, соҳиби маъноҳои гуногунанд, ки ин ба омонимҳои грамматикӣ хос аст.

Аз рӯйи андешаҳои умумии олимон Ахманова О.С., Виноградов В.В., Маслов Ю.С., Байзоев А.М., Норматов М. ва дигарон се гурӯҳи омонимҳоро қайд кардан мумкин аст:

– омонимҳои лексикӣ;
– омонимҳои грамматикӣ ё морфологӣ;
– омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ [21, 154; 42, 13; 116, 159; 24, 220; 134, 276].

Дар шарҳи ҳар яке аз ин гурӯҳҳо номгузорӣ ва ҷудо кардани онҳо ба зергурӯҳҳо ақидаҳои гуногун мушоҳида мегардад.

Ш. Кабиров ба вожаи «изо» се омоним овардааст:

ИЗО I вақте ки, ҳангоме ки, чун.

ИЗО II ранҷ, азоб, озор, ранҷ, ранҷ додан.

ИЗО III муқобил, рӯ ба рӯ, баробар.

Дар маънои якум «изо» пайвандак, дар маънои дуюм исм ва феъл ва дар маънои сеюм зарф мебошад, ки дар луғати «Омониҳои забони тоҷикӣ»-и Ш. Кабиров оварда нашудаанд.

Дафъ кун ҳар **изо**, ҳар сӯй,

Сӯи он чашми равшан орад рӯй. (Ҷомӣ)

Ҳикмат дар асл луғати мавзуъ аст ба **изои** ростгуфторӣ ва дурусткорӣ "Ахлоқи Ҷалолиддин" [212, 54].

Дар мисраҳои шеърӣ «изо» ба маънои «ранҷ, азоб», яъне исм ва дар ҳикмат ба маънои «чун», яъне пайвандак омадааст, ки инҳо омоними лексикӣ-грамматикианд.

Дар ин ҷо низ «изо» ва «изои» омадааст, ки алаккай шакли вожаҳо аз якдигар фарқ мекунанд, яъне яке бо бандаки изофӣ омадааст, ки аз шакли дар фарҳанг омада фарқ мекунад. Дар забони англисӣ шакли дар фарҳанг омада аз шакли истифодаи он дар ибора ва ё ҷумла ягон фарқият надорад. Ин аст тафовути омонимҳо дар ду забони муқоисашаванда.

Соли **шаст** ин қадар ба **шаст** омад,

Бо фатҳу зафар муборак дӯст (Ф. Ансорӣ).

Вожаи *шаст* дар ҳар ду ҳолат навишт ва талаффузи якхела дошта, ба шумора ва зарф мансубанд, аз ин рӯ, инҳо омонимҳои грамматикианд.

Мушаххас гардид, ки омонимҳо забони англисӣ дар шакли исм-исм, сифат-сифат, феъл-феъл ва баъзан зарф-зарф ба назар расид, ки онҳоро омонимҳои лексикӣ меноманд.

Ба андешаи мо, агар онҳоро омонимҳои пурраи лексикӣ ном барем беҳтар мебуд, зеро онҳо калимаҳое мебошанд, ки шакли имло ва овозии якхела дошта ба як ҳиссаи нутқ мансубанд ва танҳо аз рӯйи маъно аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров омонимҳое инъикос ёфтаанд, ки дар шакли исм-сифат, сифат-феъл, исм-феъл, пешоянд-зарф, ҷонишин-исм ё исм-феъл-сифат, яъне дар се шакл низ

ифода ёфтаанд, ки онҳо омонимҳои грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ мебошанд.

Пас аз пажӯҳиши омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва муқоисаи инъикоси онҳо дар ду фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ оид ба умумият ва фарқияти онҳо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Дар ҳар ду фарҳанг вожаҳо бо ҳарфҳои хурди сиёҳи ғафс инъикос ёфтаанд.
2. Дар фарҳанги П. Ҷамшедов омонимҳо оварда шудаанд, вале онҳо калимаҳои сермаъно номида шуда, ҳамчун омоним бо рақами касрӣ ифода ёфтаанд.
3. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо бо калимаҳои сермаъно омехта оварда шудаанд, омонимҳои лексикӣ оварда нашудаанд. Дар фарҳанги мазкур танҳо омонимҳои грамматикии бо роҳи конверсия пайдошуда оварда шудаанд.
4. Дар фарҳанги А. Мамадназаров омонимҳо бо рақамгузории римӣ пас аз сарвожа оварда шудаанд ва онҳо аз калимаҳои сермаъно ба куллӣ фарқ мекунанд.
5. Омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ ба таври фаровон оварда шудаанд.
6. Онҳо на ба тариқи кӯтоҳ, балки бо овардани ибора, ҷумла ва масалу зарбулмасалҳо пурра карда шудаанд.

Аз омӯзишу таҳлили омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар ду забони муқоисашаванда бараъло равшан мешавад, ки байни онҳо ҳам умумият ва ҳам фарқият дида мешавад:

1. Дар ҳар ду забон омонимҳои лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба як ҳиссаи нутқ мансубанд, лекин бо овардани мисолҳо мо мебинем, ки тафовут байни омонимҳои лексикии англисӣ ва тоҷикӣ вуҷуд дорад.
2. Хусусияти фарққунанда дар он аст, ки вожаҳо айнан дар навишт ва

талаффуз монанд бошанд ҳам, вале дар забони тоҷикӣ метавонад яке пасванди «и» ё пасоянди «ро» қабул кунад, ки дар забони англисӣ ин вуҷуд надорад:

Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,

Ғам махӯр аз **бепулӣ,**

Бепул, ки дарё **бепул** аст. (Савдо)

Дар ин мисраҳои шеърӣ калимаи «бепул» се маротиба истифода шудааст, ки бо вуҷуди шакли навишт ва овозии якхела доштан, маъноҳои гуногун «бепул» (бе маблағ), «бепул» (бе пул, бе купрук) ва «бепулӣ» (пул надоштан) доранд, дар забони тоҷикӣ омоним шуда омадаанд. Дар мисраи сеюм, ки калимаи «бепул» ду маротиб такрор шуда омадааст, ба омонимҳои лексикӣ мансуб аст, зеро ҳар ду сифат буда маъноҳои гуногун доранд ва ба омонимҳои забони англисӣ умумият доранд. Калимаи «бепулӣ» исм буда ба ин ду калимаи «бепул» омонимии грамматикӣ шуда омадааст ва ҳамчунон боз тафовути омонимҳои забони англисӣ ва тоҷикиро бо пасванди –ӣ исбот мекунад.

Омонимҳои грамматикӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ шакли навишту овозии якхела, маъноҳои гуногун дошта ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд.

1. Омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ грамматикӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар ҳолати аслӣ бо ҳам монанданд. Баъзан дар забони тоҷикӣ дар матн онҳо шакли асосиашонро тағйир медиҳанд.

2. Фарқияти ин гуна омонимҳо дар ду забони муқоисашаванда дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ ҳангоми дар матн истифода бурдан метавонанд бандаки изофии –и, пасванди -ӣ ва ё пасоянди «ро» қабул кунанд ва шакли яке тағйир ёбад, ки дар забони англисӣ ин ба омонимҳо хос нест.

3. Дар забони англисӣ ба гунае, ки дар луғатҳо омонимҳои пурра ё лексикӣ, грамматикӣ дода шудаанд, дар ҷумлаҳо низ бе тағйири шакл меоянд, яъне ҷуфтҳои омонимӣ дар шакли навишту овозӣ ҳамранг буда, танҳо дар маъноҳо гуногунанд.

4. Азбаски иборасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҳам фарқ

мекунанд, аз ин лиҳоз, ҳангоме ки дар забони тоҷикӣ омоним ибора месозад, шакли худро гум мекунад, дар забони англисӣ бошад он бетағйир мемонад.

2.2. Омонимҳои нопурра (омофон, омограф, омоформа) ва роҳҳои ташаккули онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Дар забон воҳидҳои луғавие мавҷуданд, ки дар ҳолати мазмун ва решаи гуногун доштан шакл ва талаффузи ба ҳам наздику монанд доранд, яъне онҳо ба шартҳои омонимшавӣ – ягонагии шаклу гуногунии маъно қисман ҷавобгӯ мебошанд. Чунин падидаи забониро дар илми луғатшиносӣ калимаҳои гурӯҳи омонимӣ меномиданд ва онҳоро ба омофон, омограф ва омоформҳо ҷудо кардаанд. Хусусияти умумии ин гурӯҳи омонимӣ дар он аст, ки онҳо аз ҳамдигар албатта ягон тафовути сохторӣ ё орфоэпӣ доранд.

Муҳаққиқон омонимҳоро аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: омонимҳои пурра ва омонимҳои нопурра [Шайкевич, 1959, 125], [Покусаенко, 1968, 185], [Тышлер, 1975, 3], [Маслов, 1987, 183], [Головня, 1996, 13], [Смирнитский, 1998, 186], [Ахманова, 2009, 170], [Байзоев, 1975, 176], [Норматов, 2006, 207].

И.С.Тишлер дар забони англисӣ омонимҳои пурраро (яъне калимаҳое, ки ҳам дар навишт ва ҳам дар талаффуз бо ҳам монанд мебошанд) ҷудо мекунад: **light** – «равшан» ва **light** – «осон». Ӯ, инчунин, ба он ишора мекунад, ки дар муносибати сохторӣ гурӯҳи омонимии ин ё он забон ҳаммаъно нестанд. Дар баъзе ҳолатҳо, ки ҳама шаклҳои (грамматикӣ мушобеҳ) калимаҳои омонимӣ мувофиқанд – омонимҳои пурра мебошанд: **scale** – «пулакча» ва **scale** – «зинача»; дар ҳолатҳои дигар дар баъзе қисматҳо аз рӯйи шакли худ (грамматикӣ) мувофиқат (шабоҳат) мекунанд: **(to) lie** – «хобидан» ва **(to) lie** – «фиреб додан» ва ё омонимҳои нопурра (**sea** – «баҳр» ва **(to) see** – «дидан») [Тишлер, 1966, 12].

А.Л. Трахтеров низ ҳамин намуди гурӯҳбандии омонимҳоро пешниҳод мекунад: «Омонимҳои пурра одатан калимаҳоеро меҳисобанд, ки ҳам дар талаффуз ва ҳам дар навишт мувофиқат мекунанд. Барои дигар навъҳо истилоҳоти: *homophones* (омофонҳо) – *heterographs* (ҳитерографҳо), *homographs* (омографҳо) – *heterophones* (ҳитерофонҳо)-ро истифода бурдааст [167, 118].

Омонимҳои нопурра танҳо дар баъзе шаклҳо бо ҳам мувофиқат мекунанд – **felt** [felt] *n.* намад ва **felt** [felt] *past* ва *p. p.* аз **feel**. Шаклҳои дигари калимаҳои омонимӣ, хусусан, шумораи ҷамъи исмҳо ва масдари феъл омоним нестанд, ба монанди шакли калимаи **saw** (замони гузаштаи феъли **to see** ва шумораи танҳои исми **saw**). Омонимҳои нопурра (ба андешаи забоншиноси рус В.В. Виноградов – «омонимҳои морфологӣ»), ки онҳоро аксар вақт «омоформҳо» меноманд, ба забонҳои флективӣ хос буда, дар натиҷаи калимасозӣ ба вуҷуд меоянд ва дар забони англисӣ зиёд мушоҳида мешаванд [41, 270].

Дар забони англисӣ омонимҳои нопурра омонимҳое мебошанд, ки дар навишт ё талаффуз аз ҳамдигар тафовут доранд. Онҳо як категорияи луғавӣ буда, танҳо дар шакли мутобиқи худ монанд мебошанд:

bow [bau] *n. таъзим:* **He made a low <u>bow</u> to her**.~ *Ӯ таъзим кард* [214, 113].

bow [bou] *n. камон, тирукамон:* **Indians used <u>bows</u> and arrows to hunt animals.** ~ *Ҳиндуҳо ҳангоми шикор аз камон ва найза истифода мебурданд* [214, 113].

Вожаи «bow» дар ду маъно ба вазифаи исм омадааст. Дар ҳар ду маъно як хел навишта шудааст, вале дар як шакл [bau] талаффуз шуда, маънои *таъзим* ва дар дигар шакл [bou] талаффуз шуда, маънои *камон, тирукамонро* дорад. Аз ин рӯ, «bow»-ро омонимии нопурра номидан мумкин аст.

А.И. Смирнитский низ омонимҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунад: омонимҳои пурра ва нопурра. Омонимҳои пурраи лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, парадигмаҳои якхела

доранд *(***armless***, сиф. бедаст, якдаста;* **armless***, сиф. беяроқ, бесилоҳ;* **divan** [di′væn] *исм.* 1) диван, нимкат; 2) утоқи чойхӯрӣ, чойхона.*;* **divan** [di′væn] исм. девон, боргоҳ.*;*

Омофонҳо (**homophones – homos – same, phone – sound***)* овози якхела дошта, аз рӯйи навишт ё маъно фарқ мекунанд (**pole** [pəul] *сутун, хода* – **poll** [pəul] *овоздиҳӣ, ба овозмонӣ*, **piece** – **peace** [pi:s], **pool** [pu:l] ҳавз – **pull** [pul] кашидан ба тарафи худ, **raw** [rɔ:] хом. – **roar** [rɔ:] ғавғо, маҳал, **ruff** [rʌf] гиребони пар-пар – **rough** [rʌf] даҳал **)** [158, 64].

С. Улман Дар китоби «Семантические универсалии» мисол овардааст, ки калимаи «near» дар маънои «гурда» (аъзо) аз таркиби луғавӣ оварда шудааст ва он бо истифодаи артикли номуайянӣ **a near** бо калимаи ифодакунандаи *узви* дигар **an ear** – (гӯш) омоним (шакли талаффузи якхела) мешуданд, ки дар забон якхела ном бурдани ду узв ноқулай мешуд.

Дар забони муосир истилоҳи «гурда»-ро калимаи **kidney** ифода мекунад [201, 210].

И.В. Арнолд ҳама омонимҳоро ба омонимҳои аслӣ, омофонҳо ва омографҳо ҷудо мекунад, вале барои гурӯҳбандии пурратар пешниҳод мекунад, ки онҳоро ба 12 гурӯҳи зерин ҷудо бояд кард:

1. Омонимҳои нопурра, ки шакли ибтидоии якхела, вале тасрифи гуногун доранд *(***absorbent** *n. ҷозиб –* **absorbent** *a. ҷазбкунанда;* **absorbing** *n. ҷозиб –* **absorbing** *a. ҷаззоб).*

2. Омонимҳои нопурра, ки ба шаклҳои алоҳидаи калима (на ҳолати ибтидоӣ) мувофиқ меоянд (**abode** *n. маскан, кошона –* **abode** *v. p.p. аз* **abide**; **dung** *n. пору, саргин –* **dung** *past ва v. p. p. аз* **ding**).

3. Калимаҳое, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, дар шакли аввал гуногун, вале дар шаклҳои дигар мувофиқат мекунанд. Ин ҳолат хеле кам ба назар мерасад *(***cabriolet – cab**, **cabin – cab**; **axe** – **axes, axis** – **axes***).*

4. Маънои гуногуни лексикӣ бо доштани шакли ибтидоии якхела, маъноҳои якхелаи грамматикӣ бо тасрифҳои гуногун (**cleave - clove - cleft** (*шикофидан, зада кафондан*) ва **cleave – clave** – **claved** (*содиқ будан*).

5. Калимаҳои дорои маънои гуногуни лексикӣ ва грамматикӣ на аз рӯйи тасриф, зеро ҳиссаҳои ёридиҳанда тағйирнаёбанда мебошанд (**before**, *пешоянд,* **before**, *пайвандак*);

6. Шакли муқаррарии омонимияи пурра дорои маънои гуногуни лексикӣ буда, аммо омонимҳо ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд (**corn** - *дона, тухм, дон,* **corn** *исм – обила*; **crab** *исм – харчанг,* **crab** *исм – себи ёбоӣ,* **crab** *исм – турушрӯйӣ, бадхулқӣ*; **downy** *сифат – патдор, нарм***, downy** *сифат – теппадор, мавҷдор*).

7. Мавҷуд будани қисмати умумӣ дар маънои лексикии омонимҳо (**above** – *пешоянд,* **above** – *зарф;* **down** – *пешоянд,* **down** – *исм*).

8. Ҷуфти калимаҳои дорои айният (мутобиқат)-и комил. Метавон чун варианти яке аз калимаҳои сермаъно шумурд (**capital** 1. *исм.* 1) пойтахт. 2) марказ. 3) ҳарфи калон. 2. сифат. 1) асосӣ. 2) олӣ, олиҷаноб, **capital** *исм.* сармоя, дорої)

9. Омонимҳои бо роҳи конверсия пайдошуда *(***drink**, *исм.* – **drink**, *феъл;* **fish**, *исм* – **fish**, *феъл;* **bloom,** *исм***. – bloom**, *феъл.*

10. Калимаҳои ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқдошта, ки дар яке аз шаклҳои худ мувофиқ омаданд. Мувофиқати онҳо дар решаи умумӣ асос меёбад (**bit** *исм.* – **bit**, *феъл*; **bent**, *исм* – **bent**, *феъл;* **cast**, *исм* – **cast** *феъл*).

11. Мувофиқати маъноҳои лексикию грамматикӣ якҷоя бо дигаргунӣ дар шакл (**four –** шумора. – **fore** *исм.* қисмати пеши кишти).

12. Гурӯҳи ками калимаҳо, асосан, аз исмҳои ду шакли шумораи ҷамъдошта, каме аз рӯйи маъно тафовутдошта (**brother** – **brothers, brother** – **brethren**; **fly – flys, fly – flew**) [19, 223].

Дар гурӯҳбандии И.В. Арнолд ҳама ҷанбаҳои гурӯҳбандӣ, инчунин, ҳама имкониятҳои пайдоиши омонимҳо, ҳатто тасодуфӣ низ муоина карда шудаанд.

Дар гурӯҳбандии мазкур муаллиф ҳодисаи бо омонимҳо алоқамандро (омонимҳои мутлақ) муоина кардааст, чун ин гурӯҳ дар забон хеле зиёданд. Ҳамчунин, худи муайян кардани омонимҳои мутлақ шумораи вариантҳои гуногун доштан аст ва барои таҳқиқоти зуҳуроти омонимияи мутлақ имконият медиҳад.

Профессор А.И. Смирнитский фарқияти омонимҳои нопурраро аз омонимҳои пурра ба таври возеҳ нишон додааст, вале дар баробари ин ба омонимҳои нопурра ҳолатҳои тамоман дигаргуни мувофиқати талаффузии калимаҳоро ворид намудааст [159, 10].

М. Аҳмадова низ ақида дорад, ки омонимҳои нопурра дар навбати худ ба омофон, омограф ва омоформа ҷудо мешаванд [22, 91].

Омофонҳо

О.С. Ахманова омофонҳоро чунин шарҳ додааст: «Омофонҳо чунин навъи омонимҳои нопурра мебошанд, ки аз рӯйи талаффуз як хел садо дода, тарзи навишти гуногун доранд, яъне шаклҳои гуногуни хаттӣ бо қонуниятҳои хоси фонетикӣ дар нутқ ҳамоҳанг мегарданд» [21, 288].

Вожаҳои **ad** [æd] *амер. кӯтоҳ аз advertisement эълон, реклама, огоҳӣ ва* **add** [æd] *v. ҷамъ кардан, илова кардан* ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ, исм ва феъл тааллуқ доранд. Вожаи **ad** [æd] дар натиҷаи кӯтоҳ кардани исми *advertisement* ба вуҷуд омадааст. Гарчанде ки чун феъл аз ду ҳарфи **d** ва чун исм як **d** иборат аст, вале ҳар ду як шакли талаффуз гирифтаанд ва маънoҳои гуногун доранд.

Бояд зикр кард, ки мо дар «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ»-и Ш. Кабиров ба чунин омониме дучор нашудем, ки чун дар забони англисӣ дар натиҷаи илова гардидани як ҳарф ҳосил шуда бошад. **be** [bi:] *будан* – **bee** [bi:] *занбӯри асал;* **cannon** ['kænən] *туп.* – **canon** ['kænən] *қоида, қонун;* **discreet** [dis'kri:t] *боэҳтиёт, бохирад, бомулоҳиза* – **discrete** [dis'kri:t] *ҷудо, алоҳида, аз ҳам ҷудошуда*; ***Finn*** *[fin] фин (халқ)* – ***fin*** *[fin] пари моҳӣ.*

Вожаи **ball** [bɔ:l] бо маънои якум исм *(кура, тӯб*, *гулула, сочма, муҳра* ва ғайра *ва* **ball** [bɔ:l] бо маънои дуюм низ исм буда, *шаби рақс, балл, меҳмонии расмии рақсӣ* тарҷума шудааст. Азбаски ин ду вожа ҳам дар

навишт ва ҳам дар талаффуз якхела буда, ба як ҳиссаи нутқ исм тааллуқ доранд, онҳоро метавон омонимҳои пурра номид, лекин агар ин вожаҳоро бо вожаи **bawl** [ˈbɔ:l] *v. дод задан, доду фарёд задан* муқоиса кунем, мебинем, ки байни **ball** [bɔ:l] ва **bawl** [ˈbɔ:l] чӣ тафовуте ҳаст. Онҳо танҳо дар талаффуз бо ҳам шабоҳат доранд, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ **ball** [bɔ:l] ба исм ва **bawl** [ˈbɔ:l] ба феъл тааллуқ дошта, маъноҳои гуногунро доро мебошанд. Азбаски онҳо пурра бо ҳам шабоҳат надоранд, метавон гуфт, ки онҳо як навъи омонимҳои нопурра, яъне омофон мебошанд. Мисолҳои зерин низ аз зумраи инҳост: **base** [beis] *n. асос, поя* **base** [beis] *a. ҷуғр. паст;* **bass** [beis] *n. бас, овози бас, садои бас;* Вожаи **base** [beis] *асос, поя* бо **base** [beis] *a. паст*, ки дар навишт ва талаффуз монанд буда, аз лиҳози маъно гуногун ҳастанд, омоним мебошанд, вале ин ҳар ду вожа бо вожаи **bass** [beis] *n. бас, овози бас, садои бас,* ки танҳо дар талаффуз бо ҳам шабоҳат доранд, омофон мебошанд.

Shamsiddin **like** drowning man who catches at a straw, stand to meet the doctor… Шамсиддин **чун** ғарқшудаистодаи ба хасе часпида ба назди он духтур омад [Карим, 50].

The Chairman did’t **like** the second objection of the Foreman and he began to speak with different tone. Ин гапи бригадир ба Раис чунон **нафорид**, ки бо оҳанги тамоман дигар гап сар кард [Карим, 56].

Дар ҷумлаҳои мазкур калимаи **like** [laik] *чун* (*зарф*) ва **like** [laik] *нафорид* (феъл) шакли имло ва овозии якхела доранд ва бо вуҷуди ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ масуб будан ва маъноҳои гуногун доштан, омоними пурра мебошанд.

Вожаи **affix** [əˈfiks] *v. часпондан, бастан, пайвастан;* **affix** [ˈæfiks] *n. илова, замима;* 2) *грам. аффикс.* Дар вожаҳои мазкур (**affix** [əˈfiks] *v.* ва **affix** [ˈæfiks] *n.)* бо тағйироти овозӣ гузаштан аз як ҳиссаҳои нутқ ба дигар ҳисса ба вуҷуд омадааст, яъне овози **[ə]** ба **[æ]** *табдил ёфтааст.* Мисоли зерин низ гувоҳи ин гуфтаҳост, ки ҳам ҷойи зада ва ҳам яке аз овозҳо тағйир ёфтаанд: **annex** [ˈænəks] *n. пайваст, замима, муназзам,*

иловакунӣ, пуркунӣ, замкунӣ; **annex** [ə′neks] *v. пайвастан, замима кардан, забт кардан.*

Вожаҳои **aisle** [ail] *n. роҳрав, канор, гузаргоҳ ҷойи гузар, роҳ* ва **isle** [ail] *n. ҷазираи хурд* дорои навишт ва маънои гуногун ва шакли талаффузи якхела буда, ҳар ду исм мебошанд.

Вожаи **allowed** [ə′laud] *v. асоси замони гузаштаи* **allow** [ə′lau] *v.* ва **aloud** [ə′laud] *adv. баланд, бо садои баланд* ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ – феъл ва зарф тааллуқ доранд. Дар шакли талаффуз, ҷойи зада байни онҳо ягон тафовуте нест, вале дар навишт аз ҳам тафовут доранд.

Аз мисолҳои овардашуда бармеояд, ки омонимҳои нопурра дар забони англисӣ бо иваз кардани ҷойи зада, иваз кардани як овози садонок ба овози садоноки дигар ва ё аз байн рафтани ягон овози садонок ва тафовут доштан дар навишт ба вуҷуд меоянд.

Дар забони англисӣ омофонҳое вуҷуд доранд, ки аз ду калимаи алоҳида иборатанд ва ин ду калима якҷоя шуда, боз як калимаи дигар сохта, бо ҳам омоним, яъне омофон мешаванд. Масалан: **all together – altogether; in tent – intent**; **mean time – meantime.**

Дар забони англисӣ метавонад як ҷумла пурра омофонӣ шавад: **The sons raise meat.** ~ Писарон чорво парвариш мекунанд - **The sun's rays meet.** ~ Шуоъҳои офтоб бармехӯранд. Ҳар ду ҷумла як хел садо медиҳанд. Барои дарк кардани маънои ҷумлаҳо матни пурратар лозим аст. Агар мо ҷумлаи дуюмро дар лексияи курси оптика шунавем, маънои онро дар бораи ҷумлаи якум фикр накарда, мефаҳмем [19, 165]. Тасаввуроти графикии ҷумлаҳои омофонӣ мушкилии дарк кардани ин гуфторро, ҳатто бо набудани матн бартараф месозад.

Why they pay us **too** little for our work? Why we cannot get more then **two** bags of wheat? *Ту гӯй, ки чаро ин қадар ҳақи меҳнати мо кам аст? Чаро аз ду халта гандум зиёдтар ягон чиз гирифта наметавонем?* [Карим, 40].

Дар ҷумлаи якум зарфи **too** [tu:] *хеле, бисёр* ва дар ҷумлаи дуюм шумораи **two** [tu:] *ду*, ки дар навишт гуногун, вале дар талаффуз монанданд,

омофон мебошанд.

The **fool** stands at a bank of ditch **full** of water, carefully looks at one point and is happy. **Девона** дар назди ҷӯйбори **пуроб** ба чизе ботаваҷҷух нигариста шодӣ мекунад [Карим, 21].

Дар ҷумлаи мазкур калимаҳои **fool** [fu:l] *девона* ва **full** [ful] *пур* бо вуҷуди шакли овозии якхела доштан омоними нопурра мебоша нд, зеро онҳо дорои имлои гуногун буда, **fool –** сифати субстантивӣ ва **full** – зарф буда, дорои маъноҳои гуногун мебошанд.

For the **cattle** (kettle) farm and other fields we'll conclude different contract…Барои фермаву дигар соҳаҳо созишномаи алоҳида мебандем…[Карим, 25].

Both are coming to the **kettle** with water. Ҳар ду ба сари **чойникҳои** чой расиданд [Карим, 66].

Калимаҳои **cattle** [kætl] *рама* ва **kettle** [ketl] чойник, ки дар ҷумлаҳои мазкур мавриди истифода қарор гирифтаанд, танҳо дар яке аз овозҳо дар шакли талаффуз ва имло аз ҳам тафовут дошта маъноҳои гуногун доранд, ки инҳо нишонаҳои омофонӣ мебошанд.

Spread wheat on two empty bags to dry in the **sun**. Ду халта гандумро рӯйи халтаҳои холӣ паҳн карда **офтоб** медиҳад [Карим, 38].

If you are stubborn, you will lose your land and your **son** his tractor. Агар ношукрӣ кардан гирию ин хабар ба гӯши раис расад, ту аз заминат мемонӣ, **бачаат** аз тракторaш. [Карим, 41].

Калимаҳои **sun** [sʌn] *офтоб* ва **son** [sʌn] *писар*, ки исм мебошанд, танҳо дар шакли талаффуз монанд буда, шакли имло ва маъноҳои гуногун доранд. Ҳама ин хусусиятҳо ба омофонҳо хосанд.

I'll be your **maid.** Ман *хизматгоратон* мешавам [Карим, 35].

Then you **made** drink this girl and took her here to the house of my nephew, Daler. Ана баъд ин духтари бечораро ҳам маст *карда*, ба ин ҷо – ба хонаи ҷияни ман Далер овардед [Карим, 36].

Калимаи **maid** [meid] *хизматгор* ва **made** [meid] *кардан* шакли

навишти гуногун дошта, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанд, вале дар шакли талаффуз мувофиқанд.

Мо андешаи худро бо мисолҳои оварда, ки ҳатто ҷумлаҳо метавонанд дар забони англисӣ омофонӣ бошанд, таҳвият мебахшем:

James while John had had had had had had had had had had had a better effect on the teacher [dzen.ru SonoRusso].

Ин ҷумла нофаҳмоии лексикиро, ки бо истифодаи омоним ба вуҷуд омадааст, нишон медиҳад. Бо гузоштани аломатҳои китобатӣ ҷумлаи мазкурро, ки дар он "**had**" хеле зиёд такрор ёфтааст, метавон тарҷума кард:

James, while John had had «had», had had «had had»; «had had» had had a better effect on the teacher. ~ *Ҷеймс дар ҳоле, ки Ҷон* «**had**»*-ро истифода мебурд, "***had had***"- ро истифода бурд, ки* «**had had**» *ба муаллим таъсири калон бахшид.*

Бо боварии комил гуфта метавон, ки «**had had**»-и зиёд дар ин ҷумла омонимии нопурра, аз ҷумла омофон мебошанд, зеро дар ҳолати безада будан, яъне феъли ёридиҳанда **had** [həd, hed] ва феъли маънодор будан **had** [hæd] талаффуз мешавад. Ин «**had had**»- ҳо танҳо дар имло бо ҳам монанд буда, дар шакли овозӣ ва маъно гуногунанд.

Дар забони тоҷикӣ низ калимаҳои ҳамовоз аз бобати ифода ба омонимҳои пурра ва нопурра ҷудо мешаванд. Ба ҷумлаи омонимҳои пурра одатан шаклҳои асосии чунин калимаҳое дохил мешаванд, ки ба як гурӯҳи лексикиву грамматикӣ мансуб буда, бо системаи парадигмавии маъноӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ҳамнишинии луғавиашон аз ҳам комилан фарқ мекунанд. Масалан, ҷуфтҳои ҳамталаффузи «пул» - «кӯпрук», «пул» - «нақдина»; «расм» - «сурат», «расм» - «одат»; «чанг» - «чангол», «чанг» - «навъе аз асбобҳои мусиқӣ» [118, 60].

Омонимҳои нопурра, чи хеле ки дар боло хотирнишон кардем, ба омофонҳо, омографҳо, омоформаҳо ва омонимҳои мутлақ ё комил ҷудо мешаванд.

Баръакси омонимҳои пурра омонимҳои нопурра ё ноқис ҳатман ба

гурӯҳҳои гуногуни лексикиву грамматикӣ дохил шуда, системаи парадигмавии мухталиф доранд ва бо ҳамнишинии лексикиву синтаксисии худ ба пуррагӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ба вуҷуд омадани онҳо натиҷаи ба ҳам монандшавии ин ё он ҳалқаҳои парадигмавии калимаҳои гуногун мебошад.

Забоншинос Т. Ваҳҳобов омофонҳоро ба таври зерин шарҳ додааст: «Омонимҳое, ки дар заминаи таъсири қонуниятҳои фонетикии забон ба вуҷуд омадаанд, омофонҳо номида мешаванд. Омофонҳо калимаҳои гуногуне мебошанд, ки тарзи талаффузашон якнаво буда, шеваи навишташон гуногун аст» [38, 38].

Ба ҳам монанд шудан ва ё наздик шудани талаффузи овозҳои ҷудогонаи калимаҳо дар мавқеъҳои муайяни фонетикӣ омофонҳоро ба вуҷуд меоваранд: *инкор* (рад)-*ин кор* (ҳамин кор)*, ҳамдам* (мушфиқ) - *ҳам дам* (ҳам нафас)*, дутор* (асбоби мусиқӣ) - *ду тор* (як тор, ду тори дутор), *хумор* (ёд) - *хум ор* (хумро биёр)*, дар омад* (дар омади гап) - даромад (фоида) – даромад (ворид шуд; калидсоз – калид соз, садбарг – сад барг, [119, 61].

Зимни таҳлил собит гардид, ки дар забони англисӣ низ чунин омонимҳо, ки аз ду калимаи гуногун, ки якҷоя шуда, калимаи монандро сохта, бо ҳам омоним мешаванд, вуҷуд доранд ва онҳо омофон мебошанд.

Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки омофонҳои забони англисиро аз рӯйи сохт низ гурӯҳбандӣ кунем ва онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардем: 1) омонимҳои сода, ки аз як реша иборатанд; 2) омонимҳои таркибӣ, ки аз ду калима иборатанд: **I’ll – isle; in tent – intent; in fact – infect; we’ll – wheel; at all – a tall; he’ll – heel.**

Аз пажӯҳиши омонимҳо дар забонҳои муқоисашаванда собит сохтем, ки дар забони тоҷикӣ чунин омонимҳое, ки як хел навишта шаванду дигар хел талаффуз шаванд, вуҷуд надоранд. Дар забони тоҷикӣ танҳо зада метавонад дар калимаҳои монанд ҷойи худро дигар кунад. Масалан, «ч'аро» – ҷонишини саволӣ *барои чӣ, аз чӣ сабаб;* «чар'о»

– *чаридан, чариш;* «'гурез» – гурехтан, фирор – «гур'ез» – имолаи гуроз; [212, 29].

Омографҳо

Омографҳо дар забони англисӣ омонимҳои нопуррае мебошанд, ки танҳо дар навишт монанд буда аз ҷиҳати талаффуз ва маъно аз ҳам фарқ мекунанд.

А.Л. Трахтеров таърифи монанди омографҳоро медиҳад, лекин бархилофи Д.Э. Розентал ва М.А. Теленкова онҳоро *гетерофонҳо* меномад. Истилоҳи **homographs** ['hɔməgra:fs] омографҳо калимаҳое мебошанд, ки шакли якхела, вале таркиби овозии гуногун доранд, яъне гетерофонҳо ба мисли: **tear** [tɛə] *кандан* ва **tear** [tiə] *ашк* [168, 110].

Д.Э. Розентал ва М.А. Теленкова ба омографҳо чунин таъриф медиҳанд: «Омографҳо калимаҳои гуногуне мебошанд, ки шакли якхела, лекин талаффузи гуногун доранд: *Замок (қаср) – замо*к (қулф). *Мука (азоб) – мука* (орд). Омографҳоро омонимҳои графикӣ низ меноманд» [150, 320].

Омографҳо дар забони англисӣ бо иваз шудани як овоз, ҷойи зада метавонанд аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузаранд ва ё дар ҳамон ҳиссаи нутқ монанд: **use** [ju:s] *фоида* – исм, **use** [ju:z] *истифода бурдан* – феъл; **torment** ['tɔmənt] *азоб, шиканҷа, ранҷ* – исм; **torment** [tɔ:'ment] *шиканҷа кардан* – феъл*;* **subject** ['sʌbʤikt] *тобеъ, мутеъ, муҳтоҷ* – сифат*;* **subject** [səb'ʤekt] *мутеъ кардан, тобеъ сохтан* феъл.

Омографҳо метавонанд, инчунин ду калимае бошанд, ки як хел навишта шуда, гуногун хонда шаванд. Масалан: **I love to <u>read</u>** [ri:d] вале **I've <u>read</u>** [red] **it already.**

Ё

The quality of the <u>bow</u> [bou] **tied to the ship's <u>bow</u>** [bəu] **made them <u>bow</u>** [bau] **in respect.**

Ин калимаҳои назарфиреб бо навишти якхела ва талаффузу овозҳои гуногун ҳитероним «**heteronyms**» ном доранд ва онҳо комилан омехтаанд.

Вожаи **conjure** [kən′ʤuə] *a. бо таваллою зорӣ моил (розӣ) кунондан, илтиҷо кардан* ва **conjure** [kʌn′ʤə] *v. фокус нишон додан, ҷоду (сеҳр, афсун кардан).* **Conjure** дар маънои аввал сифат ва дар маънои дуюм феъл мебошад. Дар ҳар ду маъно дар калимаҳои **conjure** [kən′ʤuə] *a.* ва **conjure** [kʌn′ʤə] *v.* ҷойи зада тағйир наёфтааст, вале дар вазифаи феъл овози [u] афтода, шакли талаффуз каме тағйир ёфтааст.

Вожаҳои **compress** [′kɔmpres] *n. компресс, тарбандӣ* ва **compress** v. [kɔm′pres] *фишурдан, фишор додан, тазйиқ кардан* омограф шудаанд. **compress** ҳамчун исм дар ҳиҷои аввал [′kɔmpres] ва ҳамчун феъл дар ҳиҷои дуюм [kɔm′pres] зада қабул кардааст. Вожаи мазкур бо иваз шудани ҷойи зада аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар гузаштааст ва маънояш низ тағйир ёфтааст.

Вожаи **buffet** [′bufei] *n. буфет (ҷевон барои косаҳо ва г.), шкаф* ва вожаи **buffet** [′bʌfit] *n. зарба (бо мушт ё дасти кушод), мушт* аз ҳамин қабиланд. Вожаи мазкур бо ду шакли гуногуни талаффуз [′bufei] ва [′bʌfit], ки маъноҳои гуногунро доранд, омограф, яъне як шакли омоними нопурра мебошанд.

Вожаҳои дар боло зикршуда омографҳое мебошанд, ки ба як ҳиссаи нутқ – исм тааллуқ доранд.

Дар забони англисӣ ҷумлаи мукаммале, ки он аз ҳашт калимаи якхелаи **buffalo** [′bʌfəlou) пай дар пай ва бе аломатҳои китобатӣ таркиб ёфтааст, вуҷуд дорад, ки омониманд:

«**Buffalo buffalo Buffalo buffalo buffalo buffalo Buffalo buffalo**.» ~ *Говмешони шаҳри Буффало, ки аз говмешони дигари Буффало тарсида буданд, говмешони шаҳри Буффалоро метарсонданд* [dzen.ru. SonoRusso].

Дар ин ҷумла калимаи **Buffalo** дар се маъно омадааст:

- **Buffalo** (бо ҳарфи калон, сифат) – буффало / аз шаҳри Буффало
- **buffalo** (исм) гови ёбоии Америкаи Шимолӣ
- **buffalo** (феъл) тарсидан / тарсондан [dzen.ru SonoRusso].

Аз ин бармеояд, ки дар забони англисӣ бозӣ бо вожаҳои омонимӣ

вуҷуд дорад.

Дар забони тоҷикӣ, низ омонимҳо такрор ба такрор метавонанд дар матн, алалхусус, дар шеър то се ё чор маротиб бо маъноҳои гуногун такрор биёянд, лекин маротибаи зиёд такроран омоним шуда омада бошанд, вуҷуд надорад.

Бидеҳ ҷоми маю аз Ҷам макун ёд,

Кӣ медонад, **ки** Ҷам **кай** буду **Кай кай** (Ҳофиз) [119, 64].

Чунончи, ҷуфтҳои зайли калимаҳо, ки яке ба тарзи ҳикоягӣ ва дигаре саволӣ талаффуз мешаванд, ба ҳамин гурӯҳ шомил ҳастанд: «Кай» ба маънои «подшоҳ» ва «кай» «кадом вақт», «чи» ҳамчун «пайвандаки пайвасткунанда» ва «чӣ» ҳамчун ҷонишини саволӣ нисбат ба ашё, «ки» ҳамчун «пайвандаки тобеъкунанда» ва «кӣ» ҳамчун ҷонишини саволӣ нисбат ба одамон, «чаро» ба маънии «чаридан» ва «чаро» ба маънои «барои чӣ» ва монанди инҳо:

Домони ту эй бути ситамгар,

Сар медиҳаму намедиҳам **сар**.

Дар мисраи дуюм калимаи «сар» ду маротиб такрор омадааст, ки маъноҳои гуногун дорад: «сар» саре, ки дар гардани мо аст, «сар» *раҳо,* яъне агар сарамро бурранд ҳам домони туро аз даст раҳо намекунам. Аз ин таҳлилҳо мо ба хулоса меоем, ки дар забони тоҷикӣ бештар дар наср омонимҳо метавонанд такрор ба такрор биёянд, вале боз ҳам аз забони англисӣ тафовут дар он аст, ки омонимҳо то се ё чор маротиб метавонанд такрор биёянд.

Дар забони тоҷикӣ «ба омографҳо чунин калимаҳое дохил мешаванд, ки аз ҷиҳати навишту имло ба ҳам пурра монанд буда, вале бо ягон унсури талаффузашон аз ҳам фарқ мекунанд» – иброз мекунад Ҳ. Маҷидов. Ӯ қайд мекунад, ки омографҳо дар ҳудуди ҳодисаҳои омонимӣ ва паронимии забон ҷой мегиранд ва аз омонимҳо дида ба паронимҳо бештар наздикӣ доранд. Ба ин сабаб аст, ки ин гуруҳро бисёр муҳаққиқон шартан ба омонимҳо дохил кардаанд. Воқеан, омографҳо дар ҳудуди ҳодисаҳои омонимӣ ва паронимии забон ҷой мегиранд ва аз омонимҳо

дида ба паронимҳо бештар наздикӣ доранд. Масалан, калимаҳои гуногунталаффузи «гарон» ба маънои «қимматбаҳо» ва «гар он» - «агар он», «атлас» - «шоҳӣ» ва «атлас» - «маҷмуи харитаҳои ҷуғрофӣ» ва монанди инҳо, ки навишти якхела доранд, бо ҳам омограф мешаванд.

Омографҳои луғавӣ бо сабабҳои мухталифи овозӣ – гуногунии мавқеъҳои задаи калимаҳо ва тарзи талаффузи онҳо, ки дар қиёфаи овозиашон бевосита таҷассум ёфтаанд, ба вуҷуд меоянд. Бештар аз ҳама чунин омографҳое вомехӯранд, ки бо мавқеи задаи луғавии худ аз ҳам фарқ мекунанд. [118, 63]. Омограф калима ва шаклҳое мебошанд, ки якхела навишта шаванд ҳам, талаффузашон баробар нест [126, 25]. Масалан, *инсон – ин сон, дутор – ду тор*.

гӯё I гӯянда, изҳоркунанда, сухангӯ, қобили нутқ, суханкунанда

гӯё II мисли он ки…, монанди ин ки…, чунин гумон карда мешавад, ки … [Кабиров, 30].

Дар **гӯё I** зада дар **ё** [ɡu'jɔ] ва дар **гӯё II** зада дар аввал ['ɡujɔ] меафтад.

Шамоиле, ки дар авсофи ҳусни таркибаш

Маҷоли нутқ намонад забони **гӯёро**... (Саъдӣ)

Туфайли бандагон ман ҳам қабул афтодаам **гӯё**,

Ки аз ҳар ҷониб овози муборакбод меояд (Ҳилолӣ). ?

Мушаххас гардид, ки дар забони тоҷикӣ низ бо чунин омонимҳо метавон дучор омад, ки бо иваз шудани ҷойи зада шакли талаффузи калимаҳои бо ҳам монанд тағйир ёбанд, аз ҷумла вожаи «танҳо» (*яъне тоқа, як кас, шумораи танҳо*) - «танҳо» (*фақат*).

Ӯ дар хона ***тан'ҳо*** *буд.* Ин **'танҳо** барои шумо аст [Информант].

Дар ҷумлаи якум дар «тан'ҳо» зада дар ***ҳо*** ва дар ҷумлаи дуюм зада дар аввал «'танҳо» меафтад.

Дар забони тоҷикӣ аксар феълҳо ду вазифаи грамматикӣ доранд; **Даро'мади** корхона хеле зиёд шуд. Бародарам ба ин корхона ба кор **'даромад** [Информант].

Омоформа

Забоншиносони ватанию хорич̣ӣ гуруҳбандии мутаносибиро рушд дода, дар асоси ин ё он меъёр гуруҳбандии худро кор карда баромаданд.

В.В. Виноградов оид ба омоформҳо чунин ибрози ақида кардааст: «одинакого звучания при несовместимости значений не в слове целом, а лишь в какой-то части его форм» шакли овозии якхела доштан на дар ҳама шаклҳои калима, балки дар яке аз шаклҳои он, вале бо маъноҳои гуногун [40, 5].

Дар «Словарь-справочник лингвистических терминов» зери таҳрири Д.Э. Розентал, М.А. Теленкова гурӯҳбандии мутаносибии омонимҳо ва ифодаи онҳо ба таври зер оварда шудааст:

- омонимҳои пурра (дар шакли навишт ва овозӣ мувофиқат мекунанд): **handout** ['hændaut] *n. садақа*. – **handout** ['hændaut] *n. варақаи эъломия, изҳорот ё огоҳӣ;*
- омонимҳои нопурра (дар шакли навишт ё овозӣ мувофиқат мекунанд): **bad** [bæd] *adj. бад, зишт*. – **bed** [bed] *n. кат;*
- омонимҳои содда (бо овоз мувофиқат мекунанд): **grate** [greɪt] *v. соидан, талқон кардан, соиш додан*. – **great** [greɪt] *adj. зебо, аҷоиб*;
- омонимҳои сохта (омонимҳое, ки дар рафти калимасозӣ пайдо шудаанд): **need** [ni:d] *n. ниёз, эҳтиёҷ*. – **need** [ni:d] *v. ниёз / эҳтиёҷ доштан*;
- омофонҳо (калимаҳои гуногун, ки шакли овозии якхела доранд, ки онҳоро омонимҳои фонетикӣ, низ меноманд): **shoe** [ʃu:] *n. пойафзол, туфлӣ*. – **shoo** [ʃu:] *v. тарсондан, рамондан, рондан, турондан (парандаҳоро*);
- омографҳо (калимаҳои гуногуне, ки тарзи навишти якхела, вале шакли овозии гуногун доранд): **grave** [greɪv] *n. гур, қабр*. – **grave** [grɑ:v] *adj. ботантана*;
- Омоформаҳо (онҳоро омонимҳои грамматикӣ низ меноманд): **blow** [blou] *n. вазиш, дамиш*. – **blow** [blou] *v.* (*blew; blown) вазидан* [150, 242].

Омонимҳои морфологӣ (онҳоро «омоформаҳо» низ меноманд) бо миқдори зиёди шаклҳои калима ба забонҳои флективӣ хос аст, ки дар

забони англисӣ шумораи зиёди онҳо вуҷуд дорад. Дар байни шаклҳои омонимҳо, омоформаҳо-калимаҳое мебошанд, ки танҳо дар як шакли грамматикӣ мувофиқ меоянд. Масалан исми **bent** [bent] *кач, хамида* бо **bent** [bent], ки шакли замони гузаштаи **bend** *қатъ кардан* аст, омоформа мебошад, яъне аз се шакли феъли **bend– bent– bent** бо яке мувофиқ омадааст.

bear [bɛə] *v. хирс.* – **bear** [bɛə] *v.* (*bore; borne*) *бурдан, бо худ бурдан.*

Мо андешаи худро оид ба омоформаҳо дар чунин шакл иброз мекунем: «Омоформаҳо як шакли нопурраи омонимҳо буда, танҳо дар яке аз шаклҳо (дар навишт ё талаффуз) бо ҳам мувофиқ омада, маъноҳои гуногун доранд», ки инро мо бо таҳлили мисолҳои зер собит месозем.

Омоформҳо метавонанд ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дошта бошанд. **bar** [ba:] *n. пора, порча*. – **bar** [ba:] *v*. (*barred; barring*) *қуфл кардан*.

Ба андешаи мо дар забони англисӣ исм, сифат, феъл, ҷонишин ва шумора, ки дорои категорияҳои грамматикии шахс, шумора, дараҷа, замон ва шакл мебошанд, метавонанд дар яке аз ин категорияҳо бо ҳам мувофиқ омада омоформа созанд. Масалан: феъли **abide** (*баровардан, гузоштан*) се шакл дорад **abode – abode – abiding**, дар шахси сеюми шумораи танҳо дар замони ҳозира **abides**. Исми **abode** (*маскан, кошона, маҳал, бошишгоҳ*) дар шумораи ҷамъ **abodes**, яъне пасванди **– s** мегирад ва шакли исм аз феъл фарқ доранд. Феъли **abide** дар шакли замони гузашта ва сифати феъли II бо исми **abode** дар шумораи танҳо дар шакли навишт ва талаффуз мувофиқ омадааст, яъне омоформ шудааст.

Сифати **bad** (*бад, зишт*) сифати аслии нодуруст буда, се дараҷа дорад: **worse-worst.** Исми **bad** дар шумораи ҷамъ пасванди – **s** қабул карда **bads** мешавад, яъне сифати **bad** бо исми **bad** (*нокомӣ, бебарорӣ*) танҳо дар як дараҷа ва шакли шумораи танҳо бо ҳам мувофиқат кардаанд, ки ин омоформа будани онҳоро собит месозад.

Феъли **can (***қӯттӣ кардан, консерва кардан*), ки феъли дуруст аст, дар замони гузашта ва сифати феъли II суффикси **-ed** қабул карда шакли **canned-canned**-ро мегирад. Феъли **can** (*тавонистан*) феъли нодуруст буда,

дар замони гузашта ва сифати феълии II шакли **could** дорад. Аз ин мебарояд, ки феъли **can** (*қӯттӣ кардан, консерва кардан*) ва феъли **can** (*тавонистан*) танҳо дар шакли замони ҳозира ба ҳам омоформа мебошанд.

Феъли **fell** (*афтидан*), ки шакли замони гузаштаи **fall** мебошад дар сифати феълии II шакли **fallen** дорад. Исми **fell** (*биёбон, теппазор*) дар шумораи ҷамъ шаклашро тағйир дода **fells** суффикси ҷамъсози **–s** мегирад. Феъли **fall** – **fell** – **fallen** – **falling** ва **fell – fells** танҳо дар як шакл, дар замони гузашта ва шумораи танҳо бо ҳам ҳамшаклу ҳамовоз шуда омоформа сохтаанд.

Шумораи ҷамъи исми **goose** (*гоз, модагоз*) ба таври нодуруст сурат мегирад **geese** ва шумораи ҷамъи исми **goose** (*дарзмол*) **gooses** мебошад. Ин ду исм дар шумораи танҳо бо ҳам омоним мебошанд. Азбаски онҳо танҳо дар як шакл, яъне шумораи танҳо бо ҳам дар шаклу талаффуз монанданд, аз ин рӯ, онҳо омоформа мебошанд.

Исми **leaves** шакли шумораи ҷамъи исми **leaf** (*барг*) мебошад ва феъли **leaves** барои шахси сеюми шумораи танҳо дар замони ҳозира аз **leave** (*тарк кардан, рафтан*) мебошад, ки чунин шакл дорад: **leave – left – left – leaving** дар шахси сеюми шумораи танҳо **leaves** ва исми **leaf – leaves**.

Таҳлил собит месозад, ки исми мазкур дар шумораи ҷамъ ва феъл дар шахси сеюми шумораи танҳо бо ҳам мувофиқ омада омоформа сохтанад.

Исми **find** [faind] (*ёфт, кашф*) ва феъли **fined** [faind] (*ҷарима кардан*) омофон мебошанд, зеро шакли навишт ва маъноҳои гуногун, вале талаффузи якхела доранд. Исми **find** дар шумораи ҷамъ **finds** ва феъли **fined** дар замони ҳозира шакли **fine** дорад. Исми **find** дар шакли шумораи танҳо бо феъли **fined** дар шакли замони гузашта дар шакли овозӣ бо ҳам омоформа мебошанд, дар шаклҳои дигар онҳо бо ҳам мувофиқ нестанд.

Шумораи **one** [wʌn] (*як*) ва феъли замони гузаштаи **win** (*галаба кардан*), ки **won** [wʌn] мебошад, дар ин шакл бо ҳам шакли овозии якхела гирифтаанд, ки аз омоформ будани онҳо дарак медиҳад.

Пажуҳиши мазкур ошкор сохт, ки омографҳо дар фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабона ҳамчун омоним инъикос ёфта рақамгузорӣ шудаанд. Омоформаҳо низ ҳамчун омонимҳо, вале шаклҳои дигари калима низ оварда шудаанд ва ин собит месозад, ки он бо яке аз шаклҳо мувофиқ омадааст.

Омофонҳоро дар фарҳангу луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ёфтан душвор аст, зеро онҳо ҳамчун омоним инъикос наёфтаанд. Инъикоси онҳо дар луғат ғайриимкон аст, зеро онҳо дар навишт гуногунанд ва мо онҳоро дар луғати оид ба диссертатсия тартибдода дар шакли ҷуфт-ҷуфт инъикос намудем.

Мо ҷадвали зеринро бо мақсаде пешниҳод мекунем, ки дар он фарқияти ин зуҳурот (омонимҳо, омофонҳо, омографҳо, омоформаҳо) бараъло нишон дода шудаанд:

ОМОНИМҲО

Омонимҳои пурра
дар шакли имло ва овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, маъноҳои гуногун доранд:
affected I [ə′fektid] *adj.* бемор
affected II [ə′fektid] *adj.* сохта, сунъӣ

bat I [bæt] *n.* кӯршапарак
bat II [bæt] *n.* чӯбдаст, чӯб

gird I [gə:d] *v.* бо тасма маҳкам кардан
gird III [gə:d] *v.* масхара кардан

Омонимҳои нопурра
дар шакли имло ё овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, маъноҳои гуногун доранд:
hat [hæt] *n.* кулоҳ, сарпӯш, шапка.
head [hed] *n.* сар.
had [hed] *v.* аз have.

heel [hi:l] 1. *n.* 1) пошнаи пой
heal [hi:l] *v.* 1) шифо додан
he'll [hi:l] *3rd person sing. Futur. Ind.*

export I [′ekspɔ:t] *n.* содирот
export II [ik′spɔ:t] *v.* содир кардан

Омофонҳо
дар шакли овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, дар имло ва маъно гуногунанд:
patience ['peiʃns] *n.* сабр
patients ['peiʃns] *pl. n.* мариз, бемор

piece [pi:s] *n.* қисм, порча.
peace [pi:s] *n.* сулҳ.

Омографҳо
дар имло монанд буда, дар шакли овозӣ ва маъно гуногун мебошанд:
flow I [flou] *v.* ҷорӣ шудан
flow II [flɔ:] *v.* чакидан.

grave I [greɪv] *n.* гур, қабр
grave II [grɑ:v] *adj.* ботантана.

Омоформаҳо
дар як шакли алоҳида бо ҳам монанд буда, маъноҳои гуногун доранд:
cleave I [kli:v] (clove, cleft; cloven) v. шикофидан, зада кафондан
cleave II [kli:v] v. (clave, claved; clealved) содиқ будан

crow I [krou] n. зоғ
crow II [krou] v. (crowed, crew;crowed) ҷеғ задан

Дар забони тоҷикӣ Ҳ. Маҷидов андешаи худро оид ба омоформа чунин иброз кардааст: «Ба ҳам монандшавии қиёфаи овозии шаклҳои грамматикии калимаҳои ҳиссаҳои мухталифи нутқ ва ё калимаҳои доираи як ҳиссаи нутқ омоформа номида мешавад».

Доғи ҷафо ба ҷони мани хастадил манеҳ,

Рӯзе, ки дар **вафот** бимирам, **вафот** нест. (Камоли Хуҷандӣ)

Шакли аслии калимаи **вафот**-и якум – *вафо* ва шакли дуюми **вафот** *мурдан* мебошад. Калимаи *вафот* дар ҳар ду ҳолат ба вазифаи исм омада, маъноҳои гуногун доранд. Агар **вафо-ро** тасриф кунем шаклҳои онро ба таври зайл мебинем:

вафоям (вафом) вафоямон (вафомон)

вафоят (**вафот**) вафоятон (вафотон)

вафояш (вафош) вафояшон (вафошон)

Таҳлил собит месозад, ки исми **вафот** бо исми **вафо** дар шахси дуюми шумораи танҳо мувофиқ омада, яъне танҳо дар як шакли алоҳида омоформа сохтаанд.

Омонимҳо, омоформҳо, омофонҳо ва омографҳо дар суханбозиҳо – ҳазлҳо дар асоси бозии калимаҳо истифода бурда мешаванд.

Пас аз омӯзишу таҳлили омофонҳо, омографҳо ва омоформаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар ин бахш чунин фарқияту монандии онҳо таҳқиқ ва муайян гардид:

– хусусияти фарққунандаи омофонҳои англисӣ аз тоҷикӣ дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ чунин омонимҳое, ки як хел навишта шаванду дигар хел талаффуз шаванд, вуҷуд надоранд;

– омофонҳо дар забони тоҷикӣ дар матн шакли худро дигар мекунанд, ки ин ба забони англисӣ хос нест;

– омографҳо дар ҳар ду забон калимаҳои дар навишт якхела, вале шаклҳои гуногуни талаффуздошта мебошанд, ки маъноҳои гуногун доранд;

– дар ҳар ду забон омографҳо метавонанд дар ҷумла на танҳо ҷуфт-ҷуфт, балки хеле зиёд такрор шуда биёянд;

– дар забони тоҷикӣ танҳо ҷойи зада иваз мешавад, дар забони англисӣ ғайр аз иваз шудани ҷойи зада метавонад дар калимаҳо яке аз овозҳо тағйир ёбанд, ки инро мо дар омографҳои забони тоҷикӣ вонахӯрдем; Масалан, дар забони англисӣ вожаи **abuse I** [ə'bju:s] *n.* дашном, таҳқир; **abuse I** [ə'bju:z] *v. дашном додан, таҳқир кардан*.

– дар забони англисӣ омонимҳо (омографҳо) дар ҷумла метавонанд хеле зиёд такрор шуда биёянд.

2.3. Роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ

Луғатҳо ва фарҳангҳои таҳияшудаи луғатнигорон инъкоскунандаи тамаддуни ҳар як миллат, хазинаи забони миллӣ мебошад. Таҳия ва офаридани луғатҳои навъҳои гуногун ҳамчунин имконият фароҳам меоварад, ки меъёрҳои истифодаи истилоҳоти гуногун ба танзим дароварда шавад, маъноҳои норавшану пӯшида ба хонанда дастрас гардад ва аз ҳама муҳимаш сатҳи дониши мутолиакунанда боло равад.

Луғатнигори тоҷик А. Мамадназаров дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и худ овардааст, ки таҳияи фарҳанг кори ниҳоят пурмашаққат ва масъулиятнок аст. Фарҳанг илова ба аҳамияти маърифатӣ, аҳамияти бузурги тарбиявӣ ва таълимӣ низ дорад. Он чӣ дар фарҳанг инъикос меёбад, то андозае вазифаи танзимкуниро адо мекунад. Ин ё он калимаро дар фарҳанг ворид намуда, муаллиф бидуни хоҳиши худ, истифодабарии онро гӯё ба ҳукми қонун медарорад ва ишораҳое, ки тарзи истифодаи ин ин ё он калимаро маҳдуд месозанд, на ҳама вақт ба мақсад мерасанд.

Луғатҳо ҳамчунин вазифаи тасвиркуниро ичро мекунанд. Луғатҳои тасвирӣ ба мақсади пурра инъикос кардани вожаҳои таркиби луғавии забон, умуман, ва вожаҳои соҳаи муайян, алалхусус, тасвири ҳамаи навъҳои истифодабарии ин вожаҳо таҳия карда мешаванд. Баҳогузории сифати луғати тасвирӣ аз он иборат аст, ки то кадом дараҷа дар вожаномаи он мушкилоти забон инъикос ёфтааст ва то кадом дараҷа вожанома дақиқан маънои вожаҳоро тафсир ва тасвир кардааст [113, 10].

Дар ин боб мо роҳҳою усулҳои инъикоси омонимҳоро дар луғатҳои тафсирии англисии «Oxford Advanced Learner's Dictionary», «Longman American Advanced Dictionary» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар диссертатсия доир ба роҳҳои ифода ёфтан, аломатгузорӣ ва мавқеи онҳо дар луғатнигорӣ маълумот хоҳем дод.

А.С. Ҳорнби дар луғати «Oxford Advanced Learner's Dictionary» дар қоидаи истифодабарии он оид ба омонимҳо чунин овардааст: «Дар забони англисӣ баъзе вожаҳо, яъне омонимҳо, як хел навишта шуда, талаффузи гуногун доранд» [OALD 1997, P. ix-xii]. Омонимҳо дар ин луғат бо ададҳои каснии кабуд пеш аз сарвожа ишора карда мешаванд. Масалан:

[1]**gill** /dʒil/ *noun* [usually pl.] one of the openings on the side of a fish's head that it breathes through – picture ⇨ page R20 **IDM to the gills** (*informal*) completely full: *I was stuffed to the gills with chocolate cake.*

[2]**gill** /dʒil/ *noun* a unit for measuring liquids. There are four gills in a pint [OALD, 653].

Дар ин луғат идиома ва синоними вожаҳо низ оварда шуда, онҳо бо мисолҳо пурра карда шудаанд. Дар шакли ғайрирасмӣ истифода бурдани он бо идиома низ қайд карда шудааст. Инчунин, барои ҷуфти омонимҳо дар транскрипсия шакли овозии онҳо оварда шудаанд, ки ин ба омоними пурра ё нопурра мансуб будани онро мушаххас мегардонад. Масалан, ҷуфти омонимии **gill** шакли навишт ва овозии якхела дошта ба исм мансуб буданашон ифода ёфтаанд, ки ин омонимҳои лексикӣ ва пурра будани онҳоро собит месозад. Пас аз овардани вожа тафсири он оварда шудааст ва баъдан он бо овардани ибора ва ҷумла бо истифодаи он мушаххас карда шудааст.

[1]**minute** /minit/ *noun, verb* – see also minute[2]

■ noun

▶ part of hour **1** [c] (*abbr*. min.) each of the 60 parts of an hour, that are equal to 60 seconds: *It is four minutes to six.* ◊ *I'll be back in a few*

minutes. ◊ *Boil the rice for 20 minutes.*◊ *a ten minute bus ride* ◊ *I enjoyed every minute of the party.*

[2]**minute** /mainju:t; *NAmE* also -ənu:t/ *adj*. – see also minute[1] (*superlative* **minutest**, no *comparative*) **1** extremely small SYN tiny: *minute amounts of chemicals in the water* ◊ *The kitchen on the boat is minute.* **2** very detailed, careful and thorough: ***a minute examination/ inspection*** ◊ *She remembered everything* ***in minute detail/ in the minutest details*** ◊ ►**minutely** *adv*.: *The agreement has been examined minutely* [OALD, 977].

Пас аз сарвожа дар хатти нав бо сархат бори дигар бо аломати чоркунҷаи хурд ҳиссаи нутқ, ки сарвожа ба он мансуб аст, оварда шудааст ва дар хатти дигар тафсир бо аломати секунҷа оғоз ёфтааст. Ҷумлаҳо барои тафсири вожаҳо низ бо аломати махсус, ромб ифода ёфтаанд. Хулоса, дар луғат ранги сиёҳу кабуд, аломатҳои секунҷа, чоркунҷа ва ромб истифода бурда шудааст ва ин на дар ҳама вожаҳо риоя риоя гардидааст.

Вожаи [1]**minute** /minit/ исм ва феъл ва [2]**minute** /mainju:t/ сифат мебошанд, танҳо дар шакли навишт бо ҳам монанд буда, шакли овозии гуногун дошта ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб ва маъноҳои гуногун доранд, яъне инҳо омонимҳои нопурра, грамматикӣ мебошанд. Ба ин вожа дар вазифаи сифат, инчунин, дараҷаи қиёсӣ ва этимологияи он оварда шудааст. Вожаҳо дар ду зиёда мақолаҳои луғавӣ бо рақами арабии сиёҳи ғафс, бе нуқта ва ё қавс тафсири худро ёфтаанд.

Дар луғати «Longman Advanced American Dictionary» (LAAD) сарвожа бо ранги сурх, транскрипсия бо ранги сиёҳ дода шуда, калимаи дигар ё ҷуфти он бо ранги кабуд оварда шудааст, яъне дар луғат се ранг истифода бурда шудааст. Пас аз транскрипсия 3 даврача оварда шудааст, ки дутои аввал пурра сиёҳ ва сеюмин дарунаш холӣ аст ва транскрипсия низ танҳо барои сарвожа истифода бурда шудааст, масалан:

a-board[1] /ə'bɔrd/ *********adv*. 1 on or onto a ship, airplane, or train: *The plane crashed, killing all 200 people aboard. / The boat swayed as he stepped aboard. / Reporters*

were not allowed to ***go aboard***. 2. ***All aboard!*** spoken used to tell pessengers of a ship, bus, or train that they must get on because it will leave soon.

aboard[2] *** *prep.* on or onto a ship, airplane, or train: *Many passengers were already aboard the ship* [LAAD, 3].

Омонимҳо ба тариқи касрӣ дар тарафи рости қисмати болоӣ рақамгузорӣ шудаанд. Сарвожаҳо бо нимтире ба ҳичо ҷудо карда шудаанд ва ҷуфти онҳо ба тариқи пурра оварда шудаанд. Дар луғати мазкур танҳо барои сарвожа транскрипсия оварда шудааст ва вожаҳои омонимии дигар бе транскрипсия оварда шудаанд ва ҳиссаҳои нутқе, ки ба онҳо мансубанд, ба тариқи кӯтоҳ оварда шудаанд. Гузоштани ҳиссаҳои нутқ барои ёфтани омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ грамматикӣ ёрӣ мерасонанд. Аз ин луғат ёфтани омограф, ки шакли якхела дошта бо шакли овозии гуногун фарқ мекунанд, хеле мушкил аст, зеро дар он танҳо ба сарвожа шакли овозӣ оварда шудааст. Сарвожаҳо бо ишораи ҳиссаи нутқ (*noun*) мушаххас шудаанд. Дар он ҳамчунин бо рамзи луғатнигории секунҷа (▶) минтақаи аз решаи сарвожа сохташудаи ибораҳо мушаххас карда шудааст.

a-bode[1] /ə'boud/ *n.* [C] formal or humorous someone's home **THESAURUS** home[1]

abode[2] *v.* a past tense of abide [LAAD, 5].

Бо овардани мисоли мазкур мушаххас гардид, ки дар луғати LAAD даврачаҳо низ на барои ҳама вожаҳо истифода бурда шудааст ва онҳо танҳо барои баъзе сарвожаҳо аломатгузорӣ шудаанд.

Хусусиятҳои фарққунандаи луғати Оксфорд аз Лонгман дар он аст, ки сарвожаҳои он бо ранги тираи кабуд мушаххас карда шудаанд, дар луғати Лонгман онҳо бо ду ранг сарвожа бо сурх ва омоними он бо кабуд ифода ёфтаанд. Дар луғати Лонгман сарвожаҳо бо ҳичо, дар луғати Оксфорд дар шакли калимаи пурра оварда шудаанд.

Дар луғати Оксфорд шакли овозии сарвожа ва омоними он дода шудааст ва ин имкон медиҳад, ки ғайр аз омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ омографҳоро низ ҷудо кунем.

Таркиби луғавии забони ҳозираи тоҷикӣ хеле ғанӣ ва дар айни замон мураккаб буда, маҳсули давраҳои тӯлонии таҳаввулу тараққиёти ҷомеа мебошад ва хусусиятҳои хоси он то ҳадди имкон дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» таҷассум ёфтааст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (ФТЗТ) ҳамаи калимаҳои тафсиршаванда ба тартиби алифбо паси ҳам омадаанд ва бо ҳарфҳои калони нимғафс чоп шудаанд. Мундарича ва сохти фарҳанги мазкур дар асоси дастовардҳои охири илмии фарҳангнигории ҷаҳон таҳия шуда, дорои хусусиятҳои зерин роҷеъ ба омонимҳо мебошад:

Омонимҳо, яъне калимаҳои аз ҷиҳати тарзи талаффуз ва шакли навишт айнан ба ҳам монанд, ки маъноҳои гуногун доранд, дар моддаҳои алоҳидаи луғавӣ омада, ба воситаи рақамҳои римӣ ишора мешаванд. Масалан:

АЛАМ I الم дард, ранҷ, озор, ғусса….

АЛАМ II а علم байрақ, ливо, парчам [ФТЗТ, 52].

БОЗ باز 1. асоси замони ҳозира аз бохтан. 2. ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои машғулшаванда: қиморбоз, ҳуққабоз, бедонабоз...

БОЗ I بـ 1. бори дигар, аз нав, муҷаддадан, такроран , дубора: боз такрор кардан, боз пурсидан, боз муроҷиат кардан. 2. илова бар ин, болои, ба замми ин; ҳам, ғайр аз ин: боз ба куҷо равам. 3. пасванд давомнокии амалро ифода мекунад; дар муддати…, … ин ҷониб: ду рӯз боз. 4. ҳиссачаи таъкидӣ мабодо...

БОЗ II боз باز кушода, яла, во; муқоб. баста; кардан кушодан…

БОЗ III باز парандаи қавичанголи нӯлдароз, ки парандагон ва ҳайвоноти майдаро шикор мекунад, қуш: бози дастомӯз, бози шикорӣ [ФТЗТ, 216].

Зимни таҳлил собит гардид, ки тафсири вожаҳо, инчунин вожаҳои

омонимӣ дар ФТЗТ бо сархат оварда шудаанд ва сарвожаҳо ва вожаҳои омонимӣ бе абзатс оварда шудаанд, ки дар ин мисолҳо равшан аён аст.

ГАР I ҳарчанд رگ 1. шакли кӯтоҳшудаи агар… 2. , гарчанд…

ГАР II رگ хориш, реш, қӯтур (дард) [ФТЗТ, 304].

Хусусияти фарқкунандаи «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дар он аст, ки калима ба ҳуруфи арабиасос низ оварда шудааст, вале ба кадом ҳиссаи нутқ омадани он инъикос нагардидааст. Инчунин, номи забоне, ки калима аз он иқтибос шудааст, бо ҳарфи аввали он мушаххас карда шудааст. Калимаҳо танҳо бо калима ва ибораҳо тафсири худро ёфтаанд. Дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ онҳо бо ибора, ҷумла, идиома ва муродифҳо низ тафсир шудаанд.

МАҲИН I نیهم 1. нозук; борик, муқоб. ғафс: риштаи маҳин. 2. нарм, мулоим, нафис, муқоб. даҳал, дурушт: докаи маҳин, пашми маҳин. 3. реза, майда; борони маҳин борони реза-реза, резаборон; дандони маҳин дандони майда; реги маҳин; дуди маҳин дуди тунук; лабони маҳин лабҳои борики нозук; овози маҳин овози пасту форам, садои мулоим; маҳин кардан (кулӯхро) кулӯхро майда - майда карда заминро барои кишт тайёр кардан; маҳин мавҷ задан оҳиста мавҷ задан.

МАҲИН II نیهم кит.моҳмонанд, маҳосо.

МАҲИН III а. نیهمкит. хору залил, беқадр [ФТЗТ, 777].

Мо омонимҳоро дар фарҳангҳои тафсирии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор додем. Дар натиҷаи омӯзиш умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо аён гашт:

1. Дар фарҳангҳои тафсирии ҳар ду забони муқоисашаванда вожаҳо аз сари хат бе абзатс оварда шудаанд.

2. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» сарвожа бо ҳарфҳои калони сиёҳ ва рақами римии нимсиёҳ (**ФАЛАК** I), дар «Oxford Advanced Learner’s Dictionary»-и Hornby A.S. бо ҳарфи хурди кабуд ва дар гӯшаи чапи болоии калима рақами арабӣ ([1]**pound**) ва дар «Longman American

Advanced Dictionary» сарвожа бо ҳарфи хурди сурх ва омоними он бо ҳарфи кабуд ва дар тарафи рости болои калима рақами арабӣ (**ab-sent**[1] / **ab-sent**[2] мушаххас гардидааст.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» пас аз рақами римӣ аз кадом забон иқтибос шудани он бо ҳарфи якуми он ва шакли арабӣ (I а. كلف) омадааст, дар «Oxford Advanced Learner's Dictionary»-и А.С. Ҳорнби ва дар «Longman American Advanced Dictionary» транскрипсияи он дар сарвожа дода шудааст (**ab-sent**[1] /æbsənt/).

3. Дар ҳар дуи фарҳангҳои англисӣ омонимҳо бо рақами арабӣ ба тариқи касрӣ дар тарафи болоии калима, яке чап ва дигаре рост ифода шудаанд ва маъноҳои дигари ин омонимҳо бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда шудаанд ва барои тафсири пурраи онҳо ибораю, ҷумла, синониму идиома оварда шудаанд.

4. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» омонимҳо бо рақами римӣ ва маъноҳои дигари он бо овардани ибора ва баъзан ҷумлаҳо ифода ёфтаанд.

5. Дар «Longman American Advanced Dictionary» пас аз тарзи талаффузи калима дар транскрипсия се доирачаи хурд оварда шудааст, ки сеюминаш чун ҳалқа холӣ аст, ки ин аломат дар ду фарҳанги дигар нестанд.

6. Дар «Longman American Advanced Dictionary» сарвожа ба ҳиҷо ҷудо карда шудааст, ки инро дар фарҳангҳои тафсирии дигар надидем.

7. Дар «Oxford Advanced Learner's Dictionary» ва «Longman American Advanced Dictionary» танҳо барои сарвожа транскрипсия дода шудааст.

8. Дар фарҳангҳои тафсирии забони англисӣ вожаҳои омонимӣ дар мақолаҳои зиёди луғавӣ оварда шудаанд, ки ин дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» мушоҳида нашуд.

9. «Фарҳангҳои тафсирии англисӣ» аз фарҳанги тафсирии тоҷикӣ бо он бартарӣ доранд, ки тафсири зиёди онҳо бо ибораҳо, идиомаю зарбулмасалҳо пурра карда шудаанд, ки дар фарҳанги тоҷикӣ хеле кӯтоҳ тафсири худро ёфтаанд.

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ	Oxford Advanced Learner's Dictionary Hornby A.S	Longman American Advanced Dictionary
ОЗАРӢ آذ ری 1. мансуб ба оташ; оташранг, сурхранг. **ОЗАРӢ II** آذری бошандаи Озарбой-ҷон, озарбойҷонӣ.	[1]**trig** /trig/ *adj*: stylishly trim: Smart Neat. [ME, "trusty, nimble", of Scandinavian origin]. [2]**trig** n: Trigonometry.	**trig** /trig/*n*.[U] spoken TRIGONOMETRY **trig.** The written abbreviation of TRIGONOMETRY
ХАЛА I هلخ дарди сахти халандаи дарунӣ дар паҳлу, шикам ва ғ.; хала задан дард кардани ягон ҷои бадан, пайдоиши халиш дар ягон узви бадан; хала шудан гирифторӣ ба дарди хала. **ХАЛА II**: هلخ хала кардан халачӯб халонидан, нихта кардан (ба хар). **ХАЛА III** бемаънӣهلخ кит. ҳарза, ёва, сафсата, гапи; қилуқол. **ХАЛА IV** هلخкит. суккони киштӣ.	**chat** /ʧæt/ *verb, noun* ▪*verb (-tt)* **1**[1] to talk in a friendly informal way to sb: **~ (to/with sb)** My kids spend hours chatting on the phone to their friends. ◊ **away (to/with sb)** Within minutes of being introduced they were chatting away like old friends. ◊ **about sth/sb** What were you chatting about? **2** [l] ~ **(away) (to/with)** l ~ **(about sth/sb)** to exchange messages with other people on the Internet, especially in a CHAT ROOM: He's been on the computer all morning, chatting with his friends.	**chat**[1] /ʧæt/ *** *v.* (chatted, chatting) [1] 1. To talk in a friendly informal way, especially about things that are not important: The two women chatted all evening. [+about] We sat up late, chatting about life in the city, [+with/to] Dad really enjoys chattingwith people from other countries **THESAURUS** **talk**[2] to communicate with several people by computer, using a special Internet program that allows you to exchange written messages very quickly – see also CHAT ROOM conversation that you have with a person or group of people on the Internet, for example in a CHAT ROOM: on-linechat – see also CHIT-CHAT
ПАР I پر шакли кӯтоҳшудаи парниён. **ПАР II** پر партав, нур.	[1]**suit** /sut/ *n* 1: an action or process in a court for enforcing a right or claim. 2: an act or instance of suing or seeking by entreaty; esp: courtship 3: *a* number of things used together: set.	**suit**[1] /sut/ *** n. [C] **1** set of clothes made of the same material, usually including a JACKET (=short coat) with pants or a skirt: *blue wool suit* / *a man* ***wearing a suit*** and tie / a dark ***business suit*** →see also MORNING SUIT **2** **jogging/swimming*bathin**

	[2]**suit** *vb* 1: to be harmony: 2: to be appropriate or acceptable 3: to outfit with clothes: 4: ADAPT (suit the action to the word).	**g etc. suit** a piece of clothing or a set of clothes used for running, swimming, etc. → see also SWIMSUIT, WET SUIT **3 LAW** a problem or complaint that a person or company brings to a court of law to be settled SYN lawsuit: *Larkin has **filed suit*** (=officially brought the problem to a court of law) aganst the corporation. **suit[2] ***** **1** [T] to be acceptable, appropriate, OR CONVENIENT for a particular person or in a particular situation: *There are activities to suit everyone./ It takes time to find a college that will suit your child's **needs.**"Eight o'clock?" That **suits me fine*** (=is complete acceptable for me)." / **suit sth to sb/sth** *She had the ability to suit her performances to the audience.* **2 well/best/ideally etc. suited** to have the right qualities to do something: **[+for]** Megan is well suited for library work. / **[+to]** Soups are perfectly suited to winter suppers.
ПАРДАДОР I. پره دارد аст 1. он кӣ ё он чӣ рӯйпӯш; рӯпӯшкунанда, пинҳонкунанда. 2. таър. дарбон, ҳоҷиб (дар дарборҳо). **ПАРДАДОР II** پرده دار асбобҳои мус. дорои	[1]**reef** /ref/ *n* **1**: a part of a sail taken in or let out in regulating size **2**: the reduction in sail area made by reefling [Old Norse rif] [2]**reef** *vt*: to reduce the area of (a sail) by rolling	**reef[1]** /rif/ ******* *n*. [C] EARTH SCIENCE a line of sharp rocks, often made of CORAL, or a raised area of sand near the suface of the ocean: the GREAT BARRIER REEF **reef[2]** (also **reef in**) *v*. [T] technical to tie up part of a

парда (оид ба мусиқии торӣ).	or folding and tying a portion. [3]**reef** *n* **1**: a chain of rocks or ridge of sand at or near the surface of water **2**: LOD [Dutch rif].	sailin order to make it smaller

Илова бар ин, умумияти фарҳангҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар он аст, ки сарвожаҳо дар ин фарҳангҳо бе сархат сар мешаванд. Фарқияташ дар он аст, ки дар фарҳанги тоҷикӣ тафсири вожаҳо бо сархат дода шудаанд ва дар фарҳангҳои англисӣ онҳоро бо нимабзатс овардаанд.

Дар фарҳанги тоҷикӣ омонимҳоро дар як мақола бо маъноҳои гуногун ва дар фарҳангҳои англисӣ онҳоро дар мақолаҳои мустақил бо овардани мисол дар шакли ибора ё ҷумла тафсир кардаанд.

Дар луғати «Oxford Advanced Learner’s Dictionary» (OALD) пас аз сарвожа аломати калиди калон ифода ёфтааст, ки ин маънои сарвожаи асосиро дорад ва дар мақолаҳо бошад аломати калиди хурд оварда шудааст. Калимаҳое бо хати кабуди ғафс бо аломати калиди калон оварда, як қисмати аз 3000 калимаи муҳими луғати «Oxford Advanced Learner’s Dictionary» мебошанд. Калиди хурд нишон медиҳад, ки кадоме аз калимаҳо хеле муҳиманд.

Дар луғати «Longman Advanced American Dictionary» (LAAD) сарвожаҳо бо се дойрачаи сурх ва дар қавсҳои чоркунҷа аломатҳои ҳарфакӣ низ оварда шудаанд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (ФТЗТ) танҳо як ранг сиёҳи ғафс ва беранг ва дар фарҳангҳои англисӣ рангҳои сиёҳ, сурх ва кабуд истифода шудаанд.

Дар луғати «Longman Advanced American Dictionary» пас аз сарвожаҳо ба кадом соҳа тааллуқ доштани он дар қавси чоркунҷа ба тариқи ихтисора, яъне як ҳарфи он оварда шудааст, ки инро дар луғати «Oxford Advanced Learner’s Dictionary» вонахӯрдем.

2.4. Роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ

Фарҳангнигории дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ таърихи худро аз охири қарни гузашта оғоз мекунад. Луғати аввалини англисӣ-тоҷикӣ зери таҳрири Г.Б. Баракаева соли 1970 ба чоп расидааст, ки тахминан се ҳазор калимаи англисиро шарҳ медиҳад, вале омонимҳо дар он оварда нашудаанд.

Соли 2005 «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и (ФАТ) П. Ҷамшедов ва Т. Розӣ ба чоп расид. Ин фарҳанг дар он давра мукаммалтарин ва пурратарин фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ буд, ки ҳудуди 26 ҳазор моддаи луғавӣ ва таркибу иловаҳои маъмули англисиро дарбар гирифтааст. Хусусиятҳои фарқкунандаи ин фарҳанг аввалан дар он аст, ки ба он бори аввал истилоҳот ва вожаҳои компютерӣ ворид шудаанд. Сониян, фарҳанги мазкур дорои замимаҳои фаровонест, ки муҳимтарин воҳидҳои луғавӣ, истилоҳҳоти тахассусӣ, намунаҳои сабки номанигорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ, муошират ва ҳамчунин раҳнамои вожагон ва ибораҳои тоҷикиро дар замима ба фарҳанг пайдо кардан мумкин аст [114, 10].

Пас аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ дар кишварамон «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов фарҳанги калонҳаҷм ва оҷилие буд, ки ба донишҷӯён ва омӯзандагони забони англисӣ хизмати босазо кардааст. Аз ин рӯ омонимҳо дар ин фарҳанг сарфи назар шудаанд. Қабл аз ин аз луғатҳои англисӣ-русӣ истифода бурда мешуд, ки ин ба омӯзандагон барои ба тоҷикӣ тарҷума кардан аз русӣ мушкилӣ меовард.

Мо тасмим гирифтем, ки инъикоси омонимҳоро дар «Фарҳанги англиси-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов ва «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров мавриди таҳлил қарор диҳем.

«Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов бо риояи қоидаҳои сохтани луғатҳои дузабона омода шудааст. Калимаҳои унвонии англисӣ бо тартиби алифбо оварда шудаанд. Ҳар яке аз ин калимаҳои унвонӣ бо аломатҳои грамматикӣ ишора шудаанд. Ҳангоме ки ба сохтори «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов назар кардем, дидем, ки дар

ин фарҳанг калимаҳои сермаъно ҳамчун омонимҳо рақамгузорӣ шудааст, масалан:

bit¹ [bit] *v pt* аз **bite**; **bit²** [bit] *n* пора, порча, луқма, кулча; тангаи майда; *комп* бит; by ~ бит ба бит, бит паси бит; ~ map нақшаи битӣ, тарҳи битӣ; wait a ~! каме сабр кунед! [Ҷамшедов, 63].

Худи ҳамин вожа дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров ба таври зайл оварда шудааст:

bit I [bit] n 1) пора, хурда, зарра: small bits of sugar пораҳои хурди қанд; 2) (**a bit**) андаке, камтар, каме, қадре: I'm a bit tired. Ман андаке монда шудам. 3) тангаи хурд/ майда; 4) *гуфт.* хеле, на кам: You were a bit late! Каме дер наомадӣ! Хеле дер омадӣ! 5) микдори хеле кам, хурд, кучак: a bit role нақши хурд.

bit by bit ба тадриҷ, тадриҷан, зарра-зарра, кам-кам;

for a bit барои муддати кӯтоҳ, каме;

not a bit ҳеҷ, аслан, абадан;

quite a bit миқдори зиёд, хеле.

bit II [bit] *past ва p.p.* аз **bite 2**.: She bit off the thread. Ӯ ресмонро бурид.

bit III [bit] **1**. *n* 1) даҳона, даҳана; 2) лаҷом, лагом; 3) дандонаи калид, забона, лаббаи шамшер ва ғ.; 4) тезӣ;

2. *v* 1) даҳона задан; 2) дандонадор кардан (*калидро*) [ФАТ, 99].

Ин вожа дар ҳар ду луғат қариб, ки бо маъноҳои якхела оварда шудаанд, яъне бо маънои исм ва феъл ва дар фарҳанги П. Ҷамшедов ҳамчун калимаи сермаъно ва дар фарҳанги А. Мамадназаров ҳамчун омоним номгузорӣ шудааст. Ба мо маълум аст, ки маъноҳои калимаҳои омонимӣ бо якдигар ягон алоқае надоранд. Агар ба калимаҳои сермаъно муродиф биёрем, мебинем, ки байни онҳо алоқаи маъноӣ вуҷуд дорад.

Дар мисоли овардаамон *луқма, кулча, газидан, буридан* бо ҳам ягон алоқамандӣ надоранд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки инҳо вожаҳои омонимианд, ки маъноҳои гуногуни онҳо ҳамчун калимаи сермаъно оварда шудааст. Азбаски **bit¹** феъл ва **bit²** исм ҳастанд, яъне ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ

мансубанд, онҳоро метавон дар фарҳанги А. Мамадназаров омонимҳои грамматикӣ номид.

Вожаи **cheap** дар фарҳанги П.Ҷамшедов, ки ҳамчун калимаи сермаъно, яъне полисемия оварда шудааст чунин маъноҳоро ифода мекунад:

cheap[1] [ʧi:p] *adj* арзон, арзоншуда; бад.

cheap[2] [ʧi:p] *adv* арзон, бо нархи арзон [ФАТ, 93].

Ин вожа бо маънои якум сифат ва бо маънои дуюм зарф мебошад. Вожаи мазкур дар фарҳанги А. Мамадназаров ба тарзи зайл омадааст: **cheap** [tji:p] **1**. *a* арзон, камбаҳо, камарзиш. **2**. *adv* арзон, паст. Ин вожа дар фарҳанги А. Мамадназаров низ дар вазифаи сифат ва зарф омада, дар ҳар ду вазифа маъноҳои дигари он оварда шудааст. Дар фарҳанги П. Ҷамшедов ҳамчун калимаи сермаъно бо гузоштани рақами арабӣ дар кунҷи рости болоии калима ва дар фарҳанги А. Мамадназаров бо гузоштани рақами арабии ранги сиёҳи ғафс пас аз калима мушаххас шудааст.

Вожаи **foil** ҳамчун калимаи сермаъно дар фарҳанги П. Ҷамшедов ба тариқи зайл оварда шудааст:

foil[1] [foil] *n* фолга (варақаи бисёр тунуки филизӣ); чизе монанди заврақ, пай, изи ҳайвони ваҳшӣ; шамшер.

foil[2] [foil] *v* бо воситаи акс зинат додан; аз из баровардан; дар кӯчаи сарбаста мондан; ҳуҷумро зада гардондан; барҳам задан; ноком кардан [ФАТ, 217].

Ин ду вожа, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, бо маъноҳои зиёд оварда шудаанд. Маъноҳои онҳо аз якдигар хеле дуранд, яъне бо ҳам ягон алоқамандие надоранд, ягон ҳалқае вуҷуд надорад, ки маъноҳои онҳоро бо ҳам бипайвандад.

Дар фарҳанги А. Мамадназаров вожаи **foil** дар чунин шакл оварда шудааст:

foil I [foil] *n* филизи варақшуда, варақаи нозуки филизӣ, зарҳал.

foil II [foil] *n* 1) бӯи инсон ё ҳайвонро ҳангоми таъқиб наёфтан ё гум кардан, роҳгум задан (дар шикор бо саги тозӣ); 2) рад кардан, баргардондан, шикаст додан; 3) барбод додан, ботил кардан (нақша ва ғ.).

foil III [foil] *n* 1) шамшери махсуси шамшербозӣ (рапира), шамшери кунд; 2) *pl* шамшербозӣ [ФАТ, 338].

Ин вожа бо се маънои худ, ки ба як ҳиссаи нутқ исм тааллуқ дорад, ҳамчун омоним оварда шудааст. Азбаски дар ҳар се маъно шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба як ҳиссаи нутқ мансуб аст ва танҳо дар маъно тафовут доранд, метавон онро омоними лексикӣ номид.

Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов вожаи **fold** ҳамчун калимаи сермаъно ба ин зайл оварда шудааст:

fold[1] [fauld) *n* қат, таҳ, чин.

fold[2] [fəuld] *v* қат кардан, таҳ кардан; ба оғӯш гирифтан; дуқат кардан: to one's hands дастҳоро фишурдан; *маҷ.* бекор гаштан; to up a newspaper газетаро қат кардан; to ~ a person to one's breast ба бағал кашидан; аз ханда рӯдакан шудан; ба худ печидан

fold[3] [fould] *suffix* баробар, -гона, - дафъа, - ҷониба

Дар маънои аввал исм, дуюм феъл ва сеюм суффикс оварда шудааст, ки дар ҳама шаклҳо шакли навишт ва овозии якхела доранд, ки инро аз транскрипсия пай метавон бурд. Маъноҳои онҳо ба якдигар алоқае надоранд, аз ин рӯ, мо метавон онҳоро омоним номид ва аз рӯйи ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доштанашон онҳо ба омонимҳои грамматикӣ мансубанд. Ин омонимҳо бо тафсиру тарҷумаи хеле кӯтоҳ мушаххас шудаанд.

Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров худи вожаи **fold** ба тариқи зайл оварда шудааст:

fold I [fould] 1. *n* 1) оғил (гусфанд\ ҳисори гусфанд, гусфандгоҳ, кура, молхона, бошишгоҳи ҳайвонот; 2) рамаи гусфандон, галла; 2. *v* ба оғил ҳай кардан, дар оғил нигоҳ доштан.

fold II [fould] 1. *n* таҳ, чин, қат, рахт: Tear the paper along the fold. Коғазро аз рӯи қаташ даронед. 2. *v* 1) таҳ кардан/ шудан, таҳ задан, қат кардан: He folded the newspaper. Ӯ рӯзномаро таҳ кард. 2) дар оғӯш гирифтан, дар бар гирифтан: The mother folded her child. Модар кӯдакашро дар оғӯш гирифт; fold one's arms дастҳоро ба сина гузоштан; 3. *suf* -fold (сифатсоз) карата, гона, бор: tenfold даҳкарата, даҳ бор.

Дар ин фарҳанг ба вожаи **fold** як омоним оварда шуда, дар ду маъно исм, яъне омонимҳои лексикӣ мебошанд. Дар сарвожа ду мақола оварда шудааст, яке исм ва дигаре феъл. Дар маънои дуюм, ки *таҳ, чин, қат* тарҷума шудааст, ба тариқи конверсия сохта шудани феъл, *таҳ кардан/ шудан, таҳ задан* низ оварда шудааст.

Дар маънои дуюм ғайр аз исм ва феъл маънои сеюми ин вожа ҳамчун пасванд оварда шудааст, ки ин омоними лексикӣ-грамматикӣ мебошад, яъне дар ҳар ду омонимҳо ду ё се мақолаи луғавӣ онҳоро тафсир кардаанд.

Аз таҳлилу баррасии «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов ва «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров мо ба чунин хулосаҳо омадем:

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо сарфи назар шудаанд;

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров калимаҳои сермаъно аз омонимҳо ба куллӣ фарқ мекунанд;

– як хусусияти фарққунандаи «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров дар он аст, ки калимаҳои сермаъно бо рақами арабӣ ва омонимҳо бо рақами римӣ мушаххас карда шудаанд, ки ин роҳ оммафаҳм аст;

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров ёфтани омонимҳо аз рӯйи гурӯҳбандӣ хеле осон аст;

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров бо гузоштани рақамҳои арабии 1, 2, 3 ва ғ. маънoҳои зиёди онҳо оварда шудаанд;

– дар ин фарҳанг аксари омонимҳо бо зарбулмасалу масалҳо,

идиомаҳо тафсир ёфтаанд;

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А.Мамадназаров омонимҳо дар ду зиёда мақолаҳои луғавӣ ифода ёфтаанд, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов онҳо ба тариқи кӯтоҳ дар як мақола ифода ёфтаанд.

hawk¹ [hɔ:k] *n* пайғу, ғалевоҷ, заған; боз, шоҳин, лочин

hawk² [hɔ:k] *v* бо пайғу (боз) шикор кардан; сулфида гулӯ тоза кардан [ФАТ, 269-270].

Вожа	**ФАТ П.Ҷамшедов.**	**ФАТ А.Мамадназаров.**
bow	**bow¹** ['bou] *n* камон; тиру камон; камонча; банд, ресмон; таъзим; салом **bow²** ['bao] *v* таъзим кардан, салом додан; хамидан	**bow I** [bau] **1**. *n* таъзим: He made a low bow to her. Ӯ таъзим кард. **2.** *v* 1) таъзим кардан, сар фаровардан, сар хам кардан, таслим шудан, ризоят додан. He bowed to the audience. Ӯ ба тарафи тамошобинон таъзим кард. 2) хамидан, хамондан, хам кардан/ шудан. bowing acquaintance шиносоии руякӣ. **bow II** [bou] **1.** *n* 1) камон, тиру камон: Indians used bows and arrows to hunt animals. Ҳиндуҳо ҳангоми шикор аз камон ва найза истифода мебурданд. 2) камонча: a violin bow камончаи ғижак; 3) хамиш, ҳамшудагӣ, ҳар чизи хамшуда, камона, қавс; 4) тоқ, равоқ, пештоқ (сохтмон); to draw a bow of venture чизеро таваккалӣ иҷро кардан. to draw a long bow аз будаш зиёд нишон додан, муҳобот кардан; **2.** *v* 1) хам кардан/ шудан; 2) ғижак навохтан.

		bow III [bau] *n* синаи киштӣ.
fly	**fly¹ (flew, flown)** [flai] *v* паридан, парвоз кардан; ба парвоз даровардан, бо ҳавопаймо буран, бо ҳавопаймо рафтан ё омадан; барафроштан; фирор кардан, ҷангидан; такон хӯрдан, мавҷ задан, ҳаракат кардан **fly²** [flai] *n* магас. пашша. ҳашароти зироат; a ~ in the ointment аз касофати як шум сӯзад шаҳри Рум; to - to arms даст ба аслиҳа бурдан; to - in the face of a person ошкоро бо касе мухолифат кардан; to - into a rage бадқаҳр шудан **fly³** [flaı] *adj* зирак	**fly I** [flai] *n* (*pl* flies) магас: the room was full of flies. Хона пур аз магас буд. A fly in the ointment. Зарб. ~ Аз касофати як шум сузад шахри Рум. **fly II** [flai] *v* (**flew; flown**; *p. p.* **flies**) 1) парвоз кардан, паридан: A plane flew over our house. Тайёра болои хонаи мо парвоз кард. 2) ба парвоз даромадан/ даровардан, бардоштан.
	counter¹ ['kauntə] *prefix* ба муқобили…, зидди, аксул… **counter²** ['kauntə] *n* пешдӯкон; пештахта, раста; *тех.*ҳисобкунак **counter³** ['kauntə] *adj* мӯқобил, баръакс, рӯ ба рӯ, мухолиф; *adv* баръакси… **counter⁴** ['kauntə] *v* муқобил баромадан, зид баромадан	**counter I** ['kauntə] *n* 1) пештахта, миз: to stand behind the counter дар пеши пештахта истодан; 2) ҳисобкунада, муҳосиб, ҳисобгар, оморгар (дастгоҳ, ё шахс); under the counter ғайриқонунӣ, аз таги пештахта. **counter II** ['kaunts] *n* 1) мӯҳра, житон (бозӣ); 2) шашка (бозӣ). **counter III** ['kaunts] **1**. a мукобил, ру ба ру; мухолиф, зиц, гуногун (равиш, раванд ва г.); **2**. adv ба муқобили, бар хилофи, қатъӣ (сарфи) назар аз, баръакс. He acted counter to the wishes of his father. Ӯ бар хилофи хохиши падараш амал кард; **3.** v муқобилият кардан: to counter aggression бар зидди

		таҷовуз муқобилият кардан. **counter-** ['kaunts] *pref* зид, мухолифи, муқобили: counter-revolution зидди инқилоб; counter-poison зидди заҳр.
	flag[1] [flæg] *n* байрақ, алам, ливо, парчам, дирафш; to dip the ~ байрақ фӯровардан;to lower one's ~ таслим шудан; under the ~ of… дар зери парчами …; officer ~ фармондеҳ; ~ ship киштии фармондеҳӣ; *комп.* ~ bit бити парчам, парчамбит **flag**[2] [flæg] *v* парчам афроштан; суст шудан; бо аломат мушаххас кардан; пажмурда шудан (гиёҳ); хаста шудан, заиф шудан, коҳиш ёфтан	**flag I** [flæg] **1**. n байрақ, парчам: Tajikistan's tricolor flag парчами серангаи Тоҷикистон; **black flag** парчами сиёҳи роҳзанони баҳрӣ; **lower one's flag** таслим шудан; **hoist one's flag** *ҳар.* вазифаи фармондеҳиро қабул кардан; **2**. v бо парчам оростан; бо байраку байрақча хабар додан/ ишора кардан. **flag II** [flæg] v 1) овезон шудан, овезон мондан/ истодан, пажмурда шудан, хам/ қат шудан; 2) суст/ заиф/ паст шудан, қудрати худро аз даст додан. **flag III** [flæg] **1.** n санги сангфаршӣ, тахтасанг; **2**. v бо тахтасанг хобондан, сангфарш кардан.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов калимаҳои унвоние, ки шаклҳои омонимӣ доранд, ҳар кадом дар моддаҳои луғавии алоҳида тасриф ва тарҷума шудаанд ва дар як мақола дода шудаанд, ки ин фарқияти байни ин ду фарҳангро нишон медиҳад. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров омонимҳо дар мақолаҳои луғавии алоҳида дар мақолаҳои гуногун дода шудаанд ва ҳар мақола бо сархат қайд шудааст.

Аз ҷадвали оварда мебинем, ки дар фарҳанги П.Ҷамшедов ҳатто омографҳо низ оварда шудаанд, вале чун калимаи сермаъно, ки ин баръакси «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров мебошад:

export[1] ['ekspɔ:t] *n* содирот, молбарорӣ ба хорича

export[2] [ek'spɔ:t] *v* содир кардан, содирот [ФАТ, 195].

Зикр бояд кард, ки ин ду фарҳанг фарҳангҳое мебошанд, ки донишҷӯён, омӯзандагони забони англисӣ аз онҳо истифода мебаранд, вале айни замон «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров фарҳанге мебошад, ки аз он ба тариқи пурра дар бораи омонимҳо, омонимҳои пурра, нопурра, омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ, лексикӣ-грамматикӣ ва инчунин як шакли омонимии нопурра-омограф маълумот гирифтан мумкин аст.

2.5. Роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои тоҷикӣ-англисӣ

Аввалин луғати тоҷикӣ-англисӣ ба қалами Г.Б. Баракаева мансуб мебошад, ки дар соли 1968 дар ду ҷилд зери таҳрири А. Бертелс чоп шудааст. Ин луғат даҳ ҳазор воҳиди луғавии тоҷикиро ба англисӣ шарҳ медиҳад. Мутаассифона, дар луғати мазкур омонимҳо оварда нашудаанд.

Соли 2008 дар Душанбе фарҳанги нисбатан калонҳаҷми тоҷикӣ ба англисии П. Ҷамшедов таҳия ва ду бор нашр гардид. Дар оғози фарҳанг сарсухани муҳаррир А. Мирбобоев доир ба таърихи қадимаи ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ, аз давраҳои қадим то имрӯз, ҷой дода шудааст. Ба фарҳанг феҳристи номҳои ҷуғрофӣ, очерки муфассали грамматикаи забони тоҷикӣ замима гардидааст. Фарҳанг барои мутарҷимоне, ки матнҳои тоҷикиро ба англисӣ тарҷума мекунанд, кӯмаки зиёд хоҳад кард.

Фарҳанги нисбатан комилтари тоҷикӣ-англисии мураттибон Рондал ва Рошел Олсонҳо бо номи «Standard Tajik- English Dictionary» дар нашриёти Ал-Салами ш. Бишкек соли 2001 ба табъ расидааст. Дар фарҳанг калимаҳо бо ишораҳои грамматикӣ, аз ҷумла ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани онҳо мушаххас шудаанд. Хусусияти фарққунандаи

ин фарҳанг аз он иборат аст, ки калимаҳои тоҷикӣ ба хатти арабиасоси тоҷикӣ низ оварда шудаанд ва аксарияти вожаҳою ибораҳо бо мисолу ҷумлаҳо тафсир гардидаанд. Аммо тарҷумаи ҷумлаҳои додашуда ба забони англисӣ оварда нашудаанд. Фарҳанги мазкур асосан дар заминаи «Луғати мухтасари тоҷикӣ-русӣ»-и Я.Н. Калонтаров (1988) сохта шудааст, аз ин лиҳоз, калимаҳои зиёди русиро ба руйхати калимаҳои тоҷикӣ дароварда ба англисӣ тарҷума ва шарҳ додаст [113, 57]. «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷаҳонгир Маматов бо ҳаммуаллифии С.Ҷ. Ҳаррел, Каси Кеҳоу ва Карим Ҳоҷибаев соли 2005 дар нашриёти Dunwoody Press аз чоп баромад. Фарҳанги мазкур барои гӯяндагони забони англисӣ, ки матнҳои тоҷикиро ба англисӣ тарҷума мекунанд, пешбинӣ шудааст ва инчунин метавонад барои тоҷиконе, ки забони англисиро меомӯзанд, муфид бошад. «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов дар маҷмуъ, тақрибан 600, 000 калимаро дар бар мегирад. Дар фарҳанг омонимҳо дар шакли алоҳида дода шуда, бо адад дар шакли зайл ифода ёфтааст:

а[1] the first letter of the Tajik alphabet

а[2] *prep. colloq.*reduced form of аз: рӯз а рӯз one day

а[3] *conj. colloq. Russ.*but: Ман ба шумо гуфтам, аммо шумо гӯш накардед. I told you, but you didn't listen [Маматов, 3].

Дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов сарвожа бо ҳарфи хурди сиёҳ оварда шуда, ҳар як омоним бо рақамҳои арабии касрии одӣ баъд аз сарвожа, дар қисмати болоӣ мушаххас карда шудааст. Омоними сарвожа низ дар ҳамин шакл, рақами навбатии дигар аз сархат сар мешавад. Дар ин фарҳанг сарвожаҳо бе сархат оварда шуда, тарҷумаи онҳо бо абзатс истифода шудааст. Баъдан ҳиссаи нутқ дар шакли кӯтоҳ бо нуқта ва ҳар маънои дигари вожа бо гузоштани рақами арабӣ дар даруни доирача ифода ёфтааст, масалан:

санг[1] *n.* 1) rock, stone: санги вазнин a heavy *rock* * санги қиматбаҳо *gemstones* 2) weight (e.g., a dumbbell) **санги мазор** *n.* tombstone, gravestone

санги осиёб *n.* millstone

санги хоро *n.* granite

санги чақмоқ *n*. flint

санг партофтан *vb*. to throw a rock санг бар шиша задан (to hit a window with a rock) to act against someone Ҳар ҷо ки санг аст ба пои ланг аст. (Wherever a rock is, a disabled person will find it.) Everything bad happens to the poor. Санги вазнинро об намебарад. (Water cannot move a heavy rock.) A strong man cannot be shaken.

санг[2] *n. obs.* 1) sang (a unit of weight used in various areas of the Bukhara Khanate; it varied between 5 and 8 kilograms) 2) sang (a unit of length roughly equivalent to 8 kilometers) 3) sang (a unit of measure for water equal to the quantity of water needed to set a mill with one millstone in motion) [Маматов, 479].

Сарвожа ба исм тааллуқ дошта, бо он ибораҳои исмӣ ва феълӣ ҳамчун мисол оварда шудааст ва барои мушаххас кардани онҳо, инчунин, зарбулмасалҳо бо тарҷумаашон ифода ёфтаанд. Омоними сарвожа низ ба исм мансуб аст. Аз ин рӯ, инҳо омонимҳои лексикианд.

газак[1] *n.* hors d'oeuvre, appetizer

газак гирифтан *vb.* to have a snack, to have a bit, to eat

газак[2] *n. med*. Inflammation: Чанд ҷои баданаш газак гирифта буд. A few places on his body were inflamed.

газак гирифтан *vb. med.* to become inflamed [Маматов, 140].

Вожаи **газак** дар ду ҳолат ба вазифаи исм омадааст ва дар ҳар ду ҳолат феъли онҳо оварда шудааст, ки бо роҳи конверсия сохта шудаанд, ки ба вожаи **газак,** инчунин, **гирифтан** илова шуда, **газак гирифтан** шудааст, ки ин гуна омонимсозӣ дар забони англисӣ вуҷуд надорад. Сарвожа **газак**[1] бо **газак**[2] омоними лексикианд ва бо маъноҳои дуюми худ омоними грамматикӣ мебошанд.

қалин[1] *n.obs*. qalin (money paid to a bride's parents by the groom)

қалин гирифтан *vb.* to receive qalin

қалин додан *vb.* to pay qalin

қалин[2] (1) *adj.* close, intimate (2) *n*. person of the same age, peer, contemporary [Маматов, 2005, 293].

Вожаи **қалин** дар вазифаи ду ҳиссаи нутқ: исм ва сифат бо ҳам омоним шудаанд. Дар маънои аввал феъл ва дар маънои дуюм исми онҳо оварда шудаанд ва дар шакли хеле мушаххас ё кӯтоҳ.

Таҳлилҳо собит месозаданд, ки дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов омонимҳо дар як мақола дода шудаанд.

Калимаҳои унвонии тоҷикӣ дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П.Ҷамшедов бо тартиби алифбои муосири тоҷикӣ бо ҳарфҳои калони нимғафс (bold) оварда шудааст.

Ҳар сарвожа бо тамоми маводи мансуб ба он як моддаи луғавиро ташкил медиҳад. Сарвожаҳое, ки шаклҳои омонимӣ доранд, бо рақамҳои римӣ ишора шуда, ҳар кадом дар моддаҳои луғавии алоҳида тасриф ва тарҷума мешаванд ва бе абзатс оварда шудаанд:

АККОС I (*n.*) photographer.

АККОС II /see/ аккас [ФТА, 21].

Пас аз сарвожа, ишораи ҳиссаи нутқ, ки калима ба он тааллуқ дорад дар шакли ихтисораи курсивӣ дар даруни қавси дутарафа бо нуқта оварда мешавад.

Тарҷумаи англисии сарвожа, аввал маънои аслӣ ва сипас маънoҳои дигар дода шудаанд.

КОС I (*n.*) anat. pelvis; устухони ~hip joint, articulation of hip, articulatio

КОС II (*n.*) class. 1. drum; 2. /see/ коса 1

КОС III (*n.*) class., *zool.* wild boar [ФТА, 23].

Аломати тилда (~) пеш аз бандаки изофӣ, пайвандакҳо ё ҳангоми ҷузъи калимаи дигар будани калимаи унвонӣ будани фосила (~ и, ~у, ~ю.) омада, дар сурати ҳамчун калимаи мустақил истеъмол гардидани калимаҳои унвонӣ ин аломат аз калимаҳои дигар бо фосила ҷудо мешавад.

КУНГУР I (*n.*) *bot*. artichoke

КУНГУР II (*n.*) class. 1. beggarly; destute; indigent; beggary; poverty-stricken

(about country and etc.); beggar, cadgar; 2. *zool*. eagle owl, eagle-owl; 3. (adj.) impudent, insolent, impertinent; saucy [ФТА, 22].

МЕҲР I (*n.*) affection, love, liking, sympathy, benevolence, favour, goodwill
МЕҲР II (*n.*) class. sun; ~и анвар bright sun
МЕҲР III (*n.*) 1. Mehr (7th month of the year on olar calendar, corresponds to September 23); 2. Mehr (the name of the 16th of each month).

Хусусиятҳои фарқкунандаи «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П. Ҷамшедов ва «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов дар он аст:

1. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П.Ҷамшедов сарвожаҳо бо ҳарфи калони сиёҳ ва дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов бо ҳарфи хурди сиёҳ оварда шудаанд.
2. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо бо рақамҳои римии сиёҳ ва дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов бо рақами арабӣ дар кунҷи рости болои калима ифода ёфтаанд.
3. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо бо рақамҳои римии сиёҳ ва пас аз он дар қавсйн ҳиссаи нутқи он оварда шудааст, вале дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов пас аз рақами арабӣ ҳиссаи нутқи он бо нуқта мушаххас карда шудааст.
4. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П.Ҷамшедов маъноҳои дигари ҳар як омоним бо рақамҳои 1. 2. ва ғайраҳо бо нуқта ва дар Фарҳанги тоҷикӣ-англисии Ҷ. Маматов ҳамин гуна рақамҳо бо қавс оварда шудааст.

СОН I (*n.*) way, means; **чӣ** ~? How? **ин** ~ in this way
СОН II (*n.*) hip, thigh
СОН III (*n.*) number, quantity [Ҷамшедов, 245].
нонхӯрак¹ *n.* mid-afternoon snack (in school)
нонхӯрак² *n.* cockroach [Маматов, 212].

Умумияти ин ду фарҳанг дар он аст, ки сарвожаҳо бе сархат оварда шуда тарҷума ва истифодаи онҳо бо иборою ҷумлаҳо дар хати нав бо сархат оварда шудаанд. Дар ҳар ду фарҳанги муқоисашаванда омонимҳо дар мақолаи луғавии алоҳида дода шудаанд.

Вожа	**Фарҳанги тоҷикӣ-англисии П.Ҷамшедов**	**Фарҳанги тоҷикӣ-англисии Ҷ. Маматов**

БОБ	**БОБ I** (*n.)* part, chapter: ~ **и якум** first chapter **БОБ II** (*adj.)* convenient, suitable	**боб¹** *n* gate(s): боби саодат the gates of happiness 2) door 3) chapter: боби чоруми роман the fourth chapter of the novel // боби наве a new chapter section of a book. part of a book **боб²** *adj*. 1) suitable, proper, appropriate 2) convenient; боби дандон convenient for chewing 3) worthy: кори боб **боб³** *n. colloq*. dad, daddy, papa
БОЗДОРӢ	**БОЗДОРӢ I** (*n*.) 1. breeding falcon; 2. taming falcon **БОЗДОРӢ II** (*n*) prohibition; **БОЗДОРӢ III** (*n*.) *physiol., techn*. braking; **марказҳои** ~ centres of braking	**боздорӣ¹** *n*. (act of) training a falcon for hunting **боздорӣ²** *n*. (act of) restraining, (act of) holding back: боздории нафас holding one's breath 2) delay, (act of) delaying 3) act of stopping
БОЛОӢ	**БОЛОӢ I** (*adj.)* top, upper; higher high; **мақомоти** ~ supreme organ **БОЛОӢ II** (*n.)* pawn, hock, gage	**болоӣ¹** *adj*. 1) upper: қисмати болои чарм аст. The upper part is made of leather. 2) higher: ташкилотҳои болоӣ higher organizations 3) highest: органҳои болоии партия the highest organs of the party // судяҳои звенои болоӣ judges at the highest level **болоӣ²** *n*. bet, wager
БОР	**БОР I** (*n.)* time; **ду** ~ two times, twice; ~**и аввал** first time, for the first time; **чанд** ~ repeatedly, several times **БОР II** (*n.)* load, cargo, burden, pack, luggage; ~ **и вазнин** burden; ~ **кардан** to load (with), burden (with)	**бор¹** *Pres, stem of v*. боридан **бор²** *n*. 1) load, freight, cargo: бори вазнин heavy load 2) baggage, luggage: бори дастӣ hand luggage
БОД	**БОД I** (n.) wind **~ у ҳаво ~ weather;** ~ додан to wave fan; ~ кардан to wind ~ кашидан to cool off, to chill; бар ~ dissipate, spend,waste, destroy, ruin, wreck; **бар ~ рафтан; бар ~ шудан** to be wasted, to turn out, to vain, to perish, to be killed, to destroy **БОД II** may it be so! **зинда** ~ Long Live!	**бод¹** *part.* (1) used to express a wish or hope: Идатон муборак бод! Happy holiday! // Муборак бод! Congratulations! (2) long live …!: Зинда бод Тоҷикистон! Long live Tajikistan! (3) (with negative) down with …!: Нест бод ҷанг! Down with war! *Also spelled* **бод²** *n*. (1)wind: боди

		афғонӣthe Afgan *wind (a southern* mountain wind blowing from the direction of Afganistan and bringing dust and sand) (2) *fig*. breath, hint: боди баҳор a *breath* of spring (3) (act of) blowing (i.e., the wind) (4) *fig*. pretentiousness, (act of) swaggering, boastfulness: Ин гапҳо ҳамааш бод аст. All this talk is *swagger*. (5) *med*. swelling (6) *med*. tumor (7) *med*. lupus
ШӮРА	**ШӮРА I** *(n)* goose-foot **ШӮРА II** *(n)* scabs; ~ **бастан** to scab	**шӯра**[1] *n*. (1) a crust which forms on saline soil (2) a scab which forms on a sore (3) saltpeter **шӯра**[2] *bot*. goosefoot
ЧАККА	**ЧАККА I** *(n)* 1. side, edge 2. temple **ЧАККА II** *(n)* drop **ЧАККА III** *(n)* strained sour milk	**чакка**[1] *n. anat.* temple (of the head) **чакка**[2] *n. colloq.* side, edge **чакка**[3] *n. chakka* (thick, drained sour milk or buttermilk from which th whey has run out)

Хулосаи боби дуюм

Дар боби мазкур мо инъикоси омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикиро дар фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии П. Ҷамшедов ва А. Мамадназаров мавриди омӯзиш қарор дода, собит сохтем, ки:

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов омонимҳо инъикос нашудаанд, вале калимаҳои сермаъно ба мисли омонимҳо бо рақами касрӣ ифода ёфтаанд;

– дар ин фарҳанг танҳо ба як ҷуфти омонимӣ дучор шудем, ки ба як ҳиссаи нутқ мансуб аст, яъне омонимҳои лексикӣ оварда нашудаанд. Ҳар калимае, ки оварда шудааст, ба вазифаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд;

– омонимҳои грамматикӣ, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта,

ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанду маъноҳои гуногун доранд, на ҳамчун омоними грамматикӣ мебошанд, балки чун калимаҳои сермаъно оварда шудаанд;

Хусусиятҳои фарққунандаи ин ду фарҳанг чунин аст:

– дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А.Мамадназаров омонимҳои лексикӣ ба тариқи мушаххас оварда шудаанд, ки инро дар муқоиса бо фарҳанги П.Ҷамшедов дар ҷадвал собит сохтем;

Зимни таҳлили омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ собит гардид, ки байни онҳо ҳам умумият ва ҳам фарқият дида мешавад:

– дар ҳар ду забон омонимҳои лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба як ҳиссаи нутқ мансубанд, вале хусусияти фарққунанда дар он аст, ки вожаҳо айнан дар навишт ва талаффуз монанд бошанд ҳам, вале дар забони тоҷикӣ метавонад яке пасванди -ӣ қабул кунад, ки дар забони англисӣ ин вуҷуд надорад;

– дар забони англисӣ ҳар гунае, ки дар луғатҳо омонимҳои пурра ё лексикӣ, грамматикӣ дода шудаанд, дар ҷумлаҳо низ бе тағйири шакл меоянд, яъне ҷуфтҳои омонимӣ дар шакли навишту овозӣ ҳамранг буда, танҳо дар маъноҳо гуногунанд;

– азбаски иборасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҳам фарқ мекунанд, аз ин лиҳоз, ҳангоме, ки дар забони тоҷикӣ омоним дар ибора ояд, шакли худро гум мекунад, дар забони англисӣ он бетағйир мемонад;

Дар ин боб мо тасвири омонимияро дар осори луғатнигорӣ дар забонҳои гуногунсохт, роҳу усулҳои инъикоси омонимияро дар луғатҳои тафсирӣ, дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ ва роҳу усулҳои инъикоси омонимия дар луғатҳои тоҷикӣ-англисӣ мавриди таҳлил қарор додем. Фарҳангҳои тафсирии А.С. Ҳорнби, фарҳанги тафсирии тоҷикӣ, луғатҳои гуногунсохти англисӣ-тоҷикии П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров ва луғатҳои тоҷикӣ-англисии П. Ҷамшедов ва Ҷ. Маматов истифода бурда, пас аз таҳлили мушаххас ба хулосаи зерин омадем:

1. Омонимия дар луғатҳо ва фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ бо ҳарфҳои сиёҳи ғафси калон ифода ёфтаанд.

2. Дар луғату фарҳангҳои тафсирии англисӣ омонимҳо ба ҳарфҳои хурд, лекин сурх ё кабуди ғафс, сарвожаҳо бо ранги кабуд ва омонимҳои онҳо бо ранги сурх ифода ёфтаанд.

3. Дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ омонимҳо дар якчанд мақолаҳои луғавии мустақил, дар фарҳанги тафсирии тоҷикӣ танҳо дар як мақолаи луғавӣ дода шудаанд, яъне дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ омонимҳо ба таври муфассал тафсири худро нисбати фарҳанги тоҷикӣ ёфтаанд.

4. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов омонимҳо Сарфи назар шудаанд. Дар он калимаҳои сермаъно ҳамчун омоним рақамгузорӣ шудаанд ва бо калимаҳои сермаъно, яъне полисемия омехтаанд.

5. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров инъикоси омонимҳо аз «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов бо он хусусияташ фарқ мекунанд, ки дар он омонимҳо оварда шудаанд ва сарвожаҳо бо ҳарфи муқарарии хурд, вале сиёҳ мушаххас шудаанд.

6. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров омонимҳо дар мақолаҳои мустақил бо овардани мисолҳо бо ибора, ҷумла, зарбулмасалу масалҳо ва идиома ва синонимҳо дар ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П. Ҷамшедов дар як мақолаи луғавӣ дода шудаанд.

7. Умумияти фарҳангҳои тоҷикӣ-англисии П. Ҷамшедов ва Ҷ. Маматов дар он аст, ки омонимҳо дар як мақолаи луғавии алоҳида дода шудаанд.

8. Дар фарҳангҳои тоҷикӣ-англисии П. Ҷамшедов ва Ҷ. Маматов аз якдигар ба он хусусият фарқ мекунанд, ки дар луғати П. Ҷамшедов омониму дигар вожаҳо бо ҳарфҳои калон, лекин дар луғати Ҷ. Маматов бо ҳарфи хурд оварда шудаанд. Монандӣ дар он аст, ки дар ҳар ду луғат онҳо бо ҳарфи сиёҳи ғафс оварда шудаанд.

9. Омонимҳо дар луғатҳои тафсирии забони тоҷикӣ бо рақами римӣ ва дар луғатҳои тафсирии забони англисӣ, аз ҷумла, А.С. Ҳорнби «A Learner’s Dictionary of Current English» дар тарафи чапи болои вожа рақами

арабӣ, дар луғатҳои «Oxford Advanced Learner's Dictionary» ва «Longman American Advanced Dictionary» дар тарафи рости болои вожа рақами арабӣ оварда шудаанд.

10. Дар фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ пас аз ҳар як вожаи омонимӣ ҳиссаи нутқе, ки сарвожа ба он тааллуқ дорад, оварда нашудааст, дар ҳоле ки дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ дар шакли кӯтоҳ ҳиссаи нутқи вожаҳо оварда шуданд, ки ин хусусияти фарқкунандаи онҳо аст.

ХУЛОСА

Дар рафти пажуҳиши нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Омонимҳо қисмати зиёди таркиби луғавии ҳама забонҳоро ташкил медиҳанд, нақш ва мавқеи онҳо гуногун мебошанд. Омонимия инсонро ба фикр кардан водор месозад ва он нутқро рангоранг менамояд. Нақши омонимия дар ҳаҷв дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ назаррас аст [5-М].

2. Омонимҳо дар натиҷаи рушди тағйироти овозӣ, яъне ҳангоми тасодуфан ҳамовоз шудани ду ё се калимаи аслан гуногун, аз сермаъношавии калимаҳо, тағйироти фонетикӣ, калимаҳои иқтибосӣ, калимасозӣ (конверсия, ихтисора, монандшавии овоз), тағйироти семантикӣ, ҷараёнҳои гуногуни калимасозӣ, содакунии ҳарфҳои якҷояи (**wr-**) ба (**r**) пайдо шудаанд [5-М], [7-М].

3. Дар забони англисӣ ва тоҷикӣ омонимияро аз сермаъноӣ ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст. Байни калимаҳои омонимӣ алоқае вуҷуд надорад, вале дар полисемия маъноҳои калима муродифанд ё ин ки маъноҳо бо ҳам алоқаманданд. Зимни омонимия сирре ниҳон аст, ки кушодани он гуё як ҷаҳони навро кашф кардан аст ва омонимия аз полисемия дида ҷолибтар аст, агар кас пардаро аз рӯйи он кушода тавонад [7-М].

4. Пажуҳиши мазкур ошкор сохт, ки пайдоиши омонимҳои байнизабонии англисӣ ва тоҷикӣ тасодуфӣ мебошанд. Калимаҳои забони англисӣ дар натиҷаи иқтибосот ва калимасозӣ шакли худро

тағйир додаанд ва ин дар аксар ҳолатҳо ба як хел талаффуз шудани «омонимҳои байнизабонӣ» оварда мерасонад. Калимаҳои байналмилалӣ, ки ба забон тавассути транслитератсия ворид мешаванд, дар талаффуз мувофиқ меоянд [11-М], [12-М], [13-М].

5. Пажуҳиши лингвистии омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва инъикоси онҳо дар фарҳангҳои англисӣ-тоҷикӣ собит сохт, ки байни онҳо ҳам умумият ва ҳам фарқият дида мешавад. Дар ҳар ду забон омонимҳои лексикӣ калимаҳое мебошанд, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта ба як ҳиссаи нутқ мансубанд, вале хусусияти фарққунанда дар он аст, ки вожаҳо айнан дар навишт ва талаффуз монанд бошанд ҳам, вале дар забони тоҷикӣ метавонад, яке пасванди «–ӣ» қабул кунад, ки дар забони англисӣ ин вуҷуд надорад. Мо омонимҳоро инчунин аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо кардем: сода ва таркибӣ [1-М], [8-М].

6. Таҳлилу омӯзишҳои инъикоси омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикии фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии П. Ҷамшедов ва А. Мамадназаров собит сохт, ки дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо сарфи назар шудаанд, вале калимаҳои сермаъно ба мисли омонимҳо бо рақами касрӣ ифода ёфтаанд, омонимҳо ҳамчун калимаҳои сермаъно оварда шудаанд. Дар ин фарҳанг омонимҳои лексикӣ оварда нашудаанд [6-М], [8-М].

7. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов, ки омонимҳои грамматикӣ дар он мавриди пажуҳиш қарор гирифт, собит сохт, ки ҳар калимае, ки оварда шудааст, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, яъне омонимҳои грамматикӣ, ки шакли навишт ва овозии якхела дошта, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанду маъноҳои гуногун доранд, на ҳамчун омонимии грамматикӣ оварда шудааст, балки чун калимаҳои сермаъно муаррифӣ шудаанд [4-М].

8. Пажуҳиши омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ дар фарҳанги П. Ҷамшедов собит сохт, ки танҳо ду маънои калимаҳо оварда шудаанд, ки ба усули конверсия сохта шудаанд, яъне исм ва феъл, ки ба омонимҳои

лексики-грамматикӣ мансубанд. Ин гуна омонимҳо ҳам хусусияти омонимҳои лексикӣ ва ҳам грамматикиро доранд [8-М].

9. Дар забони англисӣ ҳар гунае, ки дар луғатҳо омонимҳои нопурра, лексикӣ, грамматикӣ дода шудаанд, дар ҷумлаҳо низ бе тағйири шакл меоянд, яъне ҷуфтҳои омонимӣ дар шакли навишту овозӣ ҳамранг буда, танҳо дар маъноҳо гуногунанд. Азбаски иборасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҳам фарқ мекунанд, аз ин лиҳоз, ҳангоме ки дар забони тоҷикӣ омоним ибора месозад, шакли худро гум мекунад, дар забони англисӣ он бетағйир мемонад [9-М].

10. Пажуҳиши омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва грамматикӣ-лексикӣ дар ду фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ собит сохт, ки байни онҳо тафовути зиёд вуҷуд дорад. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров омонимҳои лексикӣ ба тариқи мушаххас оварда шудаанд, ки инро дар муқоиса бо фарҳанги П. Ҷамшедов дар ҷадвал собит сохтем. Омонимҳои грамматикиро бо инъикос кардани рақами римӣ ва дар шакли кӯтоҳ овардани ҳиссаи нутқи он калима мушаххас кардааст, ки шинохтани ҳар намуд омоним аз онҳо хеле осон аст. Бо аксар омонимҳои грамматикӣ, ки ба се ё зиёда ҳиссаи нутқ мансуб мебошанд, омонимҳо оварда шудаанд. Ба ҳар як омоним маъноҳои зиёди он бо овардани мисолҳо дар ибораву ҷумлаҳо мушаххас карда шудааст. Омонимҳо аввал бо ҳиссаҳои нутқ, баъдан дар ҳар як ҳиссаи нутқ маъноҳои дигари он бо гузоштани рақамҳои арабӣ ва қавс пурра карда шудааст [10-М].

11. Пас аз омӯзишу таҳлили омонимҳои нопурра, омофонҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ собит сохтем, ки хусусияти фарққунандаи омофонҳои англисӣ аз тоҷикӣ дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ нестанд чунин омонимҳое, ки гуногун навишта шуда, як хел талаффуз шаванд. (**steal** [sti:l] **- still** [stil] **- steel** [sti:l]) Омофонҳо дар забони тоҷикӣ дар ибора шакли худро дигар мекунанд, ки ин ба забони англисӣ хос нест. Дар забони тоҷикӣ дар омографҳо танҳо ҷойи зада иваз мешавад (`омад - ом`ад), дар забони англисӣ ғайр аз иваз шудани ҷойи зада метавонад дар калимаҳо яке аз овозҳо тағйир ёбанд. (**descant** [ˈdeskænt] **- descant II**

[dis′kænt]) Дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ омографу омоформаҳо ҳамчун омоним инъикос ёфтаанд, вале омофонҳо, ки аз ҷиҳати имло гуногун мебошанд инъикоси худро наёфтаанд [9-М].

12. Инъикоси омонимияро дар фарҳангҳои тафсирии англисии А.С. Ҳорнби ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, ба хулоса омадем, ки ин ду фарҳанг аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд. Омонимия дар луғатҳо ва фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ бо ҳарфҳои сиёҳи ғафси калон ва дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ бо ҳарфҳои хурд, лекин сурх ё кабуди ғафс, сарвожаҳо бо ранги кабуд ва омонимҳои онҳо бо ранги сурх ифода ёфтаанд. Омонимҳо дар луғатҳои тафсирии забони тоҷикӣ бо рақами римӣ ва дар луғатҳои тафсирии забони англисӣ, аз ҷумла А.С. Ҳорнби «A Learner’s Dictionary of Current English» дар тарафи чапи болои вожа рақами арабӣ, дар «Oxford Advanced Learner’s» ва «Longman Advanced American Dictionary» дар тарафи рости болои вожа рақами арабӣ оварда шудаанд. Дар фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ пас аз ҳар як вожаи омонимӣ ҳиссаи нутқе, ки сарвожа ба он тааллуқ дорад, оварда нашудааст, дар ҳоле, ки дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ дар шакли кӯтоҳ мансубияти ҳиссаинутқии вожаҳо оварда шуданд, ки ин хусусияти фарққунандаи онҳо аст [4-М].

13. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо инъикос наёфтаанд. Дар он калимаҳои сермаъно ҳамчун омоним рақамгузорӣ шудаанд ва бо калимаҳои сермаъно, яъне полисемия омехта нишон дода шудаанд. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров инъикоси омонимҳо аз «Фарҳанги англисӣ ба тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов бо он хусусияташ фарқ мекунанд, ки дар он омонимҳо оварда шудаанд ва сарвожаҳо бо ҳарфи муқаррарии хурд, вале сиёҳ мушаххас шудаанд. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и П.Ҷамшедов омонимҳо дар як мақолаи луғавӣ бо тарҷумаи мушаххас ва ибораҳои кӯтоҳ ва дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров дар мақолаҳои мустақил бо овардани мисол дар ибора, ҷумла, идиома,

зарбулмасал ва якчанд маъноҳои онҳо ҳамчун синоним дода шудаанд [4-М].

14. Луғатҳои тоҷикӣ-англисии П.Ҷамшедов ва Ҷ. Маматов аз якдигар ба он хусусият фарқ мекунанд, ки дар луғати П.Ҷамшедов омониму дигар вожаҳо бо ҳарфҳои калон, лекин дар луғати Ҷ. Маматов бо ҳарфи хурд дода шудаанд. Монандӣ дар он аст, ки дар ҳар ду луғат онҳо бо ҳарфи сиёҳи ғафс инъикос ёфтаанд. Дар ҳар ду фарҳанг омонимҳо дар як моддаи луғавӣ дода шудаанд. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и П. Ҷамшедов омонимҳо бо тарҷума ва истифодаи онҳо бо ибораҳо ва дар «Фарҳанги тоҷикӣ-англисӣ»-и Ҷ. Маматов маънои онҳо бо истифода дар ибора ва ҷумлаҳо оварда шудааст [4-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқу баррасиҳои анҷомшуда метавон натиҷагирӣ кард, ки то кунун дар забоншиносии тоҷик атрофи инъикоси омонимҳо дар фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ, омонимҳои ноупурра, аз ҷумла омофонҳо, омографҳо, омоформаҳо, омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ, лексикӣ-грамматикӣ ва муқоисаи ин падидаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тавассути фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ сурат нагирифта буд. Дар забоншиносии тоҷик диссертатсияи мо нахустин кори мукаммале дар атрофи ин мавзуъ мебошад.

Дар баробари ин, дастовардҳои илмӣ, хулоса, дурнамои мавзуъ ва истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро ба тариқи зайл матраҳ намудан мумкин аст:

- Кори илмии мазкур таҳқиқи алоҳидаи омонимҳо, нақш ва мавқеи онҳо, инчунин инъикоси онҳоро дар фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ ва тоҷикӣ дар бар гирифта, дар типологияи муқоисавӣ ҷойи муҳимро мегирад.

- Диссертатсия дар таҳқиқу пажуҳиши забоншиносии англисию тоҷикӣ васоити хубе буда метавонад.

- Диссертатсия ба муҳаққиқони англисшинос дар омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои дигари ин падида мусоидат карда метавонад.

- Диссертатсия ҳамчун маводи лексия аз типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хизмат хоҳад кард.

- Маводи дар диссертатсия гирдовардашуда барои омӯзиш ва таълими як падидаи забоншиносӣ, курс ва семинарҳои тахассусии ихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меовардад.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

I.АДАБИЁТИ ИЛМӢ

А) Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

1. Абаев В.И. Выступление на дискуссии по вопросам омонимии / В. И. Абаев. Лингвистический сборник. - М., 1960. - Вып. 4. – С. 71-76.

2. Абаев В.И. О парах омонимов в словарях // В.И. Абаев. Вопросы языкознания. 1957(б). № 3. – С. 31- 43.

3. Абаев В.И. О подаче омонимов в словаре // В.И. Абаев. ВЯ, 1957(а). №3. – 50 с.

4. Абдуқодиров А. Услубиёти забони тоҷикӣ / А.Абдуқодиров, А. Давронов. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – 228 с.

5. Абдулазизова З. «Ложные друзья переводчика» в русском и таджикском языке // Известия Академии наук Республики Таджикистан. 2008. № 4. –С. 61–74.

6. Акуленко В. В. О «ложных друзьях переводчика» [Электронный ресурс]. Режим доступа: http:// linguistic.ru/ index.php&id =79&op =content (дата обращения: 11.01.2014).

7. Акуленко В.В. «О Ложных друзьях переводчика». М.: Совет, 2007. – 170с.

8. Алимов В.В. Теория перевода. Перевод в сфере профессиональной коммуникации // В.В. Алимов.- М.: Ком Книга, 2006. – 158с.

9. Алламуродова М. Омонимҳо // М. Алламуродова. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. -1992. – С.45-54.

10. Амиреджиби Т.С. «Ложные друзья переводчика». – Тбилиси: Изд-во Грузинского политех. ин-та, – 1966. – 44 с.

11. Античные теории языка и стиля: антол. текстов // Кренов, 1996. – 362 с. [АТЯС].

12. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка // Г.Б. Антрушина. – М.: Высшая школа, 2004.– С.134-135.

13. Апресян Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка / Ю.Д. Апресян. – М.: Наука, 1995. – 472 с.

14. Апресян Ю.Д. О регулярной многозначности. В кн.: Известия Академии СССР. Отделение литературы и языка // Ю.Д. Апресян. – М.,1971. Т.30, вып.6, – С. 509-523.

15. Аракин В.Д. Омонимы в английском языке / ИЯШ. 1958. – №4. – 45 с.

16. Арбекова Т.И. Лексикология английского языка / Т.И. Арбекова. – М.: Высшая школа, 1977. – 240 с.

17. Арзуманов С.Дж. Забони тоҷикӣ: учеб. для студ. вузов // С. Дж. Арзуманов, А. Сангинов. – Душанбе, 1988. – 141 с.

18. Аристотель. Сочинения в 4-х т. /Аристотель. – М.: Мысль, 1983. – Т. 2. – 830 с.

19. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд – М.: Изд-во «Наука», 2012. – 376 с.

20. Арсенева М.Т. Многозначность и омонимия / М.Т. Арсенева, Т.В.Строева, А.А.Хазанович. – Л.: Изд. ЛГУ, 1966. – 129 с.

21. Ахманова. О.С. Очерки по общей и русской лексикологии / О.С. Ахманова. – М.: Либроком, 2009. – 296 с.

22. Ахмедова М.Н. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ. Рисолаи номзадӣ: 10.02.22 – Душанбе, 2010. – 163 с.

23. Аҳмадова М.Н. Масъалаи корбурди омонимҳо дар «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ / М.Н. Аҳмадова. Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2009. – № 4. – С. 77- 89.

24. Байзоев А.М. Язык и перевод / А.М. Байзоев. – М., 1975. – 275 с.

25. Балли Ш. Общая лингвистика и вопросы французского языка / Ш. Балли. – М.: Эдиториал УРСС, 2001. – 416 с.

26. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка // Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. – М. Высшая школа 1973. – 424 с.

27. Блинов А.В. Введение в языкознание // А.В. Блинов, И.И. Богатырева, В.П. Мурат, Г.И. Рапова. – М.: Аспект Пресс, 2000. – 342 с.

28. Борисова Л. И. «Ложные друзья» переводчика с английского языка. – М.: ВЦП, 1982. – 184 с.

29. Борисова Л. И. Ложные друзья переводчика. Общенаучная лексика. Английский язык. М.: НВИ-Тезаурус, 2002. – 211 с.

30. Борисова Л.И. «Ложные друзья» переводчика научно-технической литературы: метод. пособие. – М.: ВЦП, 1991.–71 с.

31. Будагов Р.А. Введение в науку о языке Текст / Р.А. Будагов. – М.: Добросвет, 2003. – 544 с.

32. Будагов Р. А. «Ложные друзья переводчика» // Человек и его язык. М., 1976. – С. 267-274.

33. Будагов Р. А. Несколько замечаний о «ложных друзьях переводчика» // Мастерство перевода. – М., 1971. – С. 362-368.

34. Будагов Р.А. Закон многозначности слова / Русская речь № 3. – М.: Наука, 1972. – С. 132 - 140.

35. Булаховский JI.А. Введение в языкознание / JI.А. Булаховский. – М.: Политиздат, 2005. – Т. 2. – 255 с.

36. Булаховский Л. А. Из жизни омонимов / JI.А. Булаховский // Русская речь. – М., 1978. - Вып. 3. – С. 47-60.

37. Булаховский Л.А. Введение в языкознание. Т. II. / Л.А. Булаховский. – М.,1953. – 305 с.

38. Ваҳҳобов Т. Муқаддимаи лексикологияи забони тоҷикии адабӣ // Т. Ваҳобов, Д. Бобоҷонова. – Хуҷанд: “Нашр”, 2010. – 76 с.

39. Вендина Т.И. «Введение в языкознание» // Т.И. Вендина – Москва: Высшая школа, 2010. – 288 с.

40. Виноградов В.В. Об омонимии и смежных явлениях / В.В. Виноградов. Вопросы языкознания. – 1960. – № 5. – С. 3-17.

41. Виноградов В. В. Избранные труды. Лексикология и лексикография // В.В. Виноградов. – М.; Наука, 1977. –Том 3. – 310 с.

42. Виноградов В.В. О грамматической омонимии в современном русском языке / В кн. Исследования по русской грамматике (Избранные труды). // В.В. Виноградов. – М.: Наука, 1975. – С. 13-32.

43. Виноградов, В.В. Проблемы морфематической структуры слова и явления омонимии в славянских языках Текст / В.В. Виноградов // Славянское языкознание. – М., 1968. – С. 70-71.
44. Гинзбург Е.Л. Лексикология английского языка // Р.З. Гинзбург, С.С. Хидекель, Г.Ю. Князева и А.А. Санкин. - 2-е изд., испр. и доп. – М.: Высш. школа, 1979. – 269 с.
45. Гинзбург Р.С. Значение слова и методика компонентного анализа // Иностранные языки в школе. 1978. – №5, – С. 21-26.
46. Головня А. И. Омонимия как системная категория языка: автореф. дис. канд. филол.наук: 10.02.19 / Анастасия Ивановна Головня. – Минск, 1996. – 22 с.
47. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (ГЗАҲТ). Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
48. Грамматикаи забони тоҷикӣ (ГЗТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. 1. – Сталинобод, 1956. – 232 с.
49. Ғаффоров Р. Вазифаҳои услубии калимаҳои омонимӣ ва сермаъно // Мактаби советӣ. № 8.– 1990. – С. 16-18.
50. Давлатов О. Аз сермаъноӣ ба амал омадани омонимия ва фарқи онҳо аз калимаҳои сермаъно / О. Давлатов. – Маърифат, 1999.
51. Давлатов О. Омограф шудани исм бо феъл // Мактаби советӣ. – №11. – 1981. – С. 15-18.
52. Давлатов О. Омографҳои лексикӣ // Мактаби советӣ. – 1985. – №3. – С. 23-27.
53. Давлатов О. Омоморфемаи -о // Мактаби советӣ. – 1984. – №8. – С. 18-20.
54. Давлатов О. Хелҳои омонимия дар забони тоҷикӣ // Мактаби советӣ. – №3. – 1988. – С. 10-17.
55. Давлятова Ч.А. Омонимия как системная категория (на материале) таджикского языка) дисс. ... канд. филол. Наук: 10.02.19 - Теория языка. Институт языка и литературы им. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. 2017. – 327 с.

56. Джаматов С.С. Роль конверсии в словообразовании английского языка // Вестник педагогического университета имени С. Айни (серия филология). –Душанбе, 2013. – № 1 (50). – С. 351-353 (на тадж. яз.).
57. Джаматов С.С. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков. дис. … док. филол. наук: // С.С. Джаматов. – Душанбе, 2015. – С.137-142.
58. Джураева М.С. Синтаксическая терминология таджикского и английского языков: структурно-семантический анализ: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.02.19 // Марджона Садриддиновна Джураева. – 2019. – 24с.
59. Дубичинский В.В. «Ложные друзья» переводчика русского, английского, французского и испанского языков. Харьков: Харьк. политех. ин-т, 1991. – 28 с.
60. Есперсен О. Философия грамматики / О. Есперсен. – М., 1958. – 400 с.
61. Жигадло, В.Н. Современный английский язык. Теоретическая грамматика // В.Н. Жигадло, И.П. Иванова, Л.И. Иофик. – М., 1956. – 349 с.
62. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексика ва морфология // Душанбе: Нашр. УДТ, 1981. – Қисми 1. – 101 с.
63. Забони адабии хозираи точик (ЗАҲТ). Лексикология, фонетика ва морфология. 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 450 с.
64. Задорожный М.И. О границах омонимии и полисемии / М.И. Задорожный. – М.: МГУ, 1979. – 71 с.
65. Звегинцев В. А. История языкознания Х1Х-ХХ веков в очерках и извлечениях / В. А. Звегинцев. - 3-е изд. – М., 1965. - Т.2. – С. 85-93.
66. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ – Душанбе: Дониш, 1987. – 234 с.
67. Зеҳнӣ Т. Калимаҳои наздикталаффуз / Шарқи сурх. – №11. – 1956. – С.103-115.
68. Зеҳнӣ Т. Калимаҳои шинос ва шиносшаванда / Т. Зеҳнӣ – Душанбе: Маориф ва маданият. 1964. – 335 с.
69. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон. 1979. – 326 с.

70. Иванова И.П. Об историческом рассмотрении омонимии // Проблемы сравнительной филологии. – 1981. – №1. – С. 204-210.
71. Ильиш Б.А. История английского языка / Б.А. Ильиш. – М.: Высшая школа, 1968. – 420 с.
72. Инькова О.Ю. Лексическая интерференция в итальянском и французском языках: проблема «Ложные друзья переводчика»: дис. … канд. филол. наук / М., 1992. – 225 с.
73. Кабиров Ш. Роҷеъ ба масоили ҳамнишинии вожаҳо // Ахбороти АФ ҶТ. Серияи Шарқшиносӣ, таърих, филология. 1991. – №4. – С. 30-34.
74. Камянова Т. Грамматика английского языка, теория и практика / Т. Камянова. – М., 2015. – 1024 с.
75. Каримова М.Т Степень изучения омонимов в таджикском языке // М.Т. Каримова. Актуальные вопросы филологии. Российско-таджикский (Славянский) Университет – 2009. – №3. – С. 86-93.
76. Каримова М.Т. Заимствование - важный фактор омонимизации слов // М.Т. Каримова. Учёные записки ХГУ: гуманитарные науки. – 2012. – №2 (30). – С. 76-82.
77. Каримова М.Т. Пути образования омонимов и их семантическая классификация в таджикском языке: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.22 / Каримова Мукаддас Турсунбоевна. – Душанбе, 2013. – 158 с.
78. Каскулова М. М. «Ложные друзья переводчика» и обучение чтению газет на немецком языке // Общественно-политический и научный текст как предмет обучения иностранным языкам. М., 1987. – С. 158-168.
79. Кацнельсон С.Д. Выступление на дискуссии по вопросам омонимии // С.Д. Кацнельсон. Лингвистический сборник. – М., 1960. – Вып. 4. – С. 86-87.
80. Колесников Н. П. Изучение проблем омонимии в современном языкознании Текст. Н. П. Колесников // Вопросы русского языкознания. Русский язык и наука о нем в советский период. – Куйбышев, 1978. – С. 24-35.

81. Комилов М.М. Омонимия в современной философской терминологии в таджикском и английском языках // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – №2 (74), 2018. – С. 146-149.
82. Комиссаров В.Н. «Ложные друзья» переводчика в структуре английского высказывания // Журнал переводчиков «Мосты». 2005. № 2. – С.15-17.
83. Комиссаров В.Н., Коралова А.Л. Практикум по переводу с английского языка на русский. Учебное пособие для ин-тов и фак-тов иностр. яз. М.: Высшая школа, 1990. – 127с.
84. Конецкая В.П. Исследования лексических омонимов // Исследования по английской лексикологии. –1961. – №2. – С. 84-110.
85. Корнилова Л.И. Разграничение полифункциональных единиц языка и грамматических омонимов (об учёте качественных характеристик функционирования). Л.И. Корнилова // Сопоставительное изучение семантической динамики. – М., 1986. – С. 127-132.
